**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»**

ТДУ: 72.36 (2 тоҷик)
С-20

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин**

# ХУСУСИЯТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ ТАВАССУТИ ТАЪРИХУ КИШВАРШИНОСӢ

**Д И С С Е Р Т А Т С И Я**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ
аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи
педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

**Роҳбари илмӣ**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
Ашурова Шаҳло Кулобиевна

Бохтар-2024

## МУНДАРИҶА


| | |
|---|---|
| **Ихтисораҳо**..................................................................................... | 2 |
| **ИХТИСОРАҲО**.............................................................................. | 3 |
| **Муқаддима**...................................................................................... | 4 |
| **Тавсифи умумии таҳқиқот**............................................................. | 10 |
| **Боби 1. Асосҳои назариявии ҷараёни тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ** | 19 |
| 1.1. Назарияи масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ дар таърихи педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ............................................................. | 19 |
| 1.2. Ҷанбаҳои психологию педагогии кишваршиносии таърихи ватанӣ дар рушди шахсияти хонандагони синфҳои болоӣ................. | 78 |
| 1.3. Моҳият мазмун ва хусусиятҳои тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути фанҳои таъриху кишваршиносӣ.......................................................................................... | 96 |
| Хулосаи боби якум........................................................................... | 112 |
| **Боби 2. Таҳқиқоти озмоишӣ доир ба тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ** | 116 |
| 2.1. Тавсифи таҳқиқи озмоиши тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути кишваршиносӣ.......................................... | 116 |
| 2.2. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ оид ба тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ бо истифода аз усулҳои таърихи кишваршиносӣ..................................................................... | 139 |
| Хулосаи боби дуюм............................................................................ | 162 |
| **Хулосаҳо** | 163 |
| 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия.......................................... | 163 |
| 2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо................................ | 166 |
| **Номгӯи адабиёт** | 167 |
| 1. Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда.......................................... | 167 |
| 2. Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ... | 183 |

## Ихтисораҳо

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КТХ** – кори тахассусии хатмкунӣ

**ФТК** – фарқиятҳои таълимии кабӣ

**ҶИД** – ҷамъияти илмии донишҷӯён

**МТМУ** – муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

**МТОК** – муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

**ВАО** – васоити ахбори омма

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҳолати кунунии сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвари тозаистиқлоламон ба робитаҳои гуногунсамт замина гузошта, ба кори тарбияи ватандӯстии наврасону ҷавонон, ки омили асосии пешрафту таҳкимбахши оромиву субот маҳсуб мегардад, таъсири амиқ мегузорад.

Робитаҳои иҷтимоӣ ба афкори ҷамъият таъсиргузор буда, барои дар сатҳи зарурӣ баровардани низоми тарбияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллии сокинон мусоидат намуд. Дигаргун гардидани сохти давлатдорӣ, интихоби самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ, амалӣ сохтани низоми демократӣ дар раванди кори давлатдорӣ дар давоми 32 соли соҳибистиқлолӣ натиҷаҳои назаррас ба бор оварданд, ки имрӯз натанҳо аз ҷониби сиёсатмадорону таҳлилагарони дохилӣ, балки хориҷӣ низ эътирофу писандида мебошанд.

Дар натиҷаи ин сохтмони ҷомеаи шаҳрвандие бомуваффақият ба амал меояд, ки дар он ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд кафолат дода мешавад. Ба ин муносибат дар соҳаи маориф дигаргуниҳои азим ба амал омаданд.

Стандартҳои давлатии маориф, аз ҷумла нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо, китобҳои дарсӣ ва методикаи таълим аз нав дида баромада шуданд. Тағйироти мазкур ба ташаккули эҳсоси инсонпарварӣ, ғояҳои миллӣ ва арзишҳои демократӣ асос ёфтааст, ки дар таълиму тарбияи насли наврас муносибати навро тақозо мекунад. Бо ин мақсад, муассисаҳои таълимӣ ба хонандагон на танҳо маҷмуи донишҳои дар барномаи таълимӣ муқарраргардидаро медиҳанд, балки шахсияти ҳамаҷониба инкишоф ёфта ва шаҳрванди ҷомеаи демократиро низ тарбия менамоянд. Шахсеро, ки ватанашро дӯст медорад ва ҳамчун шаҳрванд дар ободии ҷомеа саҳми арзанда мегузорад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки тарбияи ватандӯстӣ ва хештаншиносии шахсӣ

ҳамчун падидаи мусбат ба ахлоқ ва шуури инсонҳо таъсиргузор мебошад. Асосан шуури ватандӯстӣ дар заминаи маърифати амиқи арзишҳои милливу давлатдорӣ, арҷгузорӣ ба заҳмати ниёгон, иззату эҳтироми инсонҳо, саҳму талош варзидан дар ҷараёни корҳои бунёдкорву созандагӣ, ки маҳз дар масири дарозои таърихи ғании миллатмон бавуҷуд омадаву шакли муаян гирифтааст, фаҳмида мешавад. Хислатҳои инфиродии шахс низ маҳз ба ин омилҳо иртибот дошта, ба пайравӣ аз корҳои шоистаи ниёгон ва тарбияи худогоҳии шахс мусоидати фаъол мекунанд.

Дар шароити бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо, авҷ гирифтани низоъҳои динию мазҳабӣ, гаравиши ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ, нигаронии ахлоқу рафтори қисме аз наврасону ҷавонон моро водор месозад, ки дар таълиму тарбияи ин қишри осебпазири ҷомеа тадбирҳои судманду саривақтӣ андешида, аз василаҳои таъсиргузори маънавӣ самаранок истифода намоем. Барои расидан ба ин ҳадафҳои пешгузошта таҳким бахшидани робитаҳои се ниҳодҳои иҷтимоӣ: муассисаҳои таълимӣ, ҷомеа ва муҳити оила муҳим буда, ба рушди сифатҳои ахлоқӣ ва эҳсоси ватандӯстиву худшиносии хонандагон таъсири амиқ мегузорад.

Дар давраи муосир, ки раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ба амал омада истодааст, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун як узви ҷомеаи ҷаҳонӣ аз таъсири он дар канор буда наметавонад ва моро зарур аст, зимни таълиму тарбияи насли наврас ин навгониҳо ва дигаргуниҳоро дар мадди назар дошта бошем.

Бар асоси ин баррасӣ, тарбияи дурусти ҷавонони ҷумҳурӣ бо дар назар гирифтани хусусиятҳои миллӣ аҳамияти хосса пайдо карда, мубрамияти интихоби мавзуро таъмин мекунад. Фаъолияти босамари омӯзгорон дар раванди таълиму тарбияи хонандагон таъсиргузор буда, ба бедории эҳсоси ватандӯстиву худшиносии миллӣ, парваридани муҳаббати самимӣ нисбат ба ин сарзамини аҷдодӣ ва ҳифзи хоки поку муқаддаси меҳан мусоидат мекунад.

Тарбияи ватандӯстӣ маънои дар хонандагон тадриҷан ва устуворона ташаккул додани меҳру муҳаббат нисбат ба Ватанро дорад. Ватандӯстӣ яке

аз хусусиятҳои муҳимтарини шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта маҳсуб меёбад. Дар мактаббачагон бояд ҳисси ифтихор нисбат ба Ватан ва халқи худ, эҳтиром нисбат ба корнамоиҳои бузург ва саҳифаҳои шоёни гузаштаи худ ташаккул ёбад. Барои он ки хонанда дар руҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбият ёбад, бояд, ки дар худ сифатҳои зарурии ахлоқӣ ва ватандӯстиро ташаккулу инкишоф диҳанд. Ин албатта вақти тулониро талаб менамояд.

Интихоби роҳи дуруст ҷиҳати ташаккул додани шахсият, эҳтиром ба арзишҳои табиӣ ва табиати Ватан, саҳми созанда гузоштан дар ҷомеа ба интихоби худи инсон вобастагии калон дорад. Ин ва дигар омилҳо мавзуи таҳқиқоти мазкурро муайян намуданд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Инкишофи масъалаи тарбияи ватандӯстии ҷавонон мураккаб буда, дар чорроҳаи як қатор илмҳои ҷамъиятӣ ва гуманитарӣ қарор дорад. Ҳарчанд дар ин рисола ин масъала аз мавқеи педагогӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта бошад ҳам, бо вуҷуди ин, зарурати истифодаи дастовардҳои чунин соҳаҳои ҷомеашиносӣ, аз қабили таърих, фалсафа, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, психологияи иҷтимоӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ба таҳқиқи масъалаи тарбияи ватандӯстиву худшиносии милии наврасону ҷавонон китобу рисолаҳои муҳаққиқони ватанӣ, аз ҷумла асарҳои олимони тоҷик М. Лутфуллозода «Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин» (2006), У.З. Зубайдов «Таълими тафриқа: проблема, мулоҳиза, воқеият» (2001), М. Ғоиб «Меҳри ватан» (2023), Ҳ. Муродиён «Такомули нутқи хонандагон зимни маводи кишваршиносӣ» (1997), С.Ш. Саидов «Пайвастагии мутақобилаи се ниҳоди иҷтимоӣ дар ташаккулёбии муносибатҳои хонандагон аз назари Абдураҳмони Ҷомӣ» (2018), Қ.С. Абдураҳимзода «Назарияи таълим» (2016), Ф. Шарифзода «Ҳикмати афкори педагогии ниёгон» (2012), бахшида шудаанд. Мутолиаи амиқ ва дар амал татбиқ намудани назрияи ин пажӯҳишгарон дар самти боло бурдани эҳсоси ватандӯстии сокинон, ба хусус нарасону ҷавонон мусоидат мекунад ва дар

омӯзиши масъалаҳои ташаккули хислатҳои шахсияти шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз ҷумла хонандагони синфҳои болоӣ аҳамияти зиёд доранд. Кор карда баромадани масъалаи ташаккули шахсияти хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асарҳои омӯзгорон ва психологҳои намоёни рус ва аҳди шуравӣ аҳамияти зарурӣ дошта, барои мавзуи тадқиқоти мо заминаи муҳимми назариявӣ гардиданд. Дар ҷараёни таҳқиқу арзёбии масъалаи мавриди назар мо аз кори таҳқиқотии А.Я. Варга «Назорати касбӣ барои психологияи оилавӣ» (2022), Д. Дюи «Психология ва педагогика» (1999), С.В. Ковалев «Психологияи оилаи солим» (1988), С. Исаев «Анъанаҳои халқӣ ва таҷрибаи тарбияи меҳнатӣ дар оила» (1974) истифода кардем, ки ба арзиши илмии кор мусоидат намуд.

Асарҳои академики Академияи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор М.Л. Лутфуллозода барои тарбияи шаҳрвандӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти бузурги илмӣ ва амалӣ доранд. Монографияҳои ӯ «Эҳёи педагогикаи Аҷам» (1997), «Тоҷикистони соҳибистиқлол ва масъалаҳои маориф» (2001), «Педагогикаи шафқат» (1994), «Дидактикаи муосир» (2001) ва «Китоби шарафи миллӣ» (2003) масъалаҳои гуногуни таълиму тарбияи насли наврасро дар мактаб дарбар мегиранд.

Дар илми педагогӣ заминаҳои муайяни назариявӣ ба вуҷуд омадаанд, ки барои ҳалли масъалаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ дар фаъолияти таърихӣ-кишваршиносӣ шароит фароҳам меоранд. Омӯзиши ҷанбаҳои фалсафӣ, психологию педагогии тарбияи ватандӯстӣ дар байни хонандагони синфҳои болоӣ ва мавқеъҳои идеологии он ро дар асарҳои таҳқиқотии муҳаққиқони соҳа В.Н. Дружинин «Психологияи оила» (2008), И.В. Дубровина «Психология ва психотерапия» (2000), Э.Г. Эйднмиллер «Психология ва психотерапеияи оила» (1999), А.Я. Варга «Назорати касбӣ барои психологияи оилавӣ» (2022), Д. Дюи «Психология ва педагогика» (1999), С.В. Ковалев «Психологияи оилаи солим» (1988), С. Исаев «Анъанаҳои халқӣ ва таҷрибаи тарбияи меҳнатӣ дар оила» (1974) ва дигарон

низ паҳлуҳои мухталифи масъалаи тарбияи ватандӯстӣ ва интернатсионалистиро мавриди баррасӣ ва пажуҳиш қарор дода, оид ба масъалаи мавриди назар андешаҳои ҷолиб ва дархур иброз намудаанд. Масъалаи тарбияи ватандӯстиро онҳо аз буъдҳои мухталиф ба риштаи таҳқиқ кашида ба як хусусияти ниҳоят муҳимми он ки аз умқи ботини инсон бармехезад, ишора кардаанд. Масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ дар як қатор китобҳои дарсӣ ва воситаҳои методии оид ба педагогика дарҷ шуда, дар маводи конференсияҳои илмӣ, симпозиумҳо, ҳуҷҷатҳои расмӣ, публитсистикаи сиёсӣ низ инъикос ёфтаанд.

Дар ҳалли масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ дар илми педагогикаи ватанӣ аз осори классикони тоҷику форс аз қабили Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Саъдӣ Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ инчунин шоирону нависандагони адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ, Лоиқ Шералӣ, Сотим Улуғзода, Муҳаммад Ғоиб, Озар Салим, Фарзонаи Хуҷандӣ хеле ба囊 таври моҳирона истифода шудааст. Адибони зикршуда осоре ба мерос гузоштаанд, ки саропо панду насиҳат ва тарбия мебошад. Онҳо дар ин осори безавол масоили таълиму тарбияро мушикофона ба риштаи насру назм кашида, пешкаши мардум кардаанд.

Дар назари аввал бисёр сода, аммо масъалаи муҳимми зиндагӣ - омӯзиш ва тарбия дар ҳаёт мавқеъ пайдо кардани шахсро матраҳ кардааст. Дар осори адабиёти беш аз ҳазорсолаи мо аз ин қабил ганҷинаҳо зиёд аст:

Ин масъала дар осори донишмандони рус, аз қабили М.С. Андреев «Шарҳи мухтасари баъзе хусусиятҳои тоҷикон» (1930), А. Бобринская «Ҳақиқати Шарқ» (1948), Б.Ғ. Ғафуров «Таърихи халқи тоҷик» (1952), М.М. Дяконов «Халқҳои Осиё» (1981), Н.А. Кисляков «Этнография дар Тоҷикистан» (1989), Б.А. Литвинский «Таърихи халқи тоҷик» (2009), М.А. Раҳимов «Шогирдони командаи «Резервҳои омӯзгорони меҳнатӣ» (1980), Н.Н. Негматов «Абуалӣ ибни Сино ва давраи ӯ» (1980) дар баробари ҳамтоёни руси хеш перомуни масъалаи тарбияи ватандӯстӣ таҳқиқотҳои

бунёдӣ анҷом дода, саҳми назарраси хешро дар ин масъала гузоштаанд.

Дар асарҳои онҳо ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ, роҳҳои истифодаи хотираи таърихии халқи тоҷик дар фаъолияти педагогии омӯзгорон инъикос ёфтааст.

Академик М. Лутфуллозода дар асарҳои илмии худ бо номи «Тоҷикистони соҳибистиқлол ва масъалаҳои маориф», «Китоби ифтихори миллӣ» унсурҳои муҳимми тарбия аз қабили: тарбияи миллӣ, тарбияи худшиносӣ, тарбияи ватандӯстӣ, тарбияи инсондӯстӣ, ахлоқӣ, тарбияи маънавӣ ва монанди инҳоро мушаххас намудааст.

Дар рисолаи илмии А. Қаландаров аҳамияти хоссаи масъалаи тарбияи ватандӯстӣ дар байни омӯзгорони мактабҳои ноҳияҳои наздисарҳадӣ муайян карда шуда, таъкид шудааст «дар ин минтақаҳо зарурати пурзӯр намудани тарбияи ватандӯстӣ, аз ҷумла тарбияи ватандӯстии хонандагон ба миён омадааст» гарчанде дар дигар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи мамлакат ин масъала ба таври пурра ҳаллу фасл нашудааст.

Дар илми педагогикаи тоҷик ба омухтани масъалаи тарбияи ватандӯстӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Мушкилоте, ки дар ин намуди таълим ба миён меоянд, аз он иборат аст, ки бунёди ҷомеаи демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди илмии тарбияи ватандӯстӣ, ворид намудани унсурҳои тарбияи ватандӯстӣ ба мазмуни фанҳои таълимӣ дар мактабу донишгоҳҳо, на ҳамеша иҷро карда шуда, ба ин масъала камтаваҷҷуҳӣ зоҳир мегардад. Масъалаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ бо истифода аз фанни кишваршиносӣ, ки татбиқи самарабахши неруи тарбиявии таърихи кишваршиносиро дар фаъолияти муассисаи таълимӣ таъмин менамояд, то ҳол пурра омӯхта нашудааст. Тазодҳои назариявии мавҷудаи тадқиқот ва коркарди нокифояи илмии масъала интихоби мавзуи тадқиқотии «Масъалаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ»-ро муайян кардааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои

илмию таҳқиқотии кафедраҳои педагогика ва методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои солҳои 2008-2024 анҷом дода шудааст. (Рақами қайди давлатӣ дар Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон №699/01.0 з/и аз 09.04.2024).

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** аз ҷиҳати назариявӣ ва дар амалияи педагогӣ ба таври таҷрибавӣ асоснок намудани хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ.

**Объекти таҳқиқот:** фаъолияти таълимӣ ва тарбияи хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот:** раванд ва хусусиятҳои ташкили корҳои синфӣ ва беруназсинфӣ дар муассисаҳои таълимӣ оид ба тарбияи ватандӯстӣ бо истифода аз таърихи кишвар.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

– баррасии ҳамаҷонибаи пайдоиши тарбияи ватандӯстии донишомӯзони синфҳои болоӣ бо такя ба фанни таърихи диёр ва муайян намудани самтҳои рушди тараққии он дар замони муосир;

– таъйини муҳтаво ва мундариҷаи вежагиҳои тарбияти меҳандӯстии донишомӯзони синфҳои болоӣ бо такя ба таърихи меҳани аҷдодӣ;

– тақвияту таҳкими равишҳои тарбияти меҳанпарасатӣ дар фаъолиятҳои фориғаздарсӣ ва омӯзиши маконҳои таърихии маҳалли зисти донишомӯзону хонандагон ҷиҳати боло бурдани худшиносӣ ва эҳсоси ватандустӣ ва меҳанпарастии онҳо.

**Фарзияи таҳқиқот.** Тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ ба ташаккули шахсияти рушдёфта мусоидат мекунад, **агар**:

– муносибати нав ба тарбияи маънавии хонандагони синфҳои болоӣ таҳия ва тадбиқ карда шавад;

– ҳадафу муҳтавои тарбия ба ташаккули шаҳрванди ватандӯст тавассути

таърихи кишваршиносӣ мутобиқ гардонида шавад;

– аз омӯзгорон донистани ҷузъҳои таркибии ватандӯстӣ ва таърихи кишваршиносӣ талаб карда шавад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Ҷамъоварии мавод, омӯзиш ва таҳлили адабиёти вобаста ба мавзуъ ва объекти таҳқиқот, нашри мақолаҳои илмӣ ва таҳияи диссертатсия дар тамоми давраҳои таҳқиқотӣ (солҳои 2008-2024) дар се марҳила иҷро гаридааст.

– *марҳилаи аввал (солҳои 2008-2009)* бо истифода аз фанни таърихи кишвар, зиддиятҳо ва омилҳое, ки ба самаранокии кори тарбиявӣ бо хонандагони синфҳои болоӣ таъсир мерасонанд, муаян карда шуда, доир ба вазъи проблемаи тарбияи ватандӯстӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ омӯзиш ва таҳлили назариявӣ гузаронида шуд. Ҳамзамон, таҷрибаи таълими таърих дар МТМУ муайян намудани аппарати консептуалӣ, методологияи таҳқиқот ва тартиб додани барномаи кори таҷрибавӣ ҷамъбаст карда шуд.

– *марҳилаи дуюм (солҳои 2009-2010)* асосҳои илмию методии ҳалли масъалаи тадқиқот асоснок карда шуда, иқтидори фаъолияти таърихӣ-кишваршиносӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои боло муайян карда шуд, маводи таълимии таҷрибавӣ (саволнома, тестҳо) таҳия карда шуданд, супоришҳо, мавзуъҳои маърузаю реферат ва иҷрои барномаи корҳои таҷрибавӣ оид ба санҷидани асоснокии илмии фарзия дар гурӯҳҳои назоратию озмоиши МТМУ №6, №9, №10, №12 шаҳри Бохтар, МТМУ №1 ва №20 ноҳияи Кӯшониён ва МТМУ №12, №2, №3 ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон гузаронида шуд.

– *марҳилаи сеюм (солҳои 2010-2024)* натиҷаҳои фаъолият санҷида шуда, барномаи корӣ ислоҳ карда шуд. Муқаррароти асосии фарзия санҷида шуда, хулосаҳои назариявӣ ва натиҷаҳои ниҳоии тадқиқот дар таҷрибаи васеи формативӣ дар асоси МТМУ №6, №9, №10, №12 шаҳри Бохтар ва МТМУ №1, №20 ноҳияи Кӯшониён ва МТМУ №12, №2, №3 ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон коркард ва ба низом даровarда шуда, ба матни асосии кор ворид карда шуданд.

**Асоси назариявии таҳқиқотро** назарияи таҳсилот, фалсафа, таърих, таҳсилот ва тарбияи шаҳрвандӣ, педагогика, психология, сотсиология, фарҳангшиносӣ, мантиқ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027», Консепсияи миллии маълумоти ҶТ, Консепсияи миллии тарбия, ҳуҷҷатҳои муҳимми директивии Ҳукумат ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мавзӯи баҳси онҳо соҳаи маориф ва масоили аз ҷониби мо таҳқиқшавандаи педагогика ташкил медиҳанд.

Дар таҳқиқоти мазкур **методу усулҳои** зерин мавриди истифода ва татбиқ қарор дода шудаанд: равиши бонизом нисбати назария ва амалия бо баҳисобгирии мавзӯи таҳқиқот, таҳлили маводи манбаъшиносӣ, қонунҳо ва асноди соҳаи маориф, омӯзиш ва таҳлили асарҳои педагогӣ, психологӣ, сотсиологӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ, ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ, инчунин таҳлили нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо ва китобҳои дарсӣ. Дар кори мазкур инчунин чунин методҳо, ба монанди: озмоиши педагогӣ дар мактаб бо иштироки хонандагон, омӯзгорон ва муҳаққиқон, пурсишнома, мусоҳиба, тестикунонӣ, мубодилоти афкор, кори сотсиометрӣ, таҳлили натиҷаҳои амалӣ ва дар асоси он баҳогузории сифати нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо ва китобҳои дарсӣ, ҷамъбасти маводи омӯхташуда аз рӯйи назария ва амалия дар ҳошияи мақсад ва вазифаҳои мавзӯи таҳқиқот мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** ғояҳои фалсафӣ**,** сотсиологии муносибати системавии фардии фаъолият дар таълим ва тарбияи ватандӯстӣ ба ҳайси шахсият бо дарназардошти таҷрибаи таърихӣ, равияҳо, тазодҳо ва дурнамои рушди ҷомеа ва муассисаи таълимӣ, қонуниятҳои психологию педагогӣ ва принсипҳои тарбияи шаҳрвандӣ, инчунин «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» ва «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» ташкил медиҳад.

**Сарчашмаи маълумот.** Луғатҳои соҳавии педагогӣ, нашрияҳои мухталиф, монографияҳо, воситаҳои таълимӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф, нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ ба ҳисоб меравaнд.

**Заминаҳои эмпирикӣ**:

– таҳлили назариявии адабиёти фалсафӣ, педагогӣ, психологӣ, таърихӣ ва кишваршиносӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, нақшаҳои таълимии муассисаҳои таълимӣ, дастурҳо оид ба таърих, кишваршиносӣ ва педагогикаи осорхонавӣ;

– таҳлили таҷрибаи фаъолияти тарбиявии МТМУ, осорхонаҳои мактабӣ ва кишваршиносӣ оид ба тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ;

– усулҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ, аз ҷумла таҷрибаҳои муайянкунанда ва ташаккулдиҳанда;

– муқоиса ва умумӣ;

– усулҳои ташхис (саволнома, тест, суҳбат, мубоҳиса);

– истифодаи вазъиятҳои тарбиявӣ, мушоҳидаи мақсадноки талабагон, таҳлилҳои шахсӣ.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон. МТМУ №6, №9, №10, №12 шаҳри Бохтар, МТМУ №1, №20 ноҳияи Кӯшониён ва МТМУ №12, №2, №3 ноҳияи Ховалинг, осорхонаҳои таърихию кишваршиносии назди муассисаҳои таълимӣ мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

– омӯзишу таҳлили ташаккули эҳсоси ватандӯстиву худогоҳии хонандагони синфҳои болоӣ дар заминаи осору таҷрибаи амиқи ниёгон ва бодарназардошти падидаҳои замони муосир мушаххас гардида, самтҳои афзалиятнок дар ин ҷода муайян шуданд;

– моҳият, мазмун ва хусусиятҳои тарбияти меҳанпарастии донишомӯзони синфҳои болоӣ бо такя ба осори таърихӣ ва маҳалли зисти хонандагон дар машғулиятҳои синфӣ ва фориғаздарсӣ ва умури эҷодии онҳо тасбит намуд, ки ин қабил фаъолиятҳо мунҷар ба боло рафтани худшиносии

донишомӯзон ва меҳанпарастии онҳо хоҳад шуд;

– муҳтаво ва мундариҷаи возеҳу равшан, шаклу равишҳои тадрис, ки боровании раванди тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути фанни кишваршиносӣ дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлолро таъмин мекунанд, дар амалияи корҳои тарбиявӣ ва корҳои фориғаздарсӣ асоснок ва ба таври таҷрибавӣ санҷида ва пешниҳод шудаанд;

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– асосноккунии омилҳое, ки ҳамчун воситаи муҳими тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ дар заминаи маводи таъриху кишваршиносӣ мусоидат мекунанд;

– кори пурбор ва пурсамари муассисаҳои таълимӣ дар масири меҳанпарастӣ ва боло бурдани худшиносии хонандагони синфҳои болоӣ дар ҷараёни машғулиятҳои фориғаздарсӣ;

– ҷалби донишомӯзону хонандагон ба корҳои донишандӯзӣ, ки дар ҷараёни фарогирии таърихи маҳалли зисти онҳо роҳандозӣ мегардад;

– умури инфиродӣ ва муштараку дастаҷамъонаи эҷодии хонандагону донишомӯзони синфҳои болоӣ дар ҷодаи сайёҳӣ, таърих, кишваршиносӣ ва музейҳо, мунҷар ба боло рафтани эҳсоси ватанпарастии онҳо мегардад;

– ошноии бештару амиқтарии хонандагони синфҳои болоӣ ва куллан донишомӯзони макотиб ба маконҳои таърихии маҳалли зисти хеш ва маконҳои дигари таърихии мамлакат ва шахсиятҳои таърихӣ боиси боло рафтани эҳсоси ватанпарастӣ, худшиносии онҳо ва арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллӣ ва эҷоди эҳсоси баланди меҳанпрастию ватандӯстӣ дар ботини онҳо гашта, мунҷар ба тақвияту таҳкими устувори ин эҳсос мегардад;

– боровар́ӣ ва самарбахшии ҷараёни тарбияти меҳанпарастӣ ва ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ ба корҳои муштараки эҷодӣ, омӯзишӣ ва доир кардани корҳои тадқиқотӣ алоқаманд мебошад: таҳияи иншо, иҷрои тарҳҳои донишҷӯён оид ба таърих ва тамаддуни кишвар, кори муштараки донишҷӯёну омӯзгорон дар семинарҳо, омода намудан ва доир кардани мулоқоту суҳбатҳои хислати ватандӯстидошта.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшудаи он имкон медиҳанд имкониятҳои тарбиявии фаъолияти таърихию кишваршиносӣ баланд бардошта шуда, самтҳои минбаъдаи ҷустуҷӯйи воситаҳои муассири кори кишваршиносӣ бо мақсади тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ ҳамчун сифатҳои шахсӣ дар ҷомеа пешниҳод карда шаванд. Инчунин дар мундариҷа ва усулҳои дар рисола барои корҳои дастаҷамъона ва мустақилонаи хонандагони синфҳои болоӣ (дар лоиҳа, ҷустуҷӯ, фаъолияти илмӣ ва ғ.), дар синфҳои ҳамгирошудаи таърих, осорхона, таърихи кишваршиносӣ ва рисола пешниҳодшудаи кори таҳқиқотӣ инъикос ёфтаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти** илмӣ дар ҷараёни кори таълиму тарбияи ватандӯстиву худшиносии хонандагони синфҳои болоӣ такия меамояд. Истифодаи дурусти маводи таъриху кишваршиносӣ дар ҷараёни кори тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ бо роҳу усулҳои санҷидашуда баррасӣ гардида, натиҷаҳои назаррас низ ба даст омаданд. Зимни арзёбии масалаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ дар такя бо осори таъриху кишваршиносӣ моро ба натиҷае овард, ки дар ин самт осори арзишманди ниёгон, анъанаву суннатҳои миллӣ, шарҳу тавзеҳи корнамоиҳои шахсони ватандӯст ва маърифати он ба шаклгирии шахсияти ҳамаҷонибаи замон мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар марҳилаи аввали раванди кори таълиму тарбия ба унсурҳои таъсиргузори тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таълимӣ таваҷҷуҳ ва мусоидат карда шавад. Зеро замони муосир тақозо мекунад, ки омезишу шаклдиҳии амиқи зуҳуроти таъсиргузор дар кори тарбияи ватандӯстии хонандагон бо дарназардошти фарҳанги оламгир вусъат дода шавад.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмии** диссертатсионӣ ба мазмуни бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошанд:

− **Саҳми шахсии** *банди 3.2* Аппарати консептуалии педагогика, омӯзиши асосҳои методологии таълим ва тарбияи шахс;

– *банди 3.3.* Мавқеъ ва нақши педагогика дар ҳаёти маънавии ҷомеа, инсон ва донишҳои илмӣ;

– *банди 3.5.* Пешгӯии педагогӣ (тадқиқоти методология ва усулҳои пешгуии тараққиёти педагогика ва маориф, муайян кардани перспективаҳои тараққиёти онҳо дар мамлакати мо ва берун аз он);

– *банди 4.1.* Асоснок кардан ва татбиқ намудани консепсияҳо, системаҳои педагогӣ, тадқиқоти равишҳои ташкил ва такмили раванди интегралии педагогӣ;

– *банди 4.1.1.* Муайян намудани шароити оптималии ташаккули шахсият дар раванди таълим;

– *банди 4.1.2.* Муайян ва таҳияи роҳҳои муттаҳидсозии мактаб, оила ва ҷомеа дар татбиқи тарбияи мақсадноки шахсият;

– *банди 5.1.* Таҳлили рушди таърихии амалияи институтсионалӣ ва ғайриинститутсионии маориф, сиёсати давлат дар соҳаи маориф ва танзими ҳуқуқии он;

– *банди 5.1.1.* Омӯзиши ташаккул ва инкишофи афкори педагогӣ, консепсияҳо, назарияҳо, мероси педагогии омӯзгорони барҷастаи замони гузашта;

– *банди 7.1.* Ҳаракати навоварона дар таълим, фаъолияти таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ, умумигардонӣ, паҳн ва ҷорӣ намудани навигариҳои педагогӣ;

– *банди 7.1.1.* Тағйироти системавӣ дар фаъолияти касбӣ ва педагогии омӯзгор;

– *банди 7.1.5.* Фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи маориф, ҳамкории сотсиалии муассисаҳои таълимӣ.

**довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори диссертатсия, муайян кардани мақсаду вазифа, объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии натиҷаи таҳқиқот, таҳия ва нашри

мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таълифи диссертатсия таҷассум меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсионӣ амалан дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот (солҳои 2008-2024) гузаронида шудааст. Муқаррароти асосии назариявӣ ва натиҷаҳои тадқиқот дар ҷаласаҳои илмии кафедраҳои педагогика ва психология, методикаи таълими таърих ва ҳуқуқ, таърихи халқи тоҷик ва конференсияҳои илмии ҳарсолаи дохилидонишгоҳии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима карда шудааст. Дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ «Таҳқиқотҳои педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир» (Душанбе, 2023), «Талаботи замони муосир ба қобилиятҳои педагогӣ-психологии омӯзгор», (Кӯлоб, 2023), «Конференсияи апрелии устодону донишҷӯён бахшида ба рӯзи илми тоҷик», (Бохтар, 2024), «Мактаби сарварии Пешвои миллат» (Бохтар, 2023), «Рушди илмҳои таърих ва ҷомеашиносӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон» (Қӯрғон-Теппа, 2015) ба нашр расонида шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 14 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 3-тояшро монография, дастурҳои таълимӣ, 6-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида, 4-тояш дар алоҳидагӣ, ва 5-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», ду боб, бахши «Хулосаҳо» бо зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Охирсухан», бахши «Номгӯи адабиёт» бо зербахшҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 184 саҳифаи матни компютерии бо ёрии

протсессори Microsoft Word ҳарфчиншуда иборат буда, 18 расму диаграмма ва 2 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар ду боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 199 номгӯй мебошад.

# БОБИ 1
# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ҶАРАЁНИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ ТАВАССУТИ ТАЪРИХУ КИШВАРШИНОСӢ

## 1.1. Назарияи масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ дар таърихи педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ

Тағйироти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки дар ҷомеаи муосир ҷараён дорад, дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла соҳаи маориф, азнавсозиҳои қатъиро талаб менамояд. Рушди дилхоҳ давлат ба як қатор омилҳои объективӣ ва субъективӣ вобастагӣ дошта, дар шароити муосир нақши омили субъективӣ тақвият меёбад.

Аз дараҷаи шуурнокии ҳар як узви ҷомеа ва муносибати ӯ ба масъалаҳое, ки ҳалли онҳо бар зиммаи давлат аст, рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа бастагӣ дорад.

Тарбияи ватандӯстӣ, ки баҳри бедорсозии эҳсоси муҳаббат ба Ватан, садоқат ба кишвари хеш, саъю кӯшиши бо меҳнату саҳмгузорӣ ба рушди мамлакати худ мусоидат намудан асос меёбад, дар тарбияи насли наврас нақши муҳим мебозад.

Дар ҷомеаи муосир таваҷҷуҳ ба тарбияи ватандӯстии ҷавонон бо якчанд сабаб аҳамияти муҳим пайдо кардааст:

– дараҷаи маълумотнокии насли наврас дар робита ба пешрафтҳои ногузири техникаву технология меафзояд;

– раванди демократикунонӣ ва шаклгирии системаи бисёрҳизбӣ барои дарки муҳтаво ва моҳияти ватандӯстӣ аз тарафи ҷавонон мушкилоти муайянеро ба бор меоварад;

– наврасон ва ҷавонон таҷрибаи кофии зиндагӣ надоранд ва имкон дорад, дар дарк ва фаҳми масоили меҳанпарастӣ ва ватандӯстӣ ба каҷроҳа бираванд.

Муҳиммияти таҳқиқи масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ бо нокифоягии коркарди назариявии масъала дар шароити муосир муайян мегардад. Тавре ки таҳлили адабиёти илмӣ-педагогӣ ва таҷрибаи кории муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳанд, ба тарбияи ватандӯстии хонандагон диққати зарурӣ дода намешавад. Илова бар ин, таҷрибаи ғаниеро, ки оид ба самти корҳои тарбиявӣ дар давраи шуравӣ ҳосил шудаанд, дар шароити имрӯза ба таври мукаммал истифода бурдан имконнопазир мегардад.

Тарбияи ватандӯстӣ аз ҷумлаи он масоилест, ки мавриди таҳқиқи олимони зиёди ватаниву хориҷӣ қарор гирифтааст. Масъалаи мазкур дар пажӯҳишҳои В.Г. Белинский [33, С. 779], К.Д. Ушинский [171, С. 527-530], И.Я. Лернер [107, С. 221] ва корҳои олимони тоҷик М. Лутфуллозода [123, С. 176], Қ.С. Абдураҳимзода [2, С. 21], Ҳ. Муродиён [137, С. 56], У. Зубайдов [78, С. 117], Ф.Ф. Шарифов [179, С. 176], И.Х. Каримова [87, С. 28] ва дигарон матраҳ гардидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ибтидои солҳои 90-уми асри XX чун марҳилаи ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ тавсиф мегардад. Ин замоне буд, ки арзишҳои нав рӯйи кор меомаданд ва бархӯрду муносибат ба масоили ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ шаклу муҳтавои ҷадид касб мекард. Мутобиқ ба андешаи педагогии солҳои 20 -уми қарни XX, масоили тарбияти ватандӯстии ҷавонон чун далели шаклгирии ҷавонон ба ҳайси субъекти ҳокимияти мардумӣ баррасӣ мегардид.

Пас аз гузашти айём бори аввал ба самти сиёсати иҷтимоӣ мароқ зоҳир гардида, вежагиҳои зерини тафаккури меҳанпарастӣ ва ватандӯстӣ бармало карда мешаванд:

– хидмат ба меҳан;

– содиқ будан ба мамлакати хеш;

– тайёрӣ ба иҷрои вазифаи шаҳрвандӣ ва амсоли инҳо. Ҳамзамон, эътироф гардид, ки тарбияти ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ поя ва шолудаи аслии иттиҳоду ҳамбастагии миллат ва устувории давлат маҳсуб меёбад. Асли тарбияи ватандӯстӣ ва меҳанпарастиро шуури ватанпарастии шаҳрвандон ташкил медиҳад, ки аз аъмоқи андешаи онҳо маншаъ мегирад. Василаҳои тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ ва рушди

арзишҳои маънавии онҳо аҳамияти баланди илмӣ-назариявӣ дошта, дар ин самт ҳамоҳангии ниҳодҳои гуногуни илмӣ, ҷамъиятӣ, иттилоотӣ зарур мебошанд.

Аз ин рӯ, дар замири хонандагони синфҳои болоӣ ҷойгир намудани эҳсоси ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ бо шаклҳои гунонун, аз ҷумла машғулиятҳои таълимӣ, чорабиниҳои илмӣ-фарҳангӣ, бозиҳои интеллектуалӣ ва варзишӣ имконпазир мебошад.

Тарбияи ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ кору фаъолияти ҳадафнокест, ки ба шаклгирии арзишҳо, сифат, меъёрҳои муносибату рафтори инсон ва эҳсоси ватандӯстӣ нисбат ба Ватани хеш равона гардидааст. Куллан, мафҳуми ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ ишқу муҳаббат ба зодгоҳ, сарзамини аҷдодӣ, садоқат ба мамлакати худро ифода мекунад.

Дар тули тамоми таърихи инсоният масъалаи ватандӯстӣ, муносибат ба Ватан ҳамеша дар мадди назари мутафаккирон, ходимони ҷамъиятӣ, олимон ва педагогҳо буд. Саргузашти миллати сарбаланди тоҷик, пеш аз ҳама саҳифаҳои дурахшони он, барои эҳёи арзишҳои миллӣ, тарбияи ватанпарастии ҷавонон ва умуман, насли наврас намунаи ибрат мебошад.

Таърих собит сохтааст, ки мафҳуми ватандӯстӣ ҷараёни бисёрасра дошта, он аз давраи қадим оғоз ёфта, то ба ҳол ба таври васеъ дар илми педагогика ва осори гузаштагони мо васеъ истифода бурда мешавад. Тоҷикон зери мафҳуми ватандӯстӣ ахлоқ, мусоидат ба зисту зиндагии халқ, дарки он чун ғояи ваҳдати миллӣ, ҳифзи Ватан, ифтихори миллӣ, ғояи баробарҳуқуқии халқҳо, вазифа ва муҳиммияти ахлоқ дар назди ҷомеа, масъулият дар назди ҷомеа ва кишвару миллатро медиданд.

Ин ҷо месазад, ки аз таърихи бойи халқи тоҷик боифтихор ёдоварӣ кунем, ки намунаҳои барҷастаи ватандӯстии гузаштагонро дар худ таҷассум кардааст. Чунончи, қаҳрамониҳои бемисли Деваштичу Спитамени диловар, Муқаннаъу Темурмалик бар зидди истилогарони аҷнабӣ намунаи барҷастаи ифтихори ватандории гузаштагон мебошад.

Ҳаким Фирдавсӣ дар асари безаволаш - *«Шоҳнома»* ба мазмуни

ватандӯстӣ ва инсондӯстӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудааст, ки айни ҳол яке аз асарҳои дӯстдоштатарини ориёиҳо, алалхусус миллати фарҳангсолори тоҷик, мебошад. Дар «Шоҳнома» масоили ҷанг ва сулҳ матраҳ гардида, ватандӯстӣ, қаҳрамонии ҳақиқӣ дар роҳи халқу Ватан чунин тараннум карда мешавад:

*Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,*

*Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.*

Инчунин, мавзуъҳои қарзи фарзандӣ назди халқу миллат, ваҳдати миллӣ, дӯстиву бародарӣ, инсондӯстӣ, ватандӯстӣ дар «Шоҳнома» мақоми махсус доранд.

Ҳангоми таҳқиқоти илмӣ ба мо ошкор шуд, ки омили муҳимми иҷтимоию педагогии тарбияи ватандӯстӣ Истиқлолият ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Маҳз истиқлолияти давлатӣ аст, ки ба корҳои таълимию тарбиявӣ диққати ҷиддӣ дода, талаботҳои навро тақозо менамояд. Имрӯз аз ин дастоварди бебаҳо 32 сол пур шудаву аз шаҳрвандон тақозо дорад, ки ҳазорсолаҳои дигар онро чун гавҳараки чашм нигоҳ доранд.

Яке аз арзишҳои муҳимми ҷамъиятӣ ин эҳсоси ватандӯстӣ мебошад, ки ба ҳама соҳаҳои хоҷагии ҷомеаву давлат хос аст ва яке аз сарватҳои муҳимтарини маънавии шахсияти бакамолрасида мебошад. Ватандӯстӣ дар кирдору рафтори шахсият, ташаббусҳои созанда барои кишвари худ, эҳтиром ба Ватану миллат, донистани таърих, фарҳанг, дастоварду арзишҳои маънавии халқ зуҳур меёбад.

Ҳоло ватандӯстӣ на танҳо ҳамчун ҷузъи муҳимтарини арзишҳои иҷтимоӣ, балки чун заминаи рушди маънавӣ-ахлоқӣ, геологӣ, фарҳангӣ-таърихӣ, ҳарбӣ-таърихӣ ва ғайра фаҳмида мешавад.

Замони нави иҷтимоӣ, муҳити нав, воқеияти нав ва идеологияи нави ҷомеа дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахри омода сохтани кадрҳои педагогӣ вазифаҳои нав мегузорад. Дар замони соҳибистиқлолӣ як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқии давлатие қабул гардидаанд, ки мақсаду вазифаҳои рушди маълумотро муайян месозанд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон *«Дар бораи маориф»*, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон *«Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ»*, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон *«Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон»* ба ин гурӯҳ шомил мебошанд.

Вазифаи тарбияи насли наврас, мутахассисоне, ки ба талаботу рушди ҳозираву ояндаи давлат мувофиқат менамоянд дар ин санадҳои меъериву ҳуқуқӣ гузошта шудааст. Асоси маълумотро принсипҳои пайдарпайӣ, ё худ системанокӣ ва дастрасӣ ташкил медиҳанд. Унсурҳои асосии таркибии он таълим ва тарбия, аз ҷумла тарбияи мутахассиси баландихтисоси оянда мебошад, яъне дар қатори таълим тарбия низ мақоми махсус дошта, вазифаи муҳимми низоми маълумоти олӣ ба ҳисоб меравад (расми 1).




**Расми 1. – Амсилаи унсурҳои асосии таълим дар МТОК**

Тарбияву ба камол расонидани мутахассиси баландихтисоси ҷомеаи муосир бояд мақсаду мароми ягонаи ин самтҳо бошад. Бинобар ин, бояд мо дар бораи чигунагии вижагиҳои касбии мутахассиси имрӯза тасаввуроти комил дошта бошем.

Мафҳуми тарбияи ватанпарастӣ ва меҳанпарастӣ ва таҳкиму тақвияти он дар ботини навомӯзону хонандагон ва наврасону ҷавонон дар Консепсияи миллии тарбия чунин ифода ёфтааст: *«Ватанпарастӣ арзиши муқаддас ва аз ҳама муҳимтарини тарбия мебошад, ки он дар мафҳумҳое, аз қабили хона, кошона, диёр, макон, кишвар, сарзамин, Ватан, Меҳан, зодгоҳ, марзу бум, сарой ва амсоли инҳо ифода меёбад»*. Тамоми бандҳои дигари тарбия ба ҳамин банди асосӣ муртабит буда, манзур аз садоқату сарсупурдагии инсон ва шаҳрванд мебошад [2-М].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон дар баромаду суханрониҳои худ пайваста таъкид менамоянд, ки мо бояд насли наврасу ҷавони кишварро дар руҳияи ватанпарастӣ, ифтихор доштан аз таъриху фарҳанги пурғановати миллӣ тарбия намуда, ба камол расонем. Чунин ашхос имрӯзу ояндаи миллату давлатро метавонанд боз ҳам рушд диҳанд. *«Танҳо шахси воқеан ватандӯст метавонад дилсӯзона ба тамоми ҳастӣ ҳифзи амният ва ободии Ватани худро таъмин созад - таъкид менамояд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон»* [96].

Дар давраи муосир, вақте ки мо якҷоя бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба асри XXI қадам гузоштем, вазифаи ҳифзу ғанӣ гардонидани бойигарии маънавие, ки халқ ба вуҷуд овардааст, ба миён гузошта шуда буд. *«Ҷараён ва тараққиёти мамлакат, - қайд кардааст Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, – ба саъю кӯшиши насли созандаву эҷодкор бевосита алоқаманд мебошад. Бинобар ин, агар ҳоло мо дар тарбияи ворисони маълумотнок, доно ва содиқи анъанаҳои миллии халқи худ бемасъулиятӣ зоҳир намоем, ифтихори миллии мо сатҳӣ ва танҳо бо ному дастовардҳои ниёгони бузургамон маҳдуд мегардад»* [96]. Тавре аз гуфтаҳои боло бармеояд, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи ворисони масъулиятнок таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, дар назди масъулин шарт ва масъалагузории ҷиддӣ менамояд, ки саривақтӣ мебошад.

Дар аввали асри XXI миллати фарҳангии тоҷик дар назди интихоби тарбияи шахсияти бакамолрасида, ки ҷавобгӯйи манфиатҳои халқу миллат бошад, меистод ва он ба фаҳмиши зарурати ҷустуҷӯйи муносибатҳои нав ба масъалаи матраҳгардида, хусусан нисбат ба насли наврасу ҷавон, оварда расонд. *«Тарбия дар шароити нав талаботи ҷомеа ва беназир буда, ба танзими фаъолияти ҳаётии инсон ва ба пеш бурдани тамоми ҷомеа равона шудааст»* [169].

Ин зарурати коркарди корҳои пайдарпайи мақсаднокро дар ин самт ба бор овард ва ба қабули як қатор қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қабили: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон *«Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон»*, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон *«Дар бораи маориф»*,

Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, *«Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳуввияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022»* ва монанди инҳо оварда расонд.

Инкишофи илму техника ва навоварӣ, мақоми баланди маълумот дар замони муосир ба он далолат мекунад, ки асри XXI асри инқилобҳои иҷтимоӣ ва пешрафти илму техника, асри маълумоти мукаммал  аст, ки ба рушду ташаккули шахсияти нав равона гардидааст ва он бе такомули ҷараёни тарбиявӣ имконнопазир мебошад.

Дар масъалаи ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қабули *«Копсепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»*, ки дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Вазорати маориф ва илм коркард ва аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон тасдиқ шудааст (5 марти соли 2006, № 94, шаҳри Душанбе), мавқеи махсусро ишғол менамояд [169].

Амалигардонии ҳуҷҷати мазкур ба такмили усулҳои тарбияи инсон равона шудааст. Ин ҷо диққати махсус ба он дода мешавад, ки инсонҳо на танҳо дорои  маҷмуи муайяни донишҳо, балки, пеш аз ҳама, чун инсони фаъол, бомасъулият, маълумотнок, дорои ҳадафи муайян, боэътимод, дорои ахлоқи баланд, манфиатҳо, устувории маънавӣ, ки ба ҳифзи миллату давлат равона гаштааст, баромад мекунанд.

Таҳқиқоти иҷрошуда ошкор намуд, ки тафриқаи мафҳумҳои Ватан ва кишвар ба додани тавсифи мукаммали ватандӯстӣ мушаххас гардида, дарки ҷузъҳои таркибии он имкон медиҳад, ки асосҳои инвариантӣ (ибтидои *«табиӣ»*-и ватандӯстӣ) ва тавсифи вариантӣ (инъикоси хусусиятҳои рушди ҷомеаи мушаххас дар давраи муайяни инкишофи он) кашф гарданд.

Дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ тарбия намудани хонандагони синфҳои болоӣ дар такя ба осори таъриху кишваршиносӣ метавонад ҳамчун василаи мафкурасоз дар баробари дигар ниҳодҳои давлатӣ ва иттиҳодияву ҷамъиятҳо мусоидат намояд. Ҳамкориҳои ҷиддиву судманди  мақомоти

давлатӣ бо муассисаҳои таълимии ҳама зинаи таҳсилот ва ташкилоту воситаҳои гуногуни маърифатию иттилоотӣ боиси рушди шуури наврасону ҷавонон гардида, аз падидаҳои ҷомеаи муосир маҳсуб ёфта, ба баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстӣ ва иҷрои босифати уҳдадориҳои шаҳрвандӣ мусоидат мекунад.

Моҳияти мафҳуми *«ватандӯстӣ»*-ро шуури ватандӯстии ҳар як фард ташкил дода, он таркибан бо ҳисиёти ахлоқиву маънавӣ, ки дар рафтору гуфтор, фаъолият ва собитсозии ақоиду ғояҳои демократӣ равона гардидааст, таҷассум меёбад.

Ватандӯстӣ чун феномени иҷтимоӣ-педагогӣ маҷмуи мукаммали соҳаҳои зеҳнӣ, эҳсосотӣ-арзишнокӣ ва рафтории шахсиятро дар бар мегирад.

Дар дарозои таърих, баробар бо рушди давлатҳои абарқудрат, васеъгардонии ҳудудҳо дарку фаҳмиши мардум доир ба Ватан ва ҳисси ватандӯстӣ, ки таърихан решаҳои қадима дорад, ташаккул ёфт. Тавре ки Зардушт дар *«Авасто»* ҳифзи чор сарчашмаи муқаддаси ҳаёттаъминкунанда - замин, об, ҳаво, оташ ва бо меҳнати худ, бо нияти пок, рафтори нек, гуфтори нек афзун намудани ин бойигариро васият кардааст. Зардушт васият намуд, ки *«Муқаддасоти худро бо номи Замин, чун модари худ, чун гаҳвораи инсоният ва маъвои зиндагӣ аз ҳама гуна нокомиву бадбахтиҳо эмин гардондан лозим аст, Ватани худро ҳимоя кунед»* [169]. Зардушт ба таълимгирандагони худ эҳсоси муҳаббату садоқат ба Ватан ва масъулияти баланд доштанро дар назди он ҳамчун Модари худ тарбия намуд. Ба менталитети миллати тоҷик хусусияти миллӣ ба ин маънӣ ҷасуриву устуворӣ, таҳаммулпазирӣ, шуҷоату далерӣ ва мардонагӣ хос мебошад.

Миллати тоҷик расму оин ва анъанаҳои бузургеро, ки дар китоби муқаддаси *«Авасто»* зикр гардидаанд, эҳтиром менамояд. Аҷдодони мо дар бораи инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, муҳаббат ба халқу Ватан осори арзишманде эҷод намудаанд.




**Расми 2. – Амсилаи маърифати арзишҳои милливу фарҳангӣ ва саҳмгузорӣ дар пешрафти ҷомеа**

Алалхусус, дар эҷодиёти классикони тоҷик - Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Низомии Ганҷавӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва монанди инҳо ин масъала ба қалам дода шуда, ҳазорсолаҳо боз ин осор ҳамчун сарчашмаи ғизои маънавии инсоният хизмат менамоянд. Ишқу муҳаббат нисбат ба меҳан дар қишрҳои гуногуни ҷомеа дорои вежагиҳои хеш мебошад. Ба хотири он ки инсонҳо мухталифанд ва онҳо аз ҳаводису вақоеи рӯзгор ва таълиму тарбияе, ки мегиранд, бардоштҳои мухталиф доранд, ҳар яки онҳо Ватан ва меҳани худро бо тарз ва усулҳои мунҳасир ба фард дӯст медоранд. Ин навъи дӯстдорӣ дар ниҳояти кор мунҷар ба ҷаҳонбинии онҳо мегардад. Аз ин рӯ, ин қабил ватандӯстӣ ва меҳанпрастиро «иҷтимоӣ- синфӣ ё сиёсӣ» ном бурдан имконпазир аст.

Ҳамин тариқ, метавон чунин хулоса кард, ки дараҷа ва сатҳи ватандӯстӣ ва меҳанпарастии одамон ва ба вежа ҷавонон, ба дарку фаҳм ва бардошти онҳо, инчунин, эҳсоси ботинии онҳо, ки аз хурду резаҳои гуногуни ҳаёт маншаъ ва сарчашма мегиранд,  алоқаи ногусастанӣ дорад. Хеле муҳим аст, бидонем, ки наврасону ҷавонони мо дар чи шароит ва муҳите бузург мешаванд ва хислату хӯйи онҳо шакл мегирад. Аз ин рӯ, моро лозим аст, ки тамоми имконоту шароити мусоидро барои дуруст шакл гирифтани хислату характери наврасону ҷавонон муҳайё кунем. Онҳоро дар гардишҳои сахти рӯзгор танҳо нагузорем ва ҳамеша ба мадади онҳо омада, роҳи дурустро ба онҳо нишон дода, дар интихоби масири дурусти зиндагӣ ба онҳо роҳнамоӣ кунем. Имрӯзҳо сахтарин яроқи душманони мо ин таҳоҷуми фарҳангӣ ва шустушӯйи мағзии ҷавонони аз назари андешаву дарк ноустувори мо мебошад. Ватан, зодгоҳ ва маконе, ки инсон дар он ҷо чашм мекушояд, барои ҳар шахс азиз аст. Чун аввалин эҳсос, бӯ, ранг, тамъу лаззатро дар ин макон чашида ва ламс кардаем ва ин эҳсоси ширинро мо ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунем. Аммо ин эҳсос метавонад ба нафрат низ мунҷар шавад, агар тифл, бача, наврас ва ҷавон дар ҳоли шаклгирии характер ва хӯйи хеш ба ноадолатӣ ва ноҳаққӣ рӯ ба рӯ шавад. Ин ҷо бояд муҳтот бошем.  Ҷавонони мо бояд улгу, намуна ва муттако дошта бошанд. Улгу, намуна ва муттако ба

мисли чароғи роҳнамое мебошад, ки ҷавононро дар баҳри пурталотуми зиндагӣ роҳнамоӣ мекунад. Имрӯзҳо беҳтарин улгу ва намуна афкору андеша ва пайкори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Фаъолияти ватандӯстонаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ки дар бештар аз 32 соли истиқлолият барои Ватани маҳбубамон Тоҷикистон анҷом додааст, беҳтарин намунаи ватандориву ватанхоҳист ва месазад, ки ҳазорсолаҳо дар таърих бо оби тилло сабт гардад [169].

Ватандори ҳақиқӣ ҳамраъйии онҳоеро мекунад, ки ватани ӯро рушд медиҳанду пояҳои давлатдориашро мустаҳкам месозанд ва муқобили онҳоест, ки зиёни ватанашро хоҳонанд. Ӯ якҷоя бо дигар ҳамватанони ватандӯсту худогоҳи худ муқобили онҳое, ки бар зиёни давлат гом мебардоранду душманӣ меварзанд, мубориза мебарад. Бинобар ин, фаҳмидани он ки дар ҷомеа чи чеҳраҳое бо ниқоби ватандӯстӣ амал мекунанду дар асл фанои кишварро мехоҳанд ва осоиши ҷомеа аслан ҳадафи онҳо набудаву нест, муҳитро ба харобӣ мувоҷеҳ месозанд ва тарзи ҳаёти носолимро заминагузорӣ мекунанд, кори душвор нест.

Ихтилофандозӣ дар ҷомеа, рақобатҳои ноҷо бо аъзои ҳизбҳои сиёсии дигар, ҷангу ҷидоли ҷавонони як деҳа бо деҳаи дигар, шаробнӯшӣ, нашъамандӣ, муносибатҳои ғайринизомномавию ғайриқонунӣ дар артиши миллӣ, даст задан ба амалҳои коррупсионӣ, зуҳури шаклҳои гуногуни бевиҷдонӣ ва беҳурматӣ ба миллату давлати худ аз хислатҳои бади одамон, бавежа ҷавонони мо мебошад. Дар замони муосир шаҳрванди ватандӯст он аст, ки марзи худро ҳимоят менамояд, забон, урфу одатҳои миллӣ ва арзишҳои диниву ахлоқии худро дӯст медорад ва муқобили хоиноне, ки ба манфиатҳои миллии мо сангпартоӣ менамоянд, ҷавоби созгор медиҳад.

Моҳияти донишҳои педагогӣ ба мо нишон медиҳанд, ки эҳсоси ватандӯстиро дар инсон метавон ҳам тарбият намуд, ҳам бо роҳи даъват ба вуҷуд овард. Барои ин, пеш аз ҳама, ба рушди маънавияти инсон ҳангоми таълиму тарбия таваҷҷуҳ зоҳир намудан лозим аст. Ва ин худ заминагузори

тарбияву зуҳури эҳсоси ватандӯстӣ хоҳад гашт. *«Ватандӯстӣ тавассути дарки ботинии инсон, тавассути дарки мансубияти худ ба халқ, Ватан ва умуман, ба тамоми инсоният ба вуҷуд меояд»*. Аз ин лиҳоз, пеш аз ҳама, шахсият бояд тарбия карда шавад, чунки бе ҳисси ватандӯстӣ шахсият нокомил аст. Бе шахсият ҳар нафар ба инсони ноқисе мубаддал мегардад, ки дарки лозимаи инсонии ҳаётро надорад. Зарур аст, то ки насли наврас сифатҳои хуби инсониро гум накунад. Барои ин мо бояд инсонро тарбия намоем, парвариш кунем, маънавиёти ӯро ғанӣ гардонем. Бинобар ин, тарбияи ватандӯстӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарину наҷибтарини ҷомеа мебошад. Ба тарбияи инсон на танҳо муаллим, балки пеш аз ҳама падару модар, баъдан аҳли деҳа, ноҳия ва дар маҷмуъ, кулли шаҳрвандони мамлакат бояд талош биварзанд. Таваҷҷуҳи бевоситаи ҳукумат аст, ки дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистони азиз қонунҳое қабул гардидаанд, ки ба манфияти аҳли ҷомеа мебошанд. Махсусан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон *«Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»* аз ҷумлаи чунин ҳуҷҷатҳои ояндасоз ба ҳисоб меравад.

Тарбияи ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ қабл аз ҳама ба шароит ва вазъияти иҷтимоию сиёсӣ алоқаманд буда, ин вазъият асл ва таҳдоби онро мушаххас менамояд, ки ҳамзамон, ба арзишҳои умумибашарӣ робитаи ногусастанӣ дорад.

Шарҳи мафҳумҳои “ватандӯстӣ” ва “тарбияи ватандӯстӣ" дар луғатҳои тафсирӣ, фалсафӣ, сиёсатшиносӣ, фарҳангшиносӣ, педагогӣ, энсклопедӣ ва ғайра дода шудааст.

Мувофиқи ин шарҳҳо, ватандӯстӣ муҳаббат ба Ватан, ҳамбастагӣ бо таърих, фарҳанг, дастовардҳо буда, бинобар сабаби нотакрориву тағйирнаёбандагии худ, ки асоси маънавиёти ахлоқии шахсиятро ташкил менамояд, мавқеи шаҳрвандӣ ва талабот ба хизмати шоиста, ҷонфидоӣ ба Ватанро ташаккул медиҳад.

Ташаккули ватандӯстӣ ва маданияти муносибатҳои байналмилалӣ, ки дар рушди иҷтимоӣ-шаҳрвандӣ ва маънавии шахсияти тарбиягиранда

аҳамияти беандоза доранд, қисми муҳимтарину таркибии ҷараёни тарбиявӣ мебошад. Танҳо дар асоси доштани ҳисси баланди ватандӯстӣ ва арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ муҳаббат ба Ватан мустаҳкам мегардад. Ҳисси масъулиятнокӣ барои иқтидор, номусу истиқлолият, ҳифзи арзишҳои моддиву маънавии ҷомеа ба вуҷуд меояд, эътибори шахсият рушд меёбад.

Дар педагогикаи шуравӣ масъалаи тарбияи ватандӯстии насли наврас аз ҷониби олимон И.А. Каиров [83, С. 366], А.С. Макаренко [130, С. 415], М.А. Терентий [170, С. 208] ва дигарон коркард шудааст.

Арзёбии ҷанбаъҳои фалсафӣ ва педагогию психологии масъала ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ ба эҳсоси ватандӯстӣ ва ташаккули сифатҳои ахлоқиву маънавии шахсият таъсиргузор мебошад.

Бо дарназардошти оне, ки тағйиротҳо дар ҷомеаи муосир рух медиҳанд, муайян намудани хусусиятҳои ватандӯстӣ ва тарбияи ватандӯстӣ дар замони имрӯза хело зарур мебошад.

Дар тарбияи насли наврас мактаби маълумоти умумӣ нақши асосиро мебозад ва бинобар масъалаҳои коркардаи назарияи тарбияи ватандӯстӣ муҳиммияти хоссаеро касб менамояд.

Омӯзишу таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тарбияи ватандӯстии шахсият дар маркази таваҷҷуҳи донишмандону пажӯҳишгарон қарор дошта, педагогону равоншиносон ва файласуфон дар ин ҷода аз воситаҳои гуногуни таъсиррасон, ки ба арзишҳои умумиинсонӣ, эҳтироми калонсолон, фазилаи илмомӯзиву касбазхудкунӣ, арҷгузорӣ ба суннатҳои ниёгон ва меҳр доштан ба хонавода мусоидат мекунанд, истифода намудаанд. Имрӯз ҳам аз ин осори арзишманди ниёгон дар ҷараёни кори тарбияи ватандӯстии хонандагон васеъ истифода мебаранд.

Дар таълимоти педагогии донишмандони Юнони Қадим, бахусус Перикл, Суқрот, Демокрит, Эсхил ва Эврипид дида баромадани инсон ва муносибати ӯ ба давлат омили асосӣ мебошад. Ба андешаи ин донишмандон, тарбияи инсони идеалӣ ва ҳамаҷониба аз эҳсоси ватандӯстиву худшиносӣ, ҳифзи манфиатҳои миллату давлат маншаъ мегирад ва ба мустаҳками

пояҳои давлатдорӣ асос мегузорад. Ин фарзия дар осори бузургони болозикр бо фикру мушоҳидаҳои судманд ва далелҳои дақиқ зикр шудааст. Чунин ғоя, ки ба арзишҳои маънавӣ асос мегузорад, чун бойигарии фарҳангӣ ва илмӣ пазируфта мешавад.

Фикри асосӣ дар ин асарҳо васфи ҳисси ватандӯстӣ ва рафтори одамонест, ки ягонагии шаҳрвандӣ ва ахлоқӣ-маънавии худро дарк менамоянд.

Ба андешаи Суқрот, *«Мафҳумҳои умумӣ ва тағйирнаёбандае мавҷуданд, ки онҳоро инсон бояд фаҳмад ва ба қатори онҳо ӯ муҳаббат ба Ватанро дохил намояд»*.

Нуқтаи назари донишманди дигар - Демокрит чунин аст, ки агар инсон хушахлоқ аст ва ба доштаи худ қаноат мекунад, инчунин қарзи ҷамъиятии худро дар назди халқ эҳсос менамояд, ин аллакай натиҷаи тарбия мебошад.

Ба ақидаи Я. А. Каменский, дар кӯдакон тарбия намудани талошу кӯшиш ҷиҳати хидматгузорӣ ба инсонҳо асли тарбия мебошад. Дар китоби ӯ бо номи *«Дидактикаи бузург»* чунин омадааст: *«Ҳамон вақт дар корҳои хусусию ҷамъиятӣ хушбахтӣ ба вуҷуд меояд, ки агар ҳама хоҳиши ба манфиати умум кор корданро дошта бошанд»* [95, С. 288].

М.М. Краков ҳадафи аслии тарбияро дар одамон ташаккул додани ҷонибдорӣ ва ҳифзи манофеи шахсӣ ва ҷамъиятӣ мепиндорад. Ба андешаи ӯ, агар қалби инсон барои дӯст доштани инсонҳои дигар дари худро кушояд ва ақли инсон дар масири донишандӯзӣ қарор гирад, метавон бо итминони комил иброз дошт, ки як ватандӯсти ҷадид арзи ҳастӣ кардааст. Ба пиндори ин донишманд, тарбияе, ки аз ҷониби ниҳодҳои давлатӣ ва дастандаркорон ташкил ва роҳандозӣ мегардад, дар кӯдакону наврасон эҳсоси баланди меҳандӯстӣ ва ватанпарастиро тарбия намуда, мунҷар ба тарбияи миллӣ мегардад. Ӯ дар бораи воҷиб будани тарбияи ватандӯстӣ ва ватанпарастӣ ибрози андеша намуда, чунин мефармояд: *«Кори неки шахси бофарҳанг муҳаббат ба адолат ва Ватан ва марзу бум ва зодгоҳи хеш мебошад»* [100, С. 18].

Н. П. Милонов дар асари хеш бо номи *«Нақшаи тарбияи миллӣ»* қайд кардааст, ки кӯдакон бояд дар руҳияи меҳнатдӯстӣ, садоқат ба Ватан, омода будан ба дифои он ва хидматгузор будан ба фарзандони он тарбия ёбанд [135, С. 198].

Назарияи мактаби меҳнатиро коркард намуда, А.Н. Виршаков қайд намудааст, ки *«Мактаб бояд дар кӯдакон хизмат расонидан ба рафиқону давлатро тарбия намояд, инчунин тарбияи одамонеро, ки мақсадҳои давлатиро мефаҳманду тарафдорӣ мекунанд, сипозгузорона хизмат мерасонанд, қонунҳоро эҳтиром мекунанд, ба роҳ монад»* [54, С. 160].

Донишмандон, олимон ва муҳаққиқони рус доир ба масоили тарбияи ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ рисолаҳои зиёде таълиф намудаанд. Донишмандони тоҷик низ дар ин радиф дар канор намонда, андешаҳои бикр ва ҷолиби диққат баён намудаанд. Агар мо ба осори адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик аз ин зовия чашм андозем, мебинем, ки дар он осор чи ганҷҳои нодире нуҳуфтааст. Масалан, яке аз фарзонагони миллат Бобоҷон Ғафуров чунин мефармояд: *«Инсони ҳақиқӣ ва фарзанди Ватан як мафҳуманд, агар ӯ чунин пиндорад, ки марги ӯ ба тавоноии кишвараш тавоноӣ зам мекунад, пас ҷони худро барои Ватан ва марзу буми хеш нисор мекунад»*. Ӯ чунин фикр мекунад: *«Оне, ки ба шунидани номи Ватан дилаш шоду фараҳбахш мегардад, наҷиб мебошад»* [55, С. 976].

Донишманди варзидаи тоҷик А. Қаландаров дар нигоштаи хеш ба номи *«Панд ба тарбиятгирандагон»* чунин фармудаанд: *«Дар дили фарзандон ғунҷонидани рафтору кирдорҳои неки гузаштагон, ки як насли бузургро ҷовид гардониданд, ташкил намудани мусобиқаҳои ҳақиқиест, ки барои ҷамеа муфиданд»* [84, С. 19].

Ӯ асли кори тарбияро чунин мешуморад: *«Пурзӯр гардонидани таълими чунин фанҳое, ки ба талқин кардани муносибат ба имон ва рафтори нек, муҳаббат ба Ватан мусоидат намоянд, зарур аст»* [84, С. 19].

Муҳиммияти тарбияи ватандӯстиро олими дигари рус С.Л. Рубинштейн таъкид карда буд. Ба андешаи ӯ, тарбия бояд инсонро ба умури давлатдорӣ

ва ҷомеа ва дар маҷмуъ, ба зиндагӣ омода намояд *«дар ӯ мафҳумҳо ва иродаро дар руҳияи қонуну талаботҳои он ҷамъияте, ки дар он инсон зиндагӣ мекунад, доираи он соҳае, ки ӯ бояд амал намояд, ташаккул диҳад»* [157, С. 328]. Ба шолудаи аслие, ки тарбияи ахлоқии инсонро мушаххас менамояд, мавридҳои зерин шомиланд:

– эҳсоси мазҳабӣ;
– дарку фаҳми осор ва пайкори фарзонагони миллат;
– муҳаббат ба зебоӣ ва ҳақиқат;
– муҳаббат ба Ватану миллат.

Принсипи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоиро яке аз педагогони машҳур К.Д. Ушинский омили муҳимми ташаккули шахсият дониста, ба рушди хислатҳои ҳамида, аз қабили инсондӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, масъулиятшиносӣ замина мегузорад. Маҳз тавассути меҳр варзидан нисбат ба Ватан ва ташаккули маърифати меҳнатдӯстӣ шахсият ба вуҷуд омадаву дар ҷомеа мавқеъ пайдо мекунад. *«Нест одаме, ки худбин набошад, ҳамон тавр шахсе нест, ки ватанашро дӯст надорад ва ин муҳаббат ба тарбия намудани ҳақиқӣ ба дили инсон такягоҳи пуриқтидор барои мубориза бо тамоюлҳои бади табиӣ, шахсӣ, оилавӣ ва наслии ӯ медиҳад»* [171, С. 527-530].

В.Г. Белинский низ дар навбати хеш асли тарбияи ахлоқии кӯдакону наврасонро дар рушд додани эҳсоси баланди инсонӣ ва меҳанпарастӣ ва ватандӯстӣ дар ботини онҳо пиндоштааст: *«Дилхоҳ шахсияти наҷиб қаробати хунӣ, алоқаи хунии худро бо кишвари хеш амиқ дарк менамояд. Дӯст доштани Ватан маънои хоҳиши пурҷӯшу хурӯши дар он дидани татбиқи идеалҳои инсоният ва ба қадри имкон ба он мусоидат карданро дорад»* [33, С. 799].

Ду тан аз муҳаққиқони рус бо номҳои П.Ф. Каптерев [86, С. 80] ва Н.П. Милонов ба масоили тарбия рӯ оварда, ҳадафи аслии тарбияро дар омода намудани шаҳрвандон ва дар кулл инсонҳо ба дӯст доштани марзу буми аҷдодӣ муайян кардаанд. Аз ин рӯ, ҷавононро лозим аст, ки илмҳои

замонаро аз худ намуда, дар ҳаёту зиндагӣ гомҳои дуруст бардошта, хидматгузори инсонҳои дигар бошанд ва ҳамеша дар рафтору пиндори хеш аз ҳақиқат ва ростқорию ростқавлӣ кор бигиранд. Дар худ эҷодкорӣ ва навовариро тарбият кунанд [135, С. 198].

Халқи тоҷик низ арбобони барҷастаи худро дар ин соҳа дорад. Чунончи, классикони мо, аз қабили мутафаккирони бузурги Шарқ Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Умари Хайём, Аҳмади Дониш ва дигарон оид ба масоили тарбияи ватандӯстӣ як қатор асарҳо ва гуфторҳои тарбиявию ахлоқӣ ба мерос гузоштаанд, ки дар рушди маънавии инсон саҳми беандоза мегузоранд.

Қобили зикр мебошад, ки дар давраи шуравӣ низ донишмандони тоҷик, нависандагон ва олимоне, аз қабили  Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Сотим Улуғзода, Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Абулқосим Лоҳутӣ ва садҳо нафари дар осори хеш андешаҳои нобу бикр перомуни Ватан, ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ баён доштаанд. Амсоли:

Танида ёди ту дар тору будам, Меҳан, эй Меҳан,

Бувад лабрез аз ишқат вуҷудам, Меҳан, эй Меҳан.

Аз баррасии андешаҳои муҳаққиқони соҳа маълум мегардад, ки масъалаи тарбия ҳанӯз аз давраҳои хеле дур пайдо шуда, дар ташаккули шахсияти ҷамъиятӣ мақоми хос доштааст.

Бинобар ин, омӯзиши мероси бойи ғоявӣ-педагогии мутафаккирони асримиёнагии Шарқ ба ташаккули таълиму тарбияи насли наврас таъсири калон мерасонад. Маълум мегардад, ки шоирону нависандагон, педагогҳо, файласуфон ва дигар олимон ғояҳои инсондӯстонаи гузаштагони бузурги худро идома медодаанд. Онҳо дар соҳаи таълиму тарбия ғояҳое пешниҳод намуда, баҳри манфиатҳои замони худ зиндагӣ мекарданд. Ба некутарин сифатҳои ахлоқии инсон Абулқосим Фирдавсӣ ватандӯстию эҳсоси масъулияти шаҳрвандиро дохил месозад. Ӯ муаллимону волидайнро ба тарбия намудани кӯдакону наврасон дар руҳияи муносибати шаҳрвандӣ ба Ватан даъват мекунад *«Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем. Аз он беҳ, ки*

*кишвар ба душман диҳем!»* [3-М]. Масъалаҳои тарбияи ватандӯстии насли наврас дар як қатор дастуру коркардҳои методии педагогону ислоҳотшиносон дида мешавад. Олимони муосири кишвар М. Лутфуллозода [123, С. 176], Қ.С. Абдураҳимзода [119, С. 40], И.Х. Каримова [88, С. 35], А. Қаландаров [84, С. 19], Ҳ.Ғ. Муродов [138, С. 313] ва дигарон дар ин самт таҳқиқоти судманд анҷом додаанд. Диққати онҳо ба масъалаи мазкур бо фаъолшавии корҳо доир ба тарбияи ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ асоснок мегардад.

Баррасии масоили мазкур баёнгари он мебошанд, ки равишу усулҳои ҷадид дар ин самт бидуни шакку тардид рӯйи ин масоил таъсиргузор мебошанд.

Андешаи аслӣ дар низоми омода намудани омӯзгорони оянда перомуни масоили мавриди назар, яъне тарбияи ватандӯстӣ ва меҳанпарастии донишомӯзону хонандагон, ифодагари он аст, ки бавежа дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тарбияи инсон ба ҳайси воситаи аслӣ ва бунёдии эҳё ва эҳдоси миллат матраҳ мегардад.

Феълан, мамлакати мо давраи хеле мураккаб ва печидаи эҳёи хешро сипарӣ карда истодааст ва аз ин рӯ, дар ин давра тағйироти куллие дар тамоми шууни зиндагӣ ба амал хоҳанд омад, ки масоили тарбияи ватандӯстӣ ва меҳанпарастиро низ таҳти шуои хеш қарор хоҳанд дод. Дар маҷмуъ, дигаргуниҳои аслие, ки дар мақтаи замонӣ дар ҳаёти ин ё он кишвару мамлакатҳо, сарфи назар аз мақому манзалати онҳо дар сиёсатҳои байналмилалӣ, ба амал меоянд, боиси ҳаракатҳои амиқи фикрӣ ва андешавӣ дар ҷомеа мегарданд. Дар айни ҳол дар кишвари азизи мо-Тоҷикистони соҳибистиқлол низ чунин ҷунбишҳои амиқи фикрӣ ва андешавӣ рух дода истодаанд ва дастандаркоронро лозим аст, ки он ҷунбишҳоро дар бастар ва масирҳои судманд барои тамоми миллат ва Ватан ҳидоят кунанд. Дар чунин гардишҳои куллӣ нақши шахсиятҳои маъруфи сиёсӣ ва фарҳангиву иҷтимоӣ ба маротиб боло меравад, чунки онҳо дар чунин давраҳои тақдирсоз метавонанд ояндаи дурахшонеро барои миллату Ватан бунёд кунанд. Инро

дар ҳоли ҳозир мо дар кору пайкори Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дида истодем.

Давлатмардон ва сиёсатмадорони ҳамаи давру замонҳо ин масъаларо ба хубӣ дарк мекунанд, ки зимни пиёда намудани масоиле, мисли масъалаи тарбияи ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ мебояд аз мақомоти давлатӣ низ кор гирифта шавад, чунки мошинаи давлатӣ ва дастгоҳҳои он қодир ба амалӣ намудани корҳое мебошанд, ки бисёре аз созмонҳои иҷтимоӣ ва ашхоси гуногун дар танҳоӣ мақдур нестанд. Бисёр муҳим аст, кулли дастгоҳ ва аҳромҳои мошинаи давлатӣ ба ин масир кашида шаванд ва онҳо дар навбти хеш ба як неруи ҳангуфте табдил меёбанд, ки метавонанд ин масъаларо дар ғояти хеле хубу сарра ҳаллу фасл намоянд. Дар ин росто, метавон Барномаҳои давлатиро рақам зад:

*«Тарбияи ватандӯстии наврасону ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2001-2005»*, инчунин *«Тарбияи ватандӯстии наврасону ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010»* . Дар ин барномаҳо тамоми мафҳумҳо ва масоили мавриди назар ба таври возеҳу равшан инъикос ёфта, инчунин роҳу равиши татбиқи онҳо ва дигар масоили марбут ба онҳо дарҷ гардидаанд.

Масалан, дар *«Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»* масирҳои аслии тарбия ва самтҳои афзалиятноки он мушаххас гардида, тарбия ба ҳайси кори аслӣ дар ташаккули шахсияти инсонҳо эътироф гардидааст. Дар ин санади муҳим омадааст, ки хонандагон бояд худшинос, ватандор ва хештандор бошанд ва кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки шаҳрвандони фаъоли ҷомеа бошанд, супоришҳои роҳбарон ва калонсолон ва бавежа масъулинро сари вақт ва бечуну чаро иҷро кунанд. Ин матолиб баёнгари он аст, ки МТМУ ва МТОК на танҳо маконҳои таълим ва аз бар намудани донишҳои амиқи дархӯри ҷомеа мебошанд, балки ин воҳидҳо маконҳои аслии тарбияи ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ мебошанд. Муассисаҳои таълимӣ ва гоҳан илмӣ имконотеро дороанд, ки ҳеҷ як муассисаи дигар надорад, агар дошта бошанд ҳам, дар ин сатҳу поя нестанд. Кадрҳои илмӣ ва ашхоси бо

донишҳои илмӣ муҷҷаҳаз қодир ба он мебошанд, ки хонандагон, наврасон ва ҷавононро дар масири ватандӯстӣ, руҳияи ватанпарастии амиқ тарбия кунанд. Онҳо хуб баладанд, ки бо чи роҳу равиш ин эҳсоси наҷибро дар дили хонандагон ҷой диҳанд. Масъулон ва дастандаркорону аҳли қалам вожаи Модарро муродифи вожаи Ватан медонанд, ки воқеият дорад. Ин ҷо ба вежагиҳои муносибатҳои тарафайни фарзандону волидайн, ки ҷиҳати дарки муҳтавои моҳияти ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ имкон фароҳам меоранд, таваҷҷуҳ зоҳир кардан ба мақсад мувофиқ аст. Аз сӯйи дигар, дар ватандӯстию меҳанпарастӣ чунин нақшҳои субъективии кӯдакона вуҷуд доранд:

– изҳори миннатдории кӯдакон нисбат ба падару модар (таваллуд шудан);

– иззату эҳтиром кардани падару модар аз ҷониби кӯдакон (эътирофи мақому манзалати падар, ҳамчун пешбари масоили иҷтимоӣ ва иқтисодӣ);

– ҳимояти ҷисмонӣ шудани кӯдакон дар лаҳзаҳои мавриди ниёз ва лаҳзаҳои мушкили ҳаёт, ки бар асари бетаҷрибагӣ ва камдонишӣ рӯ ба рӯ мешаванд (падар- ҳимоятгар), ҳомӣ, устод;

Имконияти кӯдакон дар бархӯрдор будан аз меҳру шафқат ва навозиш, инчунин ҳамчун инсони комил пазируфта шудан, бо ин ки таҷрибаи кофии зиндагӣ надоранд ва имкон дорад, ки ба баъзе хатоҳо роҳ диҳанд. Аз сӯйи дигар, бачаҳо низ бояд вақте падару модар ба синни пиронсолӣ мерасанд, дастгиру ғамхори онҳо бошанд. Мо бисёр ҳолатҳоеро мебинем, ки дар зиндагӣ фарзандон вазифаи фарзандии хешро иҷро намекунанд, падару модарро озору азият мекунанд, нисбат ба онҳо беҳурматӣ зоҳир мекунанд, онҳоро бе нафақа мегузоранд ё ҳатто фарзандони солиму бардам, ки тамоми имкониятҳоро доранд, волидайни хешро ба хонаи пиронсолон месупоранд, ки ин чиз ба фарҳанги мо хос нест ва балки ору нанг аст. Дар фарҳанги мо эҳтироми як нафар калонсол ё мӯйсафед сарфи назар аз мақому манзалат ва донишу фаҳмиши ӯ аз тарафи хурдсолон ва дар маҷмуъ ҷавонон, воҷиб аст. Вобаста ба ин дар қисми дуюми моддаи сиву чоруми Конститутсияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: *«Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд».* Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки солҳои охир аз ҷониби баъзе аз фарзандон қарзи фарзандӣ адо нашуда, баръакс нисбати падару модар беэҳтиромӣ зоҳир мегардад.

Бо таваҷҷуҳ ба андешаҳои фалсафӣ, педагогӣ ва психологӣ лозим аст, ба саволе, ки дар маҷрои тарбия дар шакли «Чиро тарбия кардан лозим аст?» пеш меояд, посух диҳем. Инчунин бо донишҳои мавриди ниёзи хеш дар ин масир мусаллаҳ бошем, то битавонем, масоилро дар сатҳи қобили қабул матраҳ намоем. Дар маҷмуъ, муҳаббат ба Ватан бештар хислати отифӣ дошта, ба умқи андешаҳои инсон иртиботи амиқ дорад. Ин эҳсос инсон ва бавежа ҷавононро ба паскӯча ва тангкӯчаҳои борику норавшани зиндагӣ, ки дар умқи андешаҳои инсон маскан доранд, мебарад ва гоҳо моро эҳсоси аҷибе фаро мегирад, ки забон аз ифодаи он лол мегардад. Аммо набояд интизор дошта бошем, ки ин эҳсос худ ба худ дар ботини инсон пайдо шуда месабзад, онро мисли навниҳоле бояд нигоҳубин карда сабзонид.

Ҳисси ватандӯстӣ ҳамбастагии ҷавонон бо ҳаводиси ҳамарӯза ва рафтори қаҳрамононаи чеҳраҳои таърихӣ буда, ба ҳаёти инсон маънӣ мебахшад.

Ҳар чи қадар ки мо ба ин масъала бештар ғутавар мешавем, боварии мо дучанд мегардад, ки ин эҳсоси ширину гуворо, яъне ишқу муҳаббат ба Ватан ва зодгоҳ, марзу бум реша дар руҳи инсон дорад, ки он худ ба худ не, балки бар асари як идда аз масоил арзи ҳастӣ мекунад. Ватандӯсти воқеӣ маҳдудаеро намепазирад ва бо кору пайкори хеш онро исбот менамояд. Инсон, қабл аз ҳама, худ махлуқи маънавист, ки дар ҷилди моддӣ арзи ҳастӣ намудааст. Ин қазия таври дигаре наметавонист бошад. Дар сарнавишти пурифтихори тоҷикон маърифат ва маънавиёт мақоми махсусу вижа дорад. Бузургони гузаштаву имрӯзаи мо гоҳан масоилеро дар андешаи хеш чархондаву ончунон ҳаллу фасл кардаанд, ки одам дар ҳайрат мемонад, ки чӣ тавр онҳо дар он айёми тираву тор ба ин андешаҳои бикр расидаанд. Ба

эҳтимоли қавӣ, ин хиради азалӣ мунҷар ба сулҳи тоҷикон дар замони муосир шуд. Дар дунё зиёданд мунокишаҳое, ки ба даҳсолаҳо мекашанд ва охиру анҷоми онҳо пайдо нест, вале тоҷикон тавонистанд ба сулҳу салоҳ бирасанд ва дар андак замон кишвар ва мамлакати хешро дар масири рушду тараққӣ қарор бидиҳанд. Як нуктаро зикр кардан ба ҷо аст, ки роҳбарияти Тоҷикистон ва бавежа Пешвои маҳбубамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фосилаи хеле кӯтоҳи замонӣ бештар аз як миллион овораҳоро ба Ватан баргардониданд. Шоҳидони ҳол таъриф мекунанд, ки чунин иқдом дар дунёи феълӣ назир надорад ва нишонаи беҳтарини миллатдӯстӣ ва меҳанпарастиву ватандӯстӣ мебошад. Ин ҷо дар ҷадвали 3 эҳсоси ватандӯстӣ дар шакли ҷадвал оварда шудааст.




**Расми 3. – Амсилаи эҳсоси ватандустӣ**

Фаромӯш набояд сохт, ки ҳисси ватандӯстӣ аз оила ибтидо мегирад. Мушкилот дар он аст, ки дар аксари оилаҳои имрӯза ба ҳисси ватандӯстӣ кам эътибор дода мешавад.

Дар достонҳои *«Шоҳнома»* ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ нақши оиларо дар тарбияи кӯдакон муайян мекунад. Ӯ вазифаҳои волидайн, хусусан падарро дар таълими кӯдакон муфассал шарҳ медиҳад. Ӯ дар кори омода сохтани инсон ба ҳаёт ба ҳисоб гирифтани чор омили асосиро пешниҳод

намуд: Худо, тарбия, муҳит ва ирсият. Ба тарбияи оилавӣ аҳамияти калон дода, ӯ муътакид аст, ки шахси ҷасуру қобил бояд дар ҳаёт ғаму шодиро аз сар гузаронад, чунки таҷрибаи ҳаётии дар оила ҳосилшуда ақлро рушд медиҳаду ба рушди фикрӣ кумак мерасонад.

Ба тарбияи кӯдакон аз давраи навзодияшон машғул шудан лозим аст, чунки тарбиякунӣ нисбат ба азнавтарбиякунӣ осонтар мебошад [1-М].

Ватандӯстӣ одат нест, ин пеш аз ҳама, он чизи асосӣ ва ниҳоятист, ки инсонро ба таърихи мамлакати худ алоқаманд месозад, нисбат ба Ватан муносибати хайрхоҳонаро талаб менамояд. Ватандӯстӣ бо дарки ҳастии халқ узван алоқаманд аст, чунки Ватан натанҳо мамлакати имрӯза, балки тамоми таърихи он, яъне таърихи фарҳанги он, ташаккули замонии маънавии он мебошад. Ватандӯстӣ эҳсososоти алоқаи маънавӣ бо Ватан, муҳаббат ба гузаштаву имрӯзаи он, умеду эътимод баояндаи он мебошад.

Шахсе, ки алоқаи хунии худро бо халқи худ, бо сарзаминии худ ҳис намекунад, ватандӯст буда наметавонад. Муҳаббат ва эҳтиромро ба сарзамин муаллимони оянда бояд дар шогирдони худ тарбия намоянд. Вазифаи таърихии онҳо тарбияи насли шоиста бароиояндаи Тоҷикистон мебошад.

Шоири халқии Тоҷикистон, Муҳаммад Ғоиб Ватан ва ватандӯстиро ҳамчун ҷузъе аз узви бадани инсон номида, дар шеъри худ чунин ишора намудааст:

*Бе мулки ваҳми сина ин дил ватан надорад,*
*Хирман агар набошад, ҳосил ватан надорад.*
*Меҳри бузурги меҳан дар дил бувад, на дар тан,*
*Сарчашмаи муҳаббат дар гил ватан надорад.*
*Мову Ватан, Муҳаммад, бе ҳамдигар набошем,*
*Дарё агар набошад, соҳил Ватан надорад.*

Вазъияте, ки солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омадааст, ғайриодист. Ҷомеаи куҳна бо иқтисодиёт, сиёсат, идеологияи худ аз байн рафту ҷомеаи нав дар шароити зуҳури идеологияи нав ташаккул меёбад. Дар ҳолати холигии идеологӣ низоми коркарди маълумот, ки дар шуури оммавӣ

гузошта шудааст, ба роҳ монда мешавад. Дар шароити кунунӣ азнавбаҳодиҳии арзишҳо оғоз ёфт. Ҳамин аст, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст *«Шаҳрванди ҳақиқӣ Ватани худро дӯст медорад»*. Шаҳрванди ҳақиқӣ дарду мушкилоти Ватани худро ҳис мекунад, бинобар ин маълумоти шаҳрвандӣ дар доираи тарбияи ватандӯстӣ будани корҳои мақсаднок зарур аст, зеро ки маданияти пасти сиёсӣ, надонистани талаботҳои асосии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо ҳамдигар иваз кардани мафҳумҳои *«Ватан ва Давлат»* ба ташаккули шахсият мусоидат наменамоянд.

Тарбияи ватандӯстӣ кори дастаҷамъонаи тамоми ниҳодҳои давлат мебошад, ки дар кулл ҳадафи онҳо эъмори ҷомеаи озоду ҳуқуқбунёд буда, дар он ҳуқуқу озодиҳои инсон комилан эҳтиром ва эътироф мешаванд. Ин ҷиҳат системаи мураккаби фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ ба ҳисоб рафта, бо интиқоли таҷрибаи ҳаётии аз насл ба насл гузаранда, бо омодагии мақсадноки одам ба меҳнати созанда барои беҳбудии Ватан, бо иҷтимоишавии он, рушди ахлоқии инсон, саъю кӯшиш дар роҳи таъмин сохтани бехатарии шахсият, ҷомеа ва давлат алоқаманд аст.

Мазмуни аслии тарбияи ахлоқиро ҳисси амиқи ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ ташкил медиҳад. Дӯст доштани Ватан ва парастиши он аз унсурҳои хеле баландпояи инсони комил буда, муносибати шахс ба диёр ва маконеро нишон медиҳад, ки он ҷо чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Ин эҳсоси баланди инсонӣ нисбат ба зодгоҳу марзи аҷдодии ӯ мебошад. Тамоми бузургони рӯйи олам перомуни ин эҳсоси баланди инсонӣ андешаҳои бикру обнахӯрда баён намудаанд, ки онҳо ҳамагӣ ҷолибанд. Албатта, аз овардани онҳо дар ин навбат мо худдорӣ мекунем, чун онҳо имкон дорад, моро ба пайроҳаҳое бибаранд, ки мо аз асли матлаб, ки ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ мебошад, дар инҳироф қарор бигирем.

Ватандӯстӣ, дар маҷмуъ, аз маконе оғоз мегардад, ки он ҷо инсон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст ва он маконро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад. Яъне он маконро бо тамоми аъзои бадани хеш эҳсос намудааст.

Дӯст доштани Ватан дар фарҳангу тамаддуни мо таърихи қадима дорад. Аз

таърихи пурифтихори миллати мо ҳодисаю воқеаҳои қаҳрамонии халқи хешро хуб дар ёд дорем, ки чӣ тавр онҳо Ватани хешро дӯст медоштанд ва барои озодию ободии он ҷонбозиҳо кардаанд. *«Қурбони ватан бош, ки қурбонат шаванд»*- мегӯяд мақоли мардумӣ [2, С. 21]. Устод С. Айнӣ дар очерки таърихии хеш бо номи *«Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»* баъди марги Темурмалик дар миёнбанди ӯ як каф хок ва хатеро пайдо мекунанд. Дар хат ин гуфтаҳо сабт шуда буданд: *«Эй он ки мурдаи ман ба дастат меафтад, агар некхоҳи одамон ва ватандӯст бошӣ, маро бо ин як каф хок гӯрон, ки ин ёдгори ватани азизи ман аст!»* [2, С. 21]. Дар поёни он нома ин байт ҳам оварда шуда будааст:

*Атри кафан зи хоки ватан кардам орзу,*
*Во ҳасрато, ки мебарам ин орзу ба хок!*

Касе, ки дар ғурбат вақти зиёдеро сипарӣ кардааст, ҳангоме, ки гом ба марзи аҷдодӣ мегузорад, ба замин хам шуда, хоки онро мебӯсад. Охир, хоки Ватанро аз тахти Сулаймон низ болотар гуфтаанд. Ровиёни ҳол ҳикоят мекунанд, ки дар рӯйи қабри охирин амири Бухоро Амир Олимхон, ки дар қабристони «Шуҳадои Солеҳин» - и кишвари Афғонистон мадфун аст, чунин байте навишта шудааст:

Амири бе Ватан хору залил аст,
Гадо чун дар Ватан мирад, амир аст.

Агар ба таври мухтасар ба таърихи ин хонавода, ки дар Осиёи Марказӣ хосса дар Бухоро наздик ба саду панҷоҳ сол ҳукмронӣ кардаанд, нигарем, онҳо дар кулл барои рушду нумуи ин сарзамин кори ончунони анҷом надоданд. Ин сарзамине, ки ҳамчун маркази ислому дин эътироф шуда буд ва дар қабристонҳояш то чаҳорсад авлиё хобидааст, дар замони ҳукумронии Манғитиён ба харобазор табдил ёфта буд. Бо вуҷуди ин онҳо низ Бухорои Шарифро ба тарзи худ дӯст медоштанд ва дар ғурбат ба ёди он ашк мерехтанд ва бо ҳасрат дунёи фониро падруд гуфтаанд.

Агар ба замони муосир баргардем, барои мисол Мирзо Турсунзода - яке аз шоирони номдори тоҷик, ки ба қавли худаш, нисфи умри бобаракати хешро дар сафарҳо сипарӣ кардааст, чунин фармудааст:

*Чун ниҳодам пои худро бар сари хоки Ватан,*

*Борҳо бӯсидам аз рухсораи поки Ватан.*

Агар масъалаи тарбияро дар ин самт пайгирӣ кунем, зикр бояд кард, ки тамоми кори тарбия ва хоссатан тарбияи ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ бояд аз овони кӯдакӣ оғоз шавад. Худои муттаол инсонро тавре офаридааст, ки агар ӯ дар масири дурусту барои ӯ пешбинишуда қарор гирад, ҳатман дар зиндагӣ ба қуллаи мурод мерасад ва як инсони барои ҷамъият муфид ва солим ақл ба воя мерасад.

Агар каме ба инсон ва ботини ӯ - ин бузургтарин махлуқи офаридаи Худо рӯ биорем, як нуктаи ҷолиберо бояд таъкид кунем, ки инсон дар зоти худ нотакрор ва боистеъдод аст. Аммо чархи зиндагӣ ва роҳу равиши он чунин аст, ки гоҳо ӯ дар пайроҳаи хеш не, балки ба каҷроҳа меравад ва ин аст, ки муваффақ намешавад. Аз ин рӯ, мо дастандаркорон ва мураббиёнро лозим аст, ки истеъдоди кӯдакро дар хурдӣ ошкор карда, ӯро дар масири барои ӯ таъйиншуда қарор диҳем. Моҳият ва зарурати тарбияро дарк кунем. Бояд эътироф кунем, ки инсон махлуқи табиӣ аст ва бисёр чизҳо, ҳатто хулқу атвор, ба ӯ аз ҷониби табиат ва Офаридгор дода шудааст, аммо нақши тарбия ва мураббӣ дар сарнавишти инсон ва ташаккули ӯ ҳамчун инсони комил ҳадду канор надорад. Шоире фармудааст:

Бе мураббӣ зери гардун муътабар натвон шудан,

Моҳи навро рафта-рафта чарх оламгир кард.

Агар ба сари матлаби аслии хеш, ки тарбияи ватандӯстӣ ва ватанпарастӣ аст, баргардем, бояд як нуктаро зикр кунем, ки он ба фан ва бахшҳои гуногуни зиндагӣ алоқаманд аст. Барои пешрафту ободии кишвар ҳама бояд саҳмгузор бошанд. Бале, комилан дуруст аст, ки мегӯянд: “ба як  гул баҳор намешавад”, пас, агар ин тавр аст, бояд ҳама дар пайи ободии Ватан бошем. Ва ин ҷо суол аст, ки кай ба ин кор даст мезанем? Ба назари инҷониб, инсонҳо соате ба ин кор даст хоҳанд зад, ки эҳсоси баланди ватанпарастӣ ва ватандӯстӣ дошта бошанд, ва ин ҳолат аз тарбияи дуруст ва мақсаднок маншаъ мегирад. Дар ҳамин ҷо барои тақвияти андешаи хеш гурези иҷмолие ба ҳаводиси таърихӣ мезанем, то андешаамон собит гардад:

Дар замони Ҳукумати Шуравӣ бар асари ҷангҳо атфоли зиёде беволидайн монданд ва онҳоро ба интернату парваришгоҳҳо супорида, тибқи барномаҳои махсус ва вижа таълиму тарбия дода бузург карданд. Бояд иқрор шавем, ки чунин тарбиятгирандагон беҳтарин ватандӯстон ва ватанпарастон ва содиқтарин ашхос барои миллату давлат ба воя расиданд ва ҳатто солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷони худро нисор карданд, аммо сирру асрори давлатро фош нашуданд ва ба давлату миллат хиёнат накарданд. Пас, ин баёнгари он аст, ки нақши тарбия дар зиндагии инсон хеле бузург аст, ва бавежа тарбияе, ки тибқи барномаи махсусу дуруст ва ҳисобшуда роҳандозӣ шуда бошад. Ин ҷо нақши давлат, ниҳодҳои давлатӣ ва барномаву Стратегияҳои давлатӣ бамаротиб боло меравад ва исбот мегардад, ки ҳамаи корҳое, ки усулӣ, дар чаҳорчӯби барномаву стратегияҳо анҷом дода мешаванд, самараи хуб ба бор меоваранд. Яъне, дар ин муваффақиятҳо нақши давлат ва танзими корҳо аз сӯйи он хеле муҳим аст.

Дар масири давлатсозию давлатдорӣ моро лозим аст, ки таърихи кишвари хеш ва дар баробари он таърихи халқу миллатҳои дигарро низ хуб донем ва биомӯзем, он вақт мо ба қадри фарзандони фарзонаи миллат, ки барои ободию озодии он ҷонбозиҳо кардаанд, мерасем, чунки таърихи дигаронро омӯхта, қиёс мекунем ва дарк мекунему мебинем, ки дар гардишҳои куллии ҳаёт ин шахсиятҳо барои ободию озодӣ ва пешравию тараққии давлату миллат чи ҷонбозиҳое кардаанд.

Тарбия омил, самт ва роҳҳои мухталифу гуногун дорад ва яке аз роҳҳои тарбия тарбияи меҳнатӣ мебошад, чунки меҳнат – асоси зиндагӣ буда, инсон дар меҳнат рушду нуму менамояд ва инсонияту одамгарии ӯ тақвият ёфта, боло меравад, хусусан меҳнати ҳалол. Моро лозим аст, ки инсонро тавре тарбия кунем, ки ӯ муфтхӯр ва қаллоб набошад, бо меҳнати ҳалол зиндагӣ кунад ва меҳнати ҳалолро ягона роҳи ба даст овардани маоши зиндагии хеш донад. Инчунин, меҳнати дигаронро қадр карда, эҳтиёткору сарфакор бошад, ба зиёдахарҷию масрафҳои беҳуда роҳ надиҳад. Дар худ фарҳанги сарфаҷӯйиро тарбия кунад.

Дар ҳамин ҷо як гурезе иҷмолие зада, ба масоили дахлу харҷ ва одоби он рӯ меоварем. Агар ба фарҳангу тамаддуни хеш нигоҳ кунем, дахлу харҷ низ як навъи тарбия аст, ки мустақиман ба тарбияи ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ иртибот ва алоқа дорад. Мо хуб медонем, ки неъматҳои моддӣ беохир нестанд ва рӯзе онҳо низ тамом мешаванд. Пас, агар мо дар зиндагии хеш аз фарҳанги сарфаю сариштакорӣ кор нагирем, ба наслҳоиояндаи мо чизе боқӣ намемонад, мо ҳамаро масраф мекунем. Яъне, мо бояд оқибатбин бошем, нагузорем, ки пасиниёни мо хору залил гарданд. Онҳо низ ба зиндагии шоиста ва хуб ҳақ доранд. Яъне, фикри онҳоро низ карда бошем.

Як нуктаи дигар дар масири тарбия ин эҳтиёткорӣ нисбат ба табиат мебошад. Табиат барои инсон модар аст, инсон дар домони табиат бузург мешавад ва аз неъматҳои он истифода карда, аз зебоиҳояш лаззат мебарад, пас, агар ин тавр аст, бояд нисбат ба он муҳтот бошад, нагузорад, ки мӯре озор бинад, шохи дарахте бишканад, ҳамаи гулу гиёҳ ва ҳайвонотро эҳтиёт кунад.

Ин ҷо сухан аз озору азият кушода шуд, ин қазия, ки мустақиман ба тарбия ва бахшҳои он алоқаманд аст, зикр бояд кард, ки дар маҷмуъ, яке аз масоили глобалие мебошад, ки бузургони гузаштаву имрӯзаи мо перомуни ин масоил андешаҳои ҷолиб  ва бикр баён доштаанд ва озору азият ва бавежа мардумозориро хеле бад медонанд. Масалан, дар китоби «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ омадааст:

> Мискин хар агарчи бетамиз аст,
> Чун бор ҳамебарад, азиз аст.
> Говону харони борбардор
> Беҳ з-одамиёни мардумозор.

Ҳоло агар ба табит ва масоили он баргардем, ки баҳси мо  перомуни он идома дошт, бояд иқрор шуд, ки табиат низ дар бархӯрди нодурусти мо ба мо ҷавобҳои ҷубронннопазир медиҳад. Офатҳои табиӣ, ки дар табиат рух медиҳанд, агар, аз як сӯ, ба феълу инфиолоти  табиат алоқаманд бошанд, аз сӯйи дигар, натиҷаи бархӯрд ва рафтори нодурусти инсон нисбат ба табиат низ мебошад.

Дар ин ҷо каме перомуни навъҳои тарбия ва вижагиҳои онҳо риштаи суханро боз мекунем.

***Тарбияи ҳарбӣ*** – ватандӯстии хонандагон ҳанӯз аз кӯдакистон шурӯъ шуда, дар муҳити хонавода ва муассисаи таълимӣ идома меёбад. Дар ҳамин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки кӯдакон дар давраи томактабӣ аз замоне, ки ба кӯдакистон ва маҳди кӯдак меравანд ва он ҷо бо аксу либосҳои низомӣ ошноӣ пайдо мекунанд, ба он либос ва хидмати низомӣ меҳр мебанданд. Ба вежа, либосҳои шинаму зебои низомӣ дар зеҳн ва дидаи кӯдакон макон мегиранд ва ин ҳолат рафта - рафта ба меҳр дар дили кӯдак мубаддал мегардад. Дар ин ҷо зимни бархӯрди аввалин ва шиносоии аввалини кӯдак ба аксу либосҳои низомӣ тарзи муаррифии онҳо аз тарафи мураббиён ва омӯзгорон хеле муҳим аст. Мегӯянд, ки ҳар он чи дар кӯдакӣ омӯхта мешавад, нақше бар санг аст. Пас, агар ин тавр аст, оғози тарбияи ҳарбӣ аз синфҳои ибтидоӣ бамаврид ва сари вақтӣ аст. Бигузор, ин ҳис аз ин син  дар дилу дидаи кӯдак пайдо шавад ва маъво гирад. Охир, ӯ фардо, ки бузург шуд, мард мешавад ва рисолати мард чунин аст, ки  ӯ бояд муҳофиз ва посбони Ватан, марзу буми хеш ва хонаводаи хеш бошад. Чи беҳтар аст, ки ин ҳис аз овони кӯдакӣ дар ӯ тарбият карда шавад. Яъне, то ба синфҳои болоӣ расидан ва шурӯъ кардан ба омӯзиши фанни «Омодагии дифои ҳарбӣ» кӯдак аз ҳар назар омода мешавад ва хеле ба роҳат ва ба зудӣ бахшҳои ин фанро аз худ мекунад.

***Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ*** – қисми муҳимми тарбияи ватандӯстӣ маҳсуб меёбад. Ин навъи тарбия асосан аз синни мактабӣ дар синфҳои болоӣ оғоз ёфта, ҷавонписарон ва ҷавондухтаронро барои хидмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат омода мекунад. Артиш як рукни муҳим дар низоми давлатдорӣ маҳсуб меёбад. Артиш ё Қувваҳои Мусаллаҳ посбон ва ҳомии Ватану миллат мебошад. Барои ҷавонписарон мактаби мардонагист. Аксаран, вақте ҷавонписарон ин мактабро сипарӣ мекунанд, ба зиндагии мустақилона омода мегарданд. Чун баъзе аз ҷавонон дар муҳитҳои бисёр нозу сар - сарӣ парвариш ёфтаанд, аз хизмати сарбозӣ меҳаросанд ва гоҳан фирор низ мекунанд. Ин ҳама аз нодонӣ ва нофаҳмӣ сурат мегирад. Аммо вақте ба хизмат меравանд ва ба муҳити он ошно мешаванд, диду назари онҳо тағйир меёбад.

Ҳоло ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати мустақил шудааст, ба Артиши муҷаҳҳази аз ҳар назар қавӣ ниёз дорад, то битавонад ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони худ ва манофеии миллии хешро ҳимоят кунад. Аз ин рӯ, омодагии низомӣ ва омодабошӣ дар кулл барои мо мисли обу ҳаво лозим аст.

Иқболи Лоҳурӣ дар ин маврид чунин мегӯяд:

Худо он миллатеро сарварӣ дод,
Ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт,
Ба он миллат сару коре надорад,
Ки деҳқонаш барои дигарон кишт.

Вазъи феълии дунё ва авзои ҷомеаи имрӯз моро водор мекунад, ки ба ин самт, яъне тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ эътибори ҷиддӣ зоҳир намуда, пояҳои артиш ва афкору андешаи сарбозонро аз ҳар назар қавӣ гпрдонем. Сарбозону артишро на ҳангоми ҷангу ноором̄ӣ ёд кунем, балки ба фикри сарбозу Артиш ҳамеша бошем.

***Тарбияи ҷинсӣ*** – яке аз намудҳои дигари тарбия мебошад. Замони пештар мо ба ин масъала камтар таваҷҷуҳ мекардем ва то андозае онро як чизи нодаркор ва нолозим ва аз пасмондаҳои замони феодалӣ ва буржуазӣ мепиндоштем. Чун он замон дар маркази сиёсати давлат на инсон ва ниёзҳои ӯ, балки андеша ё идеологияи коммунистӣ қарор дошт ва мо идеологияро бештар ҳифз карда, аз инсон тақрибан фаромӯш карда будем ва инсонҳоро бештар маҳви андеша мекардем. Дар сурате, ки инсон ба алоқаи ҷинсӣ, ки яке аз талаботҳои табиии инсон аст, ниёз дорад. Аммо ин алоқаҳо бояд дар қолаб ва чаҳорчӯбаҳои одоби инсонӣ,  ва меъёрҳое, ки пазируфта шуданд, сурат бигирад. Аз ин рӯ, аз овони мактабӣ матраҳ кардани ин масъала кӯдакони моро аз бисёр балоҳое, ки дар пайи алоқаҳои номашруи ҷинсӣ ба амал меоянд, эмин нигоҳ медорад. Мо бояд бо кӯдакони хеш дар чаҳорчӯбаи ахлоқу одоби инсонӣ ва забони муаддабона перомуни ин масоил суҳбат кунем ва онҳоро воқиф созем, ки ҳар чиз вақту соат дорад ва бояд дар чаҳорчӯбаҳои одоби инсонӣ сурат бигирад. Мегӯянд, оне, ки  бохабар аст, ӯ мусаллаҳ аст. Яъне,

медонад, ки чи гуна рафтор кунад, то худ ва дигаронро аз балоҳо эмин нигоҳ дорад.

Дар муассисаи таълимӣ аз синфҳои ибтидоӣ оғоз намуда, ба якҷоя нишастани писару духтарон дар як миз одат кунонидан, якҷоя дарс тайёр кардан, саёҳат намудан, дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок доштан онҳоро аз бармаҳал бедоршавии ҳисси ҷинсӣ боз медорад. Замоне, ки кӯдак ба балоғат мерасад, тарбияи ҷинсӣ эътибори вежа пайдо мекунад. Дар ин давра мо бояд кӯдакон ва наврасонро огоҳ кунем, ки дар бадани онҳо баъзе дигаргуниҳое рух медиҳанд ва онҳо бояд ба ин дигаргуниҳо омода бошанд ва аз онҳо наҳаросанд. Дар ин гардиши ҳаётӣ нақши падару модар барои наврасон боло меравад, албатта, омӯзгорон ва духтурони муассисаи таълимӣ низ аз ин чиз, яъне фаҳмондани наврасон ҳангоми ба вуҷуд омадани ин дигаргуниҳо дар бадани онҳо дар канор набояд истанд ва иштироки бевосита ва фаъол дошта бошанд. Бояд модарон духтаронро аз ҳайзбинӣ, падарон писаронро аз эҳтилому нигаҳдории нафси шаҳвонӣ огоҳ кунанд. Дар муассисаҳои таълимӣ дар баробари омӯзиши фанни *«Маърифати оиладорӣ»* суҳбатҳои инфиродӣ бо хонандагон роҷеъ ба узвҳои таносул ва эҳтимоли гирифторшавӣ ба касалиҳои гуногун бар асари алоқаҳои номашруъ дар пешгирӣ аз ин амроз ва огоҳ будани наврасон нақши калон мебозад.

Дар синфҳои болоӣ байни писарону духтарон муносибати дӯстиву рафоқат устувор гашта, он тадриҷан ба ишқу муҳаббати самимӣ ва воқеӣ мубаддал мегардад, ки ин як амри табиист. Мутаассифона, гоҳо баъзе калонсолон, волидайн ва баъзе омӯзгорон ин эҳсоси баланди наврасонро нодида гирифта, садди роҳи онҳо мешаванд ва чунин мегӯянд: *«Мактаб ҷойи ошиқӣ нест»*. Вақте калонсолон, ё волидайн чунин рафтор мекунанд ва эҳсоси баланду поки наврасонро нодида мегиранд ва онро поймол мекунанд, наврасон дилшикаста мешаванд ва имкон дорад, даст ба корҳои нодуруст низ зананд.

Дар чунин мавридҳо омӯзгор муваззаф аст, ки бо писару духтар хеле эҳтиёткорона дар бораи ишқу муҳаббати ҳақиқӣ, донишандӯзӣ, одами солиму

муфид будан барои ҷомеа суҳбат намояд. Ба онҳо фаҳмонад, ки ишқу муҳаббати ҳақиқӣ болотар аз комронӣ аст.

Омӯзгор бояд намуна бошад, дар назди шогирдон ва донишомӯзон хеле боэҳтиёт суҳбат кунад, аз алфози қабеҳ истифода набарад, ҳар гуна шӯхиҳои бемаънӣ накунад, ки боиси бармаҳал бедор шудани ҳисси ҷинсии наврасон гардад.

Муҳаққиқони улуми тарбия ва равоншиносӣ бар ин ақидаанд, ки барои ҷилавгирӣ аз бармаҳал бедоршавии ҳисси ҷинсии ноболиғон танзими дурусти низоми меҳнати ҳамарӯза, шуғли мунтазами варзиш ба мақсад мувофиқ мебошад. Чунки фаъолиятҳои корсоз руҳу равони шахсро солим нигоҳ дошта, ӯро аз рафторҳои бад, аз қабили: сигоркашӣ, истеъмоли машрубот, нашъамандӣ ва бадрафторӣ дар канор нигоҳ медорад ва барои ба инсони комил табдил ёфтани шахс мусоидат мекунад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки агар кӯдак ба рафторҳои зишту бад одат кунад, ба роҳи росту дуруст баргардонидани ӯ амри хеле сахт аст, чунонки медонем, тарки одат амри муҳол аст.

Вақте кӯдак ва наврас бадахлоқӣ ва бадрафторӣ мекунад ва касе ба ӯ тазаккур намедиҳад ва пеши роҳи ин аъмоли ӯро намегирад, ӯ ба вайронкунии тартиботи ҷамъиятӣ, ғоратгарӣ, бешарафӣ низ даст мезанад. Аз ин рӯ, тамоми ниҳодҳои зирабту зинафъро лозим аст, ки аз як гиребон сар баровarda, саъю кушиш кунанд, ки кӯдакону наврасон ва ҷавонон тарбияи дуруст биёбанд ва дар ниҳояти кор ба афроди муфиди ҷомеа табдил ёбанд.

Одат амал ва ё рафтори устувори одам буда, малакаи автоматикунонидашудаи рафтори инсон мебошад. Одатҳои ахлоқӣ дар низоми тарбияи ахлоқӣ мақоми вежа доранд. Одатҳо хуб ва бад ва ҳамидаву зишт мешаванд. Ҳадафи аслии тарбия низ тарбияи ахлоқи ҳамида дар кӯдакону наврасон мебошад. Вақте кӯдакон ба муассисаи таълимӣ меоянд, қабл аз ҳама, онҳо бояд қоидаҳои рафтор дар муассисаи таълимиро риоя кунанд. Дар чунин ҳолатҳо дар зеҳни кӯдак ҷой додани одатҳои муфид, анъанаҳои синф, худтарбиякунӣ хеле муҳим мебошад.

Моро лозим аст, ки ҳамеша бачаҳоро зери назорат бигирем ва аз ҳолу аҳволи онҳо бохабар бошем ва агар эҳсос кардем, ки ба онҳо одатҳои баду зишт ёр мешаванд, билофосила пеши роҳи онҳоро бигирем ва нагузорем, ки онҳо ба каҷроҳа бираванд. Маъмулан, кӯдакон ва бачаҳо ба иллати камтаҷрибагӣ ва надоштани донишҳои васеъ перомуни масоили мухталиф дар интихоби машғулияти хеш, ҷурабозӣ ва мутолиаи асарҳои гуногун ва дар айни ҳол ворид шудан ба барномаву сомонаҳои гуногун тавассути шабакаи умумиҷаҳонии Интернет ба иштибоҳот роҳ медиҳанд. Мо калонсолонро лозим аст, ки сари вақт пеши роҳи ин рафтору одати бачаҳоро бигирем.

Дар кулл, омӯзгорон ва мураббиёнро лозим аст, ки бо кӯдакону наврасон бештар кор кунанд, онҳоро ба машғулиятҳои мухталиф ҷалб намуда, барои ҳосил шудани малакаю маҳоратҳои муфид замина эҷод кунанд. Дар чунин мавридҳо онҳое метавонанд муваффақ шаванд, ки худ бо донишҳои педагогию психологӣ мусаллаҳ бошанд ва болотар аз ҳама, дар кори хеш хастагиро эҳсос накунанд. Омӯзгор ва ё мураббие, ки мегӯяд, аз кору фаъолият дар мактаб ва бачаҳо безор шудааст, монда шудааст, ӯ ҳаққи маънавии идома додани кори мактабу маорифро надорад.

Пас аз он ки инсон вориди ҷомеа мегардад, ӯро лозим аст, ки як идда аз рафторҳои худро бо рафтори коллектив ва дар маҷмуъ одамон ҳамоҳанг созад. Агар чизеро, ки ба худа раво намебинад, онро ба дигарон низ раво надонад. Рафтори инсон дар ҷомеа бошуурона ва мутобиқ ба низоми муайяне сурат мегирад, ин комилан дуруст аст ва таври дигаре буда наметавонад. Мо бояд хостаҳои худро ба хостаҳои аҳли ҷомеа мутобиқ созем. Ва фаромӯш накунем, ки мо танҳо нестем ва дигарон низ дар гирду атрофи мо вуҷуд доранд, ки онҳо низ ба мисли мо ниёзҳои худро доранд, яъне дар натиҷаи манфиатҳо манфиати умумӣ арзи ҳастӣ намудааст ва онҳо бояд риоя карда шаванд.

Инро кӯдакону бачаҳо низ бояд донанд, ки ҳар чи коранд, ҳамонро медараванд, агар бад кунанд, бад мебинанд, агар нек кунанд, некӣ мебинанд. Ба ҳамин мазмун Ҳофизи Шерозӣ чунин мегӯяд:

Айби риндон макун, эй зоҳиди покизасиришт,

Ки гунохи дигарон бар ту нахоҳанд навишт.

Ман агар некаму гар бад, ту бирав,  худро бош,

Ҳар касе он даравад оқибати кор, ки кишт.

Ҳадафи тарбия тарбияи инсони комил ва омода намудани наврасону ҷавонон ба ҳаёти мустақилона мебошад.  Барои амалӣ намудани ин мақсаду  ҳадаф омӯзгорону мураббиёнро лозим аст, ки аз усулу равишҳои дар ин самт мушаххасу маъмул истифода намоянд. Байни ҳадафи тарбия ва роҳҳои амалӣ намудани он алоқамандии махсус дида мешавад.

Ҳадафи тарбия куллӣ ва инфиродӣ мешавад. Ҳадафи куллии тарбия рушду тараққии ҷомеа ва ҳадафи инфиродии он, ё ба қавли маъруф фардии он бошад, рушду тараққӣ додани истеъдоди ашхоси алоҳида мебошад.

Ҳамеша ҳамин тавр будааст, ки ҳадафи дарпешгузоштаи тарбия аз аҳдофи аслӣ ва бунёдии иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа ва синфи ҳукмрон сарчашма мегирад. Аммо аҳдофи тарбияро инҳисорӣ сохтан ва ба сиёсат ва ғояи ҳоким муртабит намудани он мумкин нест. Иллати муваффақ нашудани Иттиҳоди Шуравӣ дар самти кори хеш, бавежа тарбия, аз он иборат буд, ки ҳамаи корҳо инҳисорӣ карда шуда, тарбияро ба идеологияи ҳоким алоқаманд карда буданд. Аз ин рӯ, авқоти ахир дар педагогикаи ҷаҳонӣ масъалаи аз сиёсат ва идеологияи ҳукмрон хориҷ сохтани тарбия матраҳ шуда истодааст.

Аҳдофи тарбия дар як маром намемонад, он дар ҳоли ҳаракат ва тағйирпазирӣ мебошад ва дорои вижагиҳои мушаххаси таърихӣ аст.

Таърих панҷ форматсияи ҷамъиятиро паси сар кардааст, ки дар ҳар кадоме аз онҳо одамон дар муносибатҳои мухталифи байниякдигарӣ қарор доштанд. Форматсияҳо инҳо буданд: ибтидоӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ, сармоядорӣ ва пасазсармоядорӣ.

Ҳоло ба ҳар кадоме аз форматсияҳо дар алоҳидагӣ назар меандозем, ки тарбия дар онҳо чӣ гуна буд ва чи ҳадафу маром дошт.

Дар ҷомеаи ибтидоӣ ҳадафи тарбия аз он иборат буд, ки одамонро ба донишҳое мусаллаҳ намоянд, ки онҳо дар муборизаи ҳаррӯзаи хеш дар муқобили офатҳои табиӣ ва дигар ҳаводиси рӯзгор ҷону молу худро эмин

нигоҳ дошта, худ зинда монанд. Тарбия дар он форматсияи иҷтимоӣ хислати умумӣ ва амалӣ дошт, хурдсолон дар кору фаъолияти калонсолон ширкат варзида, аз онҳо ҳамаи чизро меомӯхтанд ва ёд мегирифтанд. Дар он замон макон ва муассисаҳое, ки махсус барои тарбия таъсис дода шуда бошанд, мавҷуд набуданд.

Дар ҷомеаи ғуломдорӣ бошад, аҳдофу мақсади тарбия аз шаклу хислати он ҷомеа бармеомад. Ғуломдорон бачаҳои худро ба ҳайси ҳоким ё ғуломдорони оянда тарбия мекарданд. Барои тарбияи атфоли синфи ҳоким муассисаҳои вижаи омӯзиши санъат ва имл мавҷуд буд. Ғуломбачагон супоришҳои ҳокимони худро иҷро мекарданд ва машғулияти асосии онҳо ба ягон намуди кор машғул шудан буд. Зикр кардан ба маврид аст, ки дар ин форматсия тарбияи ақлию зеҳнӣ аз тарбияи ҷисмонӣ ва меҳнатӣ ҷудо шуд.

Дар ҷомеаи феодалӣ бошад, ҳадафи тарбия тарбияи низомӣ ва сипоҳӣ буд. Атфоли ашхоси камбизоат бештар ба ягон намуди меҳнат ва ба вежа меҳнати ҷисмонӣ машғул мешуданд. Дар ҷомеаи сармоядорӣ ҳадафи тарбия идора ё мудирият кардани неруҳои истеҳсолкунанда буд. Синфи ҳоким ва сармоядор  фарзандони худро ба шаклҳои барои худи онҳо хос тарбия мекард ва онҳо ба  маконҳое  фаро гирифта мешуданд, ки ин маконҳо барои атфоли ашхоси камбизоат дастрас набуданд.

Вақте сармоядорӣ шакли хешро ба сармоядории пешрафта тағйир дод, ҷомеаи баъдазсармоядорӣ, ё ба қавли маъруф, ҷомеаҳои технократӣ ва супертехнократӣ, арзи ҳастӣ кардаанд, ки дар онҳо роботҳо ва механизмҳо нақши инсонро дар истеҳсолот танг карда, бештари фазои муносибатҳои инсонҳоро фаро гирифтаанд. Акнун дар чунин ҷомеаҳо фосилаҳо ва вақту замон то андозае моҳияти хешро гум карда, инсонҳо бештар ба масрафкунандагон табдил ёфта истодаанд. Дар чунин ҷомеаҳо тарбияи техникӣ ва ба вежа идора кардан ва мудирияти технологияҳо тавассути интелекти сунъӣ нақши асосиро мебозад. Донишмандони соҳаи интеллекти сунъӣ бар ин ақидаанд, ки агар кор ба ҳамин минвол пеш равад, имкон дорад, интеллекти сунъӣ инсонро аз доираи мудирият хориҷ карда, ҷойи ӯро

бигирад ва ҳатто тасаллути комил бар инсонҳо пайдо кунад. Албатта, ин андешаҳо ҳанӯз фарзияанд, амалӣ нашудаанд. Аммо инкишофи босуръати техникаву технология ва ба вежа технологияи иттилоотӣ амалӣ шудани ин фарзияҳоро собит карда истодааст.

Агар, дар маҷмуъ, ба ҳадафи тарбия дар ҷаҳони феълӣ баргардем, ҳадафи аслии он рушду инкишофи мутаносиби шахсият мебошад. Ё ба таври дигар гӯем, тарбияи инсони комил, ки аз ҳар назар инкишоф ёфтааст ва ба инсони дигар на ҳамчун манбаи даромад балки чун дӯст, бародар ва ҳампайванди хеш нигоҳ мекунад.

Мо онро дар осори файласуфон ва педагогҳои инсонгарои давраи Таҷаддуд Ф. Рабле, М. Монтен; сотсиалистони хаёлӣ Т. Мор, Т. Компанелла, Р. Оуэн, Сен-Симон, Ш. Фурре (вобастакунии тарбияро бо меҳнат); маърифатпарварони асри XVIII француз Гелветсий, Д. Дидро (такомулоти ақлӣ ва ахлоқ); сотсиал-демократҳои рус А.И. Гертсен, В.Г. Белинский ва Н.Г. Чернишевский (инкишофи ҳамаҷониба баъди инқилоб ҳалли худро меёбад) дида метавонем [95, С. 288].

Беш аз 70 сол мактаби кишвари мо таҳти идеяҳои файласуф-иқтисодчиёни маъруф К. Маркс ва Ф. Энгелс инкишоф ёфт. Мо ин давраро аз таърихи хеш сарфи назар карда наметавонем. Дар ин давра мазмун ва моҳияти тарбия аз ин идеология маншаъ мегирифт ва ба андешаи онҳо, дар натиҷаи тараққиёт ва пешравии ҷомеа синфҳо аз байн меравнад ва ҷомеа дар инкишофи хеш ба дараҷаи баланди тараққиёт мерасад. Инчунин фарқ дар байни меҳнати ҷисмонӣ ва ақлонӣ аз байн меравад.[95, С. 288].

Агар дар кулл ба аҳдофи тарбия аз зовияи он идеология назар андозем моҳият ва мазмуни тарбия инкишофи инсони комил аст. Аммо он шомили баъзе равишҳое буд, ки бештар ҷанбаи на амалӣ, балки отифӣ ва то андозае мавҳум дошта, инсонро қурбони ғоя ва фаҳмишҳои ғайривоқеӣ мекард.

Бахшҳои аслии тарбия инҳо мебошанд: ақлӣ, ҷисмонӣ, меҳнатӣ, политехникӣ, ахлоқӣ ва эстетикӣ.

Тарбияи ақлӣ тарбиягирандаро ба низоми донишҳои асосӣ мусаллаҳ мегардонад. Дар раванди таълим тарбиягиранда асосҳои дониши илмиро аз худ

намуда, ҷаҳонбинии илмии хешро такмил медиҳад. Ҷаҳонбинӣ ин низоми андешаҳои фард дар бораи табиат, ҷамъият, кор ва дарку фаҳми онҳо мебошад. Мутобиқ ба ҷаҳонбинии илмӣ фард, шахс ҳаводиси табиат ва ҷамъиятро ба таври жарфу амиқ дарк карда, муносибати худро ба онҳо муайян мекунад. Барои он ки асосҳои фан ба таври комил ба шуурона аз бар карда шаванд, омӯзгор барои барраси маводи таълимӣ ба осори гузаштагони форсу тоҷик ва мутафаккирони он рӯ меорад.

Чунончи; *«Соате талаби илм беҳ аз намозгузории як шаб аст ва рӯзе талаби илм беҳ аз се моҳи рӯзадорӣ аст»* (Ҳадис). Дар навишт *«сухан кӯтоҳ бувад маъно дароз ва сухан дубора навишта нашаваду аз алфози гарон парҳез кунад, то сутуда бувад»* гуфтааст Муҳаммад Ғаззолӣ [122, С. 464].

Бошуурона аз бар кардани низоми донишҳо ба инкишофи мантиқии тафаккур, хотира, диққат, тасаввурот, қобилияти ақлӣ мусоидат мекунад. Вазифаҳои тарбияи ақлӣ шомили мавридҳои зерин мебошанд:

– аз бар кардани маҷмуи муайяни донишҳои илмӣ;
– ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ;
– рушду тараққии қувваи ақлонӣ, қобилият ва истеъдод;
– инкишофи майлу рағбати идрок;
– ташаккули фаъолияти дарк;
– такмил ва ташаккули доимии донишҳои хеш;
– баланд бардоштани дараҷаи омодагии донишҳои ибтидоӣ;
– умумӣ ва ҳирфаӣ.

Тарбияи маънавии насли наврас - вазифаи муҳимми муассисаҳои таълимии замони муосир ба ҳисоб меравад. Дар мактаби муосир инсон аз ҳар назар таълим ва тарбия мебинад ва вақте аз он берун меояд, ӯ як шахси босаводи бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ мебошад.

Дар ҳамин ҷо як нуктаро зикр кардан ба маврид аст, ки мактаби муосир аз ҳар назар пешрафта буда, ба донишомӯзон донишҳои пешрафтатаринро дар ихтиёр мегузорад. Масалан, дар кишварҳои Аврупо, Америка ва Россия муассисаҳое арзи ҳастӣ кардаанд, ки онҳо беҳтарин мактаббачаҳо ва

болаёқаттарин бачаҳоро дар оғўши худ фаро гирифтаанд. Он мактаббачаҳо дар канори таълиму тарбия гирифтан ба корҳои илмӣ машғул буда, кашфиётҳои илмӣ анҷом медиҳанд. Ҳатто дар баъзе аз ин муассисаҳо корхонаҳои истеҳсолӣ низ арзи вуҷуд кардаанд, ки онҳо ғоя ва андешаҳои илмии мактаббачагонро дар амал татбиқ карда, ба истеҳсоли ҳар гуна молу маҳсулот машғуланд. Яъне, муассисаи таълимии муосир на танҳо муассисаи таълимдиҳанда ва тарбиякунанда аст, балки маконе мебошад, ки дар он мактаббачагон ғоя ва андешаҳои хешро дар дар амал татбиқ мекунанд. .

***Тарбияи ҷисмонӣ*** – қисми таркибӣ ва ҷудонопазири ҳама гуна низомҳои тарбия мебошад. Тарбияи ҷисмонӣ низ дар навбати хеш ба намудҳои дигари тарбия алоқаи зич дорад ва дар якҷоягӣ бо онҳо такмил меёбад. Вазифаҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаи таълимӣ шомили мавридҳои зерин мебошад:

– таҳкими саломатӣ ва инкишофи дурусти ҷисм;
– баланд бардоштани қобилияти корӣ, ақлонӣ, ҷисмонӣ;
– инкишоф ва такомули ҳаракатҳои табиӣ;
– аз худ намудани машқҳои нави ҷисмонӣ;
– инкишофи чолокӣ, тобоварӣ ва устуворӣ;
– ташаккули малакаҳои беҳдоштӣ;
– тарбияи хислатҳое, аз қабили далерӣ, ҷасурӣ, нотарсӣ, ҷуръатмандӣ, интизомнокӣ, масъулиятшиносӣ, коллективизм, эҳтиром ба калонсолон, кумак расондан ба барҷомондагон ва заифон, озору азият накардани аз худ хурдсолон ва амсоли инҳо;

Тарбияи ҷисмонӣ аз синни томактабӣ шуруъ мешавад ва дар мактаб ва муассисаҳои таълимӣ фанни ҳатмӣ маҳсуб меёбад. Дар канори машғулитҳои дарсӣ дар муассисаҳои таълимӣ ҳар гуна чорабиниҳои варзишӣ доир карда мешаванд, ки онҳо дар тарбияи ҷисмонии хонандагон нақши муҳим мебозанд.

Тарбияи меҳнатӣ ва таълими политехникӣ сиёҳ. Ин намуди тарбия яке аз намудҳои қадимаи тарбия маҳсуб ёфта, аз бозе, ки инсон худро ҳамчун инсон шинохтаву эътироф кардааст, ҳамқадами ӯст. Инсон барои таъмини хўроки хеш

ба шикор мерафт, аз дарахт, санг ва ниҳоятан оҳан ҳар гуна асбоб месохт ва таъмини маош мекард, ки ин ҳамагӣ тарбияи меҳнатӣ ва техникӣ маҳсуб меёфт, чун инсон дар канори заҳмат кашидан тарбият меёфт ва олоти меҳнати худро инкишоф медод. Фарзандони худро дар руҳияи меҳнат кардан ва касби маош кардан тарбият мекард. Моро лозим аст, ки ин ҷо каме биистем ва рӯйи қазияи меҳнат кардан андешаронӣ кунем. Ровиёни ҳол ва донишмандони соҳа бар ин ақидаанд, ки инсон дар натиҷаи меҳнат кардан шакл ва ба вежа қомати худро рост карда ва рост рафтанро ёд гирифтааст. Меҳнат инсонро аз назари ҷисмонӣ ва ақлонӣ ташаккул медиҳад. Чун инсон ба меҳнат кардан мепардозад ва зимни иҷрои ин кор ба мушкилии иҷро шудан ва ё нашудани он кор рӯ ба рӯ мешавад, фикр мекунад, андеша меронад, ки ин корро бо чи роҳу усул ба итмом расонад. Ва, албатта, роҳи ҳалли мушкилиро пайдо мекунад ва бар дониши доштаи хеш донише меафзояд. Агар ба ихтирооти рӯйи олам низ назар андозем, қазияи ихтироот низ ба ин сурат будааст. Яъне, мушкилӣ ва масъала инсонро ба касби донишҳои нав водор намудааст. Дар кулл, инсон дар масири меҳнат кардан ва шаклу мазмун додани зиндагии хеш рушд ёфта, ба кашфиётҳои нодире ноил гаштааст. Дар маҷмуъ, зимни меҳнат кардан инсон аз ҳар назар инкишоф меёбад, аз ин рӯ, меҳнат ё тарбияи меҳнатӣ ба тарбияи фикрӣ, ахлоқӣ, маънавӣ ва зебоипарастию ҷисмонӣ алоқаи зич ва ногусастанӣ дорад.

Дар ҳоли ҳозир дар синфҳои ибтидоӣ фанни *«Санъат ва меҳнат»* таълим дода мешавад. Таълими политехникӣ барои техникадонӣ ва тафаккури нави иқтисодӣ, ихтироъкорӣ ва соҳибкорӣ замина мегузорад.

Меҳнати истеҳсолӣ шомили мавридҳои зерин мебошад:

а) натоиҷи мавод;

б) сомондиҳӣ;

в) ба низоми меҳнатӣ ҷалб кардани тамоми аҳли ҷомеа;

г) ҳавасмандгардонӣ тавассути мукофотҳои моддӣ.

Ҳоло ин ҷо мо каме рӯйи тарбияи ахлоқӣ баҳсро оғоз мекунем ва паҳлуҳои онро ба риштаи таҳқиқ мекашем. Ахлоқ ин одоби ботинии инсон буда, мунҷар ба ҳоли шахсии инсон аст. Ҷомӣ фармудаанд:

*Аз беадабӣ касе ба мақсад нарасад,*

*Зеро ки адаб тоҷи сари мардон аст.*

Тарбияи ахлоқӣ барои ҳаллу фасли мавориди зер сафарбар мешавад: ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, дарки маънои ахлоқ, мулоҳиза, эҳсос ва боварӣ, малака ва одати рафтори маданӣ, меъёри рафтор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва амсоли инҳо.

Мафҳуми ахлоқ ва мулоҳиза моҳияти падидаҳои ахлоқиро инъикос намуда, барои фаҳмидани хубу бад, одилонаю ғайриодилона мусоидат мекунанд. Ахлоқи инсон ба рафтори ӯ иртиботи ногусастанӣ дорад. Ботини инсон ҷаҳони хеле мураккаб ва печидаест, ки бар асари омилҳои гуногун шакл мегирад ва инсонро идора ва мудирият намуда, ӯро барои иҷрои корҳои гуногун ҳидоят мекунад. Мо аз рӯйи рафтори инсон дараҷаи ахлоқнокии ӯро муайян мекунем.

Меъёрҳои ахлоқӣ меъёрҳое мебошанд, ки дар тули зиндагии аҳли башар шакл гирифтаанд ва то андозае барои ҳамаи инсонҳо яксонанд, албатта, бо баъзе фарқиятҳо, ки бар асари фарҳанг ва тамаддунҳои халқҳои мухталиф шакл гирифтаанд ва он ҷузъҳо барои ҳамаи инсонҳо хос намебошад. Ҷаҳони нав, ҷаҳони технократӣ мунҷар ба арзишҳо ва меъёрҳои ҷадиди ахлоқӣ шуда истодааст, ки ин як чизи табиӣ аст. Аммо шаҳсутунҳои ахлоқу одоби инсонӣ бидуни тазалзул побарҷо ва устувор мондаанд. Бар эҳсосу бовари мо, ҳар чи қадар инсонҳо ба ҳам наздик шаванд, ба ҳамон андоза арзишҳо ба якдигар шабеҳтару умумитар мешаванд, ки ин табиӣ ба назар мерасад.

Ахлоқи ҳамидаи инсони шомили мавридҳои зерин мебошад: шарафмандӣ, поктинатӣ, боадолотӣ, масъулиятшиносӣ, покдилӣ, бомасъулиятӣ, бовиҷдонӣ, инсонпарастӣ, беғаразӣ, ростқавлӣ, вафодорӣ, меҳнатдӯстӣ, эҳтироми калонсолон ва амсоли инҳо. Осори ниёгони мо, ки моломоли панду андарз мебошад, қодир ба тарбияти бештари мо дар ин масир аст ва ҳоизи аҳамияти калон мебошад.

Ахлоқи байналмилалӣ шомили мавридҳои зерин мебошад: эҳтироми кишварҳо, мақомоти давлатӣ, Конститутсия, бархӯрди мунсифона нисбат ба меҳнату кор, ватанпарастӣ, интизомнокӣ, шарафи шаҳрвандӣ, талабгузорӣ ба

худ, майлу рағбат ба рӯйдодҳои кишвар, фаъолияти иҷтимоӣ, раҳму шафқат, ки зодаи ҷомеаи муосир мебошанд, ба маънои нав қимат ва эътибор пайдо кардаанд.

***Тарбияи зебоипарастӣ (эстетикӣ)*** – як бахши муҳимми тарбия буда, дар маҷмуи анвои тарбия ҷойгоҳи вижаи худро дорад. Тарбияи зебоипарастӣ ва ё ба таври дигар карда гӯем, тарбияи эстетикиро иҷмолан ба ду навъ тақсимбандӣ кардан имконпазир аст: назариявӣ ва амалӣ. Вазифаҳо, шиносоии хонандагон ба паҳлуҳои масъалаи эстетикӣ аз бахшҳои назариявии тарбия буда, бахши амалии он шомили мавридҳои зерин мебошад:

– ташаккули донишҳои эстетикии талабагон;
– тарбияи фарҳанги зебоипарастӣ;
– аз бар кардани мероси зебоипарастӣ ва фарҳангӣ;
– ташаккули муносибати эстетикӣ ба воқеият;
– инкишофи завқи эстетикӣ;
– шиносоӣ бо нафосати зиндагӣ, табиат, меҳнат;
– инкишофи талабот ба тарзи зиндагӣ ва фаъолият мувофиқи қонуни зебоӣ;
– ташаккули идеали эстетикӣ;
– ташаккули саъю кӯшиш ба зебоии ҳамаҷониба.

Инсон бояд аз ҳар назар зебо бошад ва худ низ дар офаридани зебоиҳо фаъолона иштирок кунад. Зебоиофаринӣ чи маъно дорад? Инсон бояд дар амалҳое аз қабили рассомӣ, наққошӣ, дизайнерӣ, мусиқӣ, хореографӣ ва амсоли инҳо, ки мустақиман ба зебоӣ иртибот доранд, шуғл варзад, сару кор гирад. Имрӯзҳо навъи фаъолиятҳои зебоипарастӣ нисбат ба замони пор хеле ривоҷ ёфтааст ва инсонҳо тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ дар ҳама гуна амалҳои зебоиофаринӣ иштироки фаъол доранд. Ҳатто шинонидани гулҳо, қайчӣ задани шохаҳои шамшод ва дигар растаниҳои ороишӣ дар кӯчаю хиёбонҳо ба завқи зебоипарастии мо завқи бештаре илова мекунад. Ногуфта намонад, ки ин эҳсосро мо бояд ҳам тарбия кунем ва таълим диҳем, он вақт мо ба аҳдофи хеш дар ин масир мерасем. Инсоне, ки завқи баланди зебоифаҳмӣ дорад ва зебоиҳоро меписандад, ӯ наметавонад, инсони бад бошад, ӯ наметавонад, ба

дигарон бадӣ кунад. Аз ин ҷост, ки мегӯянд: “Красата спасет мир”, яъне, зебоӣ ҷаҳонро наҷот медиҳад. Бояд иқрор шуд, ки ин ҳарфи каму андаке нест ва моро ба фикр кардан водор мекунад, ки таълими санъат ва меҳнатро дар синфҳои ибтидоӣ ҷиддитар ва комилтар ба роҳ монем. Ба таълими ин фан ҷиддӣ муносибат кунем, нагузорем, ки он мисли баъзе фанҳои дигар аз қабили тарбияи ҷисмонӣ ва амсоли инҳо фанни дуюмдараҷа маҳсуб ёбад. Зебоӣ инсонро бамаротиб мулоимтару нармтар ва нафистару нозуктар мегардонад. Дар тасаввури ҳамаи мо зебоӣ қабл аз ҳама гулзор аст, чун гул рамзи зебоӣ ва зебоипарастӣ мебошад.  Гароиш ба инсонпарварӣ аз ҷодаи зебоӣ сарчашма мегирад.

Ин ҷо ба баҳси хеш перомуни тарбияи инсон ва хусусан наврасону ҷавонон ва мактаббачагон идома медиҳем.  Тамоми имконот ва корҳо дар мактаб ба хотири тарбияи  насли наврас равона шудаанд. Аммо ҳамаи хонандагон дар мактаб яксону якнавохт тарбия намеёбанд. Ин ғайриимкон аст, зеро иддаи одамон баробари хусусиятҳои умумиинсонӣ боз қобилияти мунҳасир ба фард  ва гениалӣ ҳам доранд. Ҳамаро дар мактаб олим, шоир, табиби ҳозиқ, рассоми варзида, мутриб, ҳофизи хушовоз, муҳандиси мумтоз ва ғайра тайёр кардан аз имкон берун аст.

Рушди ҳаматарафаи  шахсият ба он маъност, ки фард на фақат бо як фаъолият (илмӣ, эҷодӣ, дониш, меҳнат, ҳунар) маҳдуд бошад, балки асоси корҳои дар зиндагӣ барои худ зарурро иҷро карда тавонад. Аз ин рӯ, таълиму тарбия бояд аз воқеият дур набошанд, онҳо мисли ду боли як паранда бояд инсонро ба зиндагӣ омода кунанд ва дар ҳар лаҳза дастгиру мададгораш бошанд. Барои мисол,  шахс дар як касб солҳои тулонӣ ифои вазифа намуда, тамоми паҳлуҳои он ҳунарро аз худ намуда, мутахассиси варзида, шахси ҳирфаӣ мешавад, аммо ин маънои онро надорад, ки ӯ дар шуғли корҳои дигар нотавон мемонад. Шуғлу корҳои дигар ва махсусан он корҳоеро, ки барои зиндагии рӯзмарраи ӯ лозиманд,  балад аст ва аз уҳдаи иҷрои онҳо мебарояд. Гоҳо одамон дар як касб кору фаъолият мекунанд, аммо он қадар муваффақ

намешаванд, аммо ба маҳзе, ки бо тавсияи як шахси кордон касби худро иваз мекунанд маъруфу маҳбуб гашта, аз сӯйи дигарон пазируфта мешаванд.

Тарбияи ватандӯстӣ бо қоидаву қонуниятҳои худ амал мекунад ва дар миёни маҷмуи тарбияҳо мақоми вижаеро касб намудааст.

Ҳадафи аслии тарбияи ватандӯстӣ аз эҳёи масъулияти шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ ҳамчун арзишҳои аслии маънавӣ-ахлоқӣ ва иҷтимоӣ, ташаккул ва инкишоф додани шахсияти насли наврас, ки дар сифатҳои муҳимтарину фаъоли иҷтимоӣ ифода меёбад, иборат мебошад.

Аз мақсади умумии тарбияи ватандӯстӣ вазифаҳои зерин сарчашма мегиранд, ки иҷрои онҳо ба афзудани қобилиятҳои шаҳрвандони тоҷик, баланд шудани дараҷаи фаъолнокии иҷтимоии ватандӯстӣ ва омодагӣ баҳри хизмати шоиста ба Ватан мусоидат менамояд:

- ташаккули худшиносии миллӣ, муносибати арзишнок ба шахсият, ҷомеа, давлат, ба ғояҳо ва арзишҳои эҳё ва рушди онҳо;
- ҷалби насли наврас ба низоми арзишҳои иҷтимоӣ-маданӣ, ки бойигарӣ ва вижагиҳои таърихӣ ва фарҳангии кишвар, халқи худ, ташаккули талаботҳоро ба арзиши баланди маънавию ахлоқӣ, фарҳангӣ ва рушди минбаъдаи онҳо инъикос менамояд;
- фароҳам овардани шароити мушаххас барои зуҳуроти шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ, бо дар назардошти манфиатҳои онҳо, талаботи онҳо ба соҳаҳои асосии фаъолият ва муоширати инсонӣ;
- тарбияи эҳтироми қонуну меъёрҳои ҳаёти коллективӣ, рушди масъулияти иҷтимоӣ чун тавсифи муҳимтарини шаҳрвандони ҷавон, ки дар ғамхорӣ нисбат ба беҳбудии мамлакати худ, мустаҳкамкунӣ ва ҳифзи он зоҳир мегардад;
- тарбияи муносибати мусбат ба меҳнат, инкишофи талабот ба меҳнат барои беҳбудии мамлакат ва ҷамъият, ташаккули фаъолияти мақсадноки аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим;
- ташаккул ва рушди талабот ба ҳаёти маънавӣ, ба тарзи ҳаёти солими маънавӣ, қобилияти хушбахтона зистан бо оила, бо шахсони наздик,

нигаҳдории муносибати муътадил дар гурӯҳи хурд.




**Расми 4. – Амсилаи амалигардонии системаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон**

Таҳқиқотҳои гузаронидашуда, аз ҷумла хусусиятҳои илмӣ, методӣ ва амалидошта, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, то ҳол ба дарки сатҳи консептуалии он чун падидаи сифатан нав дар илм ва амалияи педагогӣ, бавежа дар таносуб бо навъу самтҳои асосии тарбия, ки дар даврони шуравӣ арзи вуҷуд кардаанд, масалан, чун тарбияи ахлоқи маданӣ, меҳнатӣ, ҳуқуқӣ

ва ғайра, ба таври комил дар ин самт комёб нагардидаанд.

Мушкилоти асосӣ ин ҷо на танҳо дар муносибатҳо, мавқеъҳо, ақидаву тасаввуроти гуногун аст, балки дар аксари таҳқиқотҳо, коркардҳо ва ҳатто ҳуҷҷатҳои расмӣ, ки барои ошкор намудани вазъият, сатҳ ва баҳодиҳӣ ба натиҷаҳои мушаххаси корҳо доир ба тарбияи ватандӯстӣ, аз тарафи субъектҳои гуногун дар шароиту соҳаҳои мухталифи фаъолият дар минтақаҳо бо категорияҳои гуногуни шаҳрвандон ва монанди инҳо нақш ва аҳамияти меъёрҳо ба инобат гирифта намешавад, инкор мегардад. Системаи муосири мавҷудаи арзёбии давлатӣ ва назорати натиҷаҳои маълумоти умумӣ ва масъалаҳои рушди он барои таҳлил ва арзёбии натиҷаҳои тарбия ва ҷузъи ватандӯстонаи он дар соҳаи таълим инро собит месозад. Тавре маълум мегардад, маҳз дар ин соҳа одамон ҳамаи масъалаҳоеро, ки на фақат бо татбиқи самтҳои асосии тарбия, балки бо назорат аз болои натиҷаҳои мушаххаси ҳосилшуда алоқамананд, матраҳ менамоянд. Дар нимаи дуюми солҳои 80-уми қарни XX ин фаъолият боздошта шуду баъдан умуман қатъ гашт. Аммо солҳои охир вазъият каме тағйир ёфта истодааст.

Педагоги машҳур Я. А. Каменский ва дигар муҳақиқону пажӯҳишгарони соҳаи педагогика масъалаи тарбияи кӯдакону наврасонро мавриди омӯзишу таҳқиқ карор дода, таъкид намудаанд, ки тарбияи ватандӯстии ҷавонон асосан тавассути шиносоии онҳо ба мамлакати хеш, таърих, фарҳанг ва расму оинҳои мардумӣ амалӣ карда мешавад [6, С. 176].

Дар замони шуравӣ низ ба масъалаи тарбияи ватандӯстӣ таваҷҷуҳи калон зоҳир карда мешуд ва он замон барои амалӣ намудани ин намуди тарбия мошинаи давлати абарқудрат комилан сафарбар карда шуда буд. Аммо душманони давлату ҳукумати онвақта рахнаҳоеро дар деворҳои ин тарбия ворид карданд ва ин рахнаҳо боиси он шуд, ки ин давлати абарқудрат пароканда гардад. Бояд зикр кард, ки бавежа душманони ин давлат ба ин намуди тарбия рахна ворид карданд. Онҳо давлати Шуравиро бо симоҳои манфур ва иборахои зиндони халқҳо ва амсоли инҳо муаррифӣ карда, ҷавононро ба сӯйи худ кашиданд ва дар ниҳояти кор, боз омилҳои дигар низ

ба ин кор сабаб шуданду он давлат пароканда гардид.

Ҳадафи аслиии тарбия дар мактаби советиро А. С. Макаренко ишора карда гуфта буд: Ҳар як тарбиятгиранда *«бояд ватандӯсти ҷасур, далер, бовиҷдон ва меҳнатдӯст бошад»* [130, С. 415]. Ҳамзамон, ӯ таъкид намудааст, ки ватандӯстӣ на танҳо дар рафтори қаҳрамонона зоҳир мегардад, аз ватандӯсти ҳақиқӣ на танҳо *«дурахши яклаҳзаинаи қаҳрамонӣ»*, балки кори дурударози пуразобу фишороваранда ва ҳатто хело мушкил, ногувор ва нописанд талаб карда мешавад. Ба ақидаи ӯ, мактаб бояд ашхоси маълумотдор, кормандони соҳибихтисос, шахсонеро, ки малакаҳои ташкилотчигӣ доранду ҳаётдӯстанд, тарбия намояд.

Муҳаққиқони аҳди шуравӣ ҳатто дар замонҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ низ ба тадқиқотҳои хеш идома доданд. Масалан, дар корҳои И.А. Карпов имконоти машғулиятҳои фориғаздарсии мазмуни ватандӯстидошта, иншоҳо дар мавзуи ватандӯстӣ, методҳои тарбияи ҳисси ватандӯстӣ дар мактаб-бачагон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд [89, С. 48-55].

Дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ масъалаи тарбияи ватандӯстии насли наврас муҳиммияти вижа касб мекунад. Шоирону нависандагон бо эҷоди асарҳои ватандӯстона мардум ва бавежа ҷавононро ба қаҳрамонию далерӣ, ҷасурию фидокорӣ даъват мекарданд.

В.А. Сухомлинский ватандӯстии шуравиро чун *«Муҳаббати наҷиби халқи шуравӣ ба Ватани сотсиалистии худ»* муайян намуда, ишора кардааст: *«Яке аз вазифаҳои асосии тарбиявии мактаб омодагии хонандагон ба меҳнати одиву ҳамарӯза барои ҷомеа мебошад ва худи фаъолияти ватандӯстии кӯдакон, ки аз ҷониби педагог бо ин мақсад ташкил мешавад, кувваи муҳаррики шахсияти худогоҳи наврасро муаррифӣ месозад»* [168, С. 393].

Аз байни таҳқиқотҳои педагогии солҳои 50-ум ва 60-уми асри гузашта, ки ба ин масъала бахшида шудаанд, асарҳои И.Ф. Харламов [172, С. 460] ва М.А. Терентий [170, С. 208], Ф.И. Хвалов [173, С. 18] назаррасанд.

И. Е. Кравсев роҷеъ ба масъалаи тарбияи ватандӯстӣ таҳлили амиқи

назариявӣ анҷом дода, доир ба ташаккули ватандӯстии мактаббачагон дар корҳои фориғаздарсӣ тавсияи амалӣ дода, ягонагии шуури ватандӯстӣ, ҳиссиёту рафтори хонандагонро асоснок кардааст [99, С. 128].

Дар осори М.А. Терентий аломатҳои мафҳуми Ватандӯстии шуравӣ ошкор гардида, дар сохтори китоби дарсӣ ва адабиёти илмӣ коркарди худро ёфт. Дар ин давра ба омӯзишу баррасии масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ дар меҳнати муфиди ҷамъиятӣ, ки бо хусусиятҳои рушди ҷомеа маънидод мегардиду дар қонун дар бораи алоқаи мактаб бо ҳаёт инъикос меёфт, диққати махсус дода мешуд. Ба ин мавзуъ рисолаҳои И.Г. Песталотси [145, С. 132], Д.В. Катсюба [90, С. 173], И.А. Верба [52, С. 42-43] бахшида шудаанд.

Солҳои 70-80-и асри гузашта бахшҳои гуногуни тарбияи ватандӯстии насли наврас мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шуданд.

Дар солҳои 90-ум қарни гузашта ба тарбияи ватандӯстии ҷавонон таваҷҷуҳи камтар зоҳир карда мешуд. Ба андешаи мо, ин ба ҳодисаву воқеаҳое, ки дар он солҳо рух медод, вобаста буд. Инчунин, дар масъалаҳои консептуалии тарбия низ баъзе тағйироту дигаргуниҳо ба амал омада буд. Ҳамаи ин мавридҳо боиси он шуданд, ки таваҷуҳи дастандаркорон ба ин масоил камтар шуда буд. Аммо имрӯзҳо бо таваҷҷуҳ ба истиқрори низоми нав ва тағйир ёфтани арзишҳо масъалаи тарбияи ватандӯстӣ вижагии махсус касб кардааст, зеро ки пайдоиши низоми бисёрҳизбӣ дар кишвар, демократисозии ҳаёти ҷамъиятӣ мунҷар ба он шуд, ки идеяҳои ватандӯстиро ҳизбу ҳаракатҳои гуногун ва ҳатто ба ҳамдигар муқобил мавриди истифода қарор дода, аз он ба суди хеш ва зарари дигарон истифода мекардагӣ шуданд. Бинобар ин, мафҳумҳои *«ватандӯстӣ»*, *«ватандӯст»* тобишҳои номатлубро низ гоҳе қабул мекунанд.

Ба назари инҷониб, пажӯҳишҳои Ю.К. Бабанский доир ба масоили тарбияи ватандӯстии донишҷӯёни МТОК самти ҳарбӣ [28, С. 187] хеле ҷолиб мебошанд. Ӯ масъалаи ватандӯстиро аз нигоҳи таърихӣ-фалсафӣ ва педагогӣ ба таври амиқ ба риштаи таҳқиқ кашида, масъалаи тарбияи ватандӯстиро чун

сифати шахсият, ки дар иртибот бо маънавиёти шахсият қарор мегирад, арзёбӣ мекунад.

Дар баъзе пажўҳишҳои солҳои охир тарбияи ватандӯстӣ, дар маҷмуъ, бо масъалаҳои тарбияи шаҳрвандӣ дар якҷоягӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

П.Ф. Каптерев тарбияи шаҳрвандиро дар чаҳорчӯби педагогикаи мардумӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ў роҷеъ ба муҳиммияти забони модарӣ, расму оин ва арзишу иделҳои ахлоқӣ дар тарбияи кӯдакон ва наврасон таъкид намуда, перомуни роҳу равишҳои мухталиф ҷиҳати таъсиррасонӣ ба тарбиятгирандагон ва бавежа аз осори шифоҳӣ кор гирифтан дар ин масир таъкид кардааст [86, С. 80].

Чунин бархӯрд ба тарбияи шаҳрвандӣ дар шароити кишвари мо, ки дар он миллатҳои мухталиф умр ба сар мебаранд, ҳоизи аҳамияти бузург мебошад.

Ба масъалаи тарбияи шаҳрвандӣ дар шароити муосир асари С.Е Матушкин *«Халқият дар тарбияи шаҳрвандӣ»* бахшида шудааст. Муаллиф тафовут ва умумиятҳои байни тарбияи ватандӯстӣ ва шаҳрвандиро муайян намуда, зарурати татбиқи принсипи халқиятро дар тарбияи ҷамъиятӣ асоснок карда, ба сифати асосҳои тарбияи ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ дар тарбиятгирандагон рушд додани ҳисси муҳаббат ба Ватанро пешниҳод менамояд [132, С. 19].

Ў ватандӯстиро яке аз вазифаҳои тарбияи шаҳрвандӣ ба қалам дода, чунин мегўяд: *«Аз рӯи моҳияти худ самти мазкур маҳз бо тарбияи шаҳрвандӣ зич алоқаманд аст, зеро ки он бо хосагиҳояш бо мафҳумҳои кишвар, давлат, мамлакат, Ватан робита дорад»* [4-М].

Ҳангоми баррасӣ ва шаклгирии масъалаи тарбияи шаҳрвандии мактаббачагон А.В. Белов ишора мекунад, ки фарқиятҳо ва ҳамзамон, умумиятҳои робитаи байни мафҳумҳои *«шаҳрвандият»* ва *«ватандӯстӣ»* вуҷуд дорад ва ватандӯстӣ шомили гурӯҳи арзишҳои иҷтимоӣ мебошад [34, С. 47-49].

Дар ҳар сурат, асос гузоштани ин эҳсос ба тарбия робитаи зич дорад. Зеро мактаббачагон хеле зирак ва мушоҳидкор мешаванд ва онҳо ба рафтор ва гуфтори мураббӣ ва омӯзгори хеш таваҷҷуҳ карда, ба он пайравӣ мекунанд. Аз ин рӯ, мо омӯзгорон ва мураббиёнро лозим аст, ки ватандӯстиро дар рафтор ва гуфтори хеш нишон диҳем ва дар гуфтору рафтор яксону якнавохт бошем. Шояд ин аслиҳа ва воситаҳои муҳимми таъсиргузорӣ ба мактаббачагон ва наврасон дар масири тарбияи ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ бошад. Ҳамон тавре ки Пешвои миллат- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мефармоянд: «Мо Ватани хешро дар забон не, балки бо қалбамон дӯст дорем».

Дар ҳамин ҷо мехостем, каме аз суханрониҳои Пешвои миллат- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки дар Паёми соли 2023 роҷеъ ба ҷавонон ва тарбияи ватандӯстӣ иброз доштаанд, биоварем: «Барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда зарур аст, ки Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барномаҳои кор бо ҷавононро таҳия ва амалӣ намояд. Дар ин замина, ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати тарбияи наврасону ҷавонон бояд ба масъалаи баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва инсонпарварии онҳо таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода шавад» [Паём, 2023].

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш зикр кардаанд, ки ба масъалаи ватандӯстиву ватанпарастӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода шавад, барои чӣ, барои он ки хеле аз масоили тарбия ба ин шакли тарбия алоқаи зичу ногусастанӣ дорад. Агар мо тавонем эҳсоси ватнапарастӣ ва ватандӯстиро дар замиру ботини бачаҳо биғунҷонем, онҳо дар навбати худ ба ҳамаи корҳои дигар қодир хоҳанд буд.

Биёед, як ба таърихи замони Шуравӣ рӯ биорем, ки чӣ қадар наврасону ҷавонон дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз худ қаҳрамонию далерӣ нишон доданд. Қаҳрамониву далерии Александр Матросов, Зоя Космодемянская, Олег Кошевой ва гурӯҳи ӯ бо номи «Гвардияи ҷавон» барои мардуми Шуравӣ маълум аст. Ин ҷавонон ба ҷавонии хеш нигоҳ накарда, то лаҳзаи

охирин бо душманон ҷангиданд ва ҷони худро дар ин роҳ нисор карданд. Саволе ба миён меояд, ки «Чаро»? Чунки Ватани азизи худ, Иттиҳоди Шуравиро дӯст медоштанд ва онро мисли гавҳараки чашм нигоҳубин мекарданд ва вақте душманон ба Ватани мо ҳамла карданд, ба дифои он бархостанд ва мо ҳамагон медонем, ки дар ниҳояти кор бо баҳои ҷони 27 миллион одамони Шуравӣ пирӯзӣ ба даст оварданд. Ин ҷо, ба андешаи мо, нақши ватандӯстӣ ва ватанпарастӣ хеле бузург буд.

Таҳлили адабиёти педагогӣ доир ба масъалаи мазкур нишон медиҳад, ки тарбияи ватандӯстиро чун ҷузъи зарурии таркиби корҳои тарбия эътироф намуда, олимони гуногун онро ба самтҳои мухталиф мансуб медонанд.

Баъзе олимон, аз қабили Н.В. Ипполитова [81, С. 216], О.И. Павелко [143, С. 20], Ю.К. Бабанский [29, С. 192] ва дигарон тарбияи ватандӯстиро чун як қисми тарбияи ғоявӣ-сиёсӣ баррасӣ мекунанд, гурӯҳи дигари олимон, амсоли М.С. Андреев [17, С. 67], В.И. Лутовинов [117, С. 284], В.А. Сухомлинский [168, С. 393], Н.А. Горлова [62, С. 109] ва дигарон чун як қисми тарбияи ахлоқӣ ва гурӯҳи сеюм: А.Л. Литвин, Е.И. Устюжанин ва Г.И. Хамитов [111, С. 200] ва дигарон онро чун як фасли алоҳидаи мустақил ҷудо мекунанд. Ба андешаи мо, гуфтаҳои донишмандони гурӯҳи охир моҳиятан дуруст мебошанд, зеро ватандӯстӣ ва мазмуни мафҳуми мазкур ба таври воқеӣ асоснок карда шудааст. Тавре М.А. Терентий қайд мекунад, барои муайян намудани нақш ва мавқеи тарбияи ватандӯстӣ, мелоки аслӣ ҳадафи ниҳоии он маҳсуб меёбад: *«Ташакули ватандӯст, шахсе, ки барои ӯ маънои зиндагӣ дар он аст, ки барои гулгулшукуфии ватани худ ҳаматарафа кӯшиш ба харҷ диҳад»* [170, С. 208].

Татбиқи тарбияи ватандӯстӣ ба маҷмуи усулу равишҳои ҷараёни педагогӣ, ки вижагиҳои тарбияи ватандӯстии мактаббачагонро инъикос мекунанд, алоқаманд мебошад. М.А. Терентий тарбияи ватандӯстиро ба рушди ҷомеа ва ҳаводиси дар он баамаломада, таъриху фарҳанги миллат, анъанаҳо ва расму оини миллат ва боз як идда аз масоили дигар вобаста медонад [170, С. 208].

Тағйироту дигаргуниҳое, ки дар ҷомеаи муосир рух медиҳанд, дар консепсияҳои нави ташкил ва татбиқи ҷараёни таълиму тарбия дар раванди маълумотгирӣ инъикос меёбанд ва такя ба фаҳмиши нави мафҳумҳои асосии педагогиро дар назар доранд. Ин ба пуррагӣ ба ҷараёни тарбияи ватандӯстӣ низ алоқаманд аст, ки ба назари мо, бояд дар асоси принсипи фасеҳӣ ва вариантнокӣ амалӣ гардад. Аввалин таассуроти саривақтиро ба тағйироти вазъи иҷтимоӣ-педагогӣ, дуюм – истифодаи таркибҳои гуногуни шаклу усулҳои таъсири педагогӣ бо дар назардошти хусусиятҳои хоси тарбиятгирандагонро мефаҳмонад, ки ба ҷараёни гуманисозии системаи маълумот, бо равонагии ҷараёни педагогӣ ва фароҳам овардани шароит барои инкишофи шахсияти ҳар як тарбиятгиранда асоснок мегардад.

Принсипи муҳимми ташкили корҳои тарбиявии дилхоҳ самт такя ба ҷиҳатҳои мусбии шахсияти тарбиягиранда мебошад. Ин принсип ба ҳайати маҷмуи принсипҳои умумии тарбия дохил мешавад. Дар шароити муосир бо ин принсип боз як ҷанба – фароҳам овардани шароити мусоиди психологӣ дар ҷараёни ҳамкории педагогӣ пурра мегардад.

Шароити феълии замони муосир талаб мекунад, ки насли наврасу ҷавони мамлакати азизамон-Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар руҳияи ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ, ифтихор доштан аз таъриху фарҳанги оламгир, расму оинҳои аҷдодӣ ва хислатҳои ҳамидаи инсонӣ тарбия намуда, нисбати имрӯзу ояндаи онҳо масъулияти баланди шаҳрвандӣ дошта бошем. Омӯзонидани таърихи пурифтихорамон имкон медиҳад, ки насли наврасу ҷавони кишвар ба мафҳумҳои ватан, модар, истиқлолияту ваҳдат, хонавода, арзишҳои милливу давлатдорӣ ва амсоли ин сарфаҳм рафта, худро барои ҳифзи онҳо масъул донанд. Солҳои охир муҳаққиқон ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, корҳои зиёдеро ба анҷом расонидаанд, ки омӯзишу татбиқи онҳо низ аз манфиат холӣ нест. Ю.К. Бабанский низ ба ин масъала мароқ зоҳир намуда, зикр кардааст, ки *«Имрӯз худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва садоқат ба Ватан яке аз пояҳои муҳимми давлату давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Чунки давлат бе миллат буда наметавонад ва*

*дар ин баробар миллате, ки худро нашиносад, ба арзишҳои миллии худ эҳтиром надошта бошад, он миллат соҳибдавлат буда наметавонад. Ҳамин ҳисси ватандӯстӣ буд, ки миллати мо ба ҳеҷ як мушкилӣ ва фиребу найранги ашхоси бегона нигоҳ накарда, ваҳдати миллиро дар кишвар пойдор намуд. Аз ин рӯ, тарғиби ҳамешагии ин мафҳумҳо барои насли ҷавони кишвар аз манфиат дур нест»* [28, С. 187].

Тарбияи инсони комил, ватандӯсту худогоҳ ва масъулиятшинос зери таваҷҷуҳи доимии педагогону ҷомеашиносон ва таърихнигорону адибон қарор дорад. Дар маҷмуъ, тарбия зуҳуроти иҷтимоию фарҳангӣ ва психологию педагогӣ буда, ҷиҳати ба низом овардани муносибати ҷамъиятӣ ва рушди ҷомеа хизмат менамояд. Кори тарбия чун воситаи асосии ҳадафмандонаи рушди шахсият ва дохил гардидани инсон ба ҷараёни зиндагии воқеӣ ва таъмини ҳаёти маънавӣ мебошад Яке аз муҳаққиқони машҳури рус И.Ф. Харламов ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, дар китоби худ *«Педагогика»* қайд мекунад, ки *«Мақсади тарбия қисми таркибии мақсаду вазифаҳои давлат қарор мегирад, ки барои амалӣ намудани манфиатҳои давлат, ҷамъият ва ҳар як шаҳрванд равона карда мешавад. Давлат чунин тартибу низомро ҷорӣ мекунад, ки барои ҳаёт ва фаъолияти инсон ва тарбияи миллии шаҳрвандон мусоидат менамояд»* [172, С. 460].

Тақвияти эҳсоси ватандӯсӣ дар замири наврасону ҷавонон, ки аз ҷумлаи сифатҳои хоссаи ахлоқӣ маҳсуб меёбад, ба ҳувияти миллӣ ва дигар сифатҳои ҳамидаи инсонӣ мусоидат менамояд. Ин воқеият аст, ки афроду ашхосе, ки ватандӯсту ватанпарастанд ва нисбат ба сарнавишт ва таъриху фарҳанги миллат бетафовут нестанд, бидуни шакку тардид дар рушду нумуъ ва гулгулшукуфоии мамлакати азизамон саҳмгузор хоҳанд буд. Барои онҳое, ки дар масири худшиносӣ ва эҳсоси ватанпарастӣ ва ватандӯстӣ ба ҷое расидаанд, ҳеҷ ниёзе ҷиҳати ташвиқу тарғиби хидматгузорӣ ба миллату Ватан ҷой надорад. Чунин ашхос ин масоилро ба хуби дарк мекунанд ва бидуни чуну чаро дар хидмати Модар-Ватан қарор доранд. *«Тарбияи*

*ватандӯстӣ дар шаҳрванд сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳуввияти миллӣ, инсондӯстӣ, озодандешӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ ва дигар сифатҳои мусбатро ташаккул медиҳад»* [172, С. 460].

Бо ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳи ҷомеаи демократӣ на танҳо ба мушкилоти тағйир додани низоми сиёсиву иқтисодӣ, балки тағйир додани сохторҳои иҷтимоии кишвар, аз ҷумла маориф низ, рӯ ба рӯ шуд.

Барои пурбор гардидани ин тағйирот як идда асноди меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, ба тасвиб расидаанд, ки мақсад аз онҳо мутобиқи талаботи ҷомеаи демократӣ тағйир додани сохтор ва мазмуни таълиму тарбия мебошад. Онҳо муҳаррики аслии супориши иҷтимоии ҷомеа мебошанд. Тарбияи ватандӯстӣ дар байни хонандагони синфҳои болоӣ тавассути васоити таърихӣ, мусоидат ба рушди арзишҳои ахлоқию ватандӯстӣ (муҳаббат ба Ватан, Ватани хурд, табиати атроф ва ғ.) дар намудҳои гуногуни корҳои илмии эҷодӣ ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ аҳамияти хосса дорад.

Аз ин рӯ, бояд дар байни хонандагони синфҳои болоӣ тамоилҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамияти ватандӯстидоштаро рушду инкишоф додан лозим аст.

Дар ҳамин ҷо як нуктаро зикр кардан ба маврид аст, ки солҳои охир ҷавонони мо дар зери таъсири ғояҳои фетешизм қарор гирифта, мансаб, пул, мол ва сармояро дар қиёс бо илму дониш, маърифат, таъриху фаҳанг болотар медонанд. Ҷавонони мо дар натиҷаи заиф гаштани самту масирҳои тарбия роҳи осони корро дар сафар ба хориҷи мамлакат мебинанд. Мо медонем, ки сатҳи зиндагӣ дар кишварҳои аврупоӣ ва Амрико хуб аст ва на танҳо ҷавонони мо, балки аз тамоми давлатҳои дунё ба ин самт майл доранд. Мо бояд ба ҷавонон фаҳмонем, ки ҳеҷ маконе Ватани инсонро иваз карда наметавонад. Шояд сатҳи зиндагӣ дар он кишварҳо баланд бошад, аммо садоқат, вафодорӣ, меҳру муҳаббате, ки дар Ватани хеш шумо меёбед, он ҷо нест. Мо ҳам бояд Ватани хешро обод кунем ва сатҳи зиндагиро дар Ватани худамон баланд бардорем. Мо барои иҷрои ин кор дар кишвари азизамон

тамоми имконотро дорем. Фақат бояд ҳимматро баланд бардорем ва тавре гуфтаанд:

Ҳиммат баланд дор, ки мардони рӯзгор
Аз ҳиммати баланд ба ҷое расидаанд.

Рӯз то рӯз масъалаи тарбияи ватандӯстии насли наврас аҳамияти хосса касб мекунад, чунки ватандӯстӣ шолудаест, ки дар ҳамаи давру замонҳо қишрҳои гуногуни ҷомеаи тоҷик бо такя ба он девори ватандӯстӣ ва ватанпарастиро бунёд гузоштаанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки бештар аз 70 фоизи аҳолии Тоҷикистонро наврасону ҷавонони то синни 35-сола ташкил мекунанд, аз ин рӯ, масъалаи тарбия ва бахусус, тарбияи ватандӯстӣ ва ватанпарастӣ, барои кишвари мо хеле мубрам мегардад. Дар баробари камбудӣ ва норасоиҳое, ки имрӯзҳо дар самти тарбияи ватандӯстӣ ва ватанпарастии ҷавонон дида мешавад, метавон гуфт, ҷавонони худогоҳу ватанпарасти кишвар ҳамчун неруи созандаву пешбарандаи рушди тамоми бахшу соҳаҳо пазируфта шуда, саҳми онҳо дар таҳкими ваҳдату оромӣ, ҳифзи арзишҳои давлатдорӣ, муаррифии шоистаи миллату давлат дар арсаи минтақаву ҷаҳон шинохтаву эътироф гаштаанд. Аз ин рӯ, тарбияи ватандӯстӣ ва худшиносиву худогоҳии миллии хонандагон ҳамчун василаи мусоидаткунанда ба фаъолияти минбаъдаи онҳо муҳимму зарур мебошад.

Маҳз ҷавононанд, ки дар оммавигардонии варзиш нақши асосӣ дошта, ба шарафи пирӯзиҳои онҳо парчами Тоҷикистони маҳбуби мо дар гӯшаҳои гуногуни дунё парафшонӣ мекунад, яъне, ин қишри ҷомеа таваҷҷуҳ ва муроқибати хеле ва хеле амиқ ва дақиқро мехоҳад. Агар ба ин масъала аз буъди дигар назар андозем, мебинем, ки наврасону ҷавонон ба иллати надоштани таҷрибаи кофии зиндагӣ ва ҳанӯз пайдо накардани масирҳои аслии хеш дар ҳаёт аз ҳар назар осебпазир ва машмули гароиш ба ҷараёнҳои номатлуб мебошанд. Ин аст, ки мо бояд ҳамеша даст рӯйи набзи наврасону ҷавонон дошта бошем ва онҳоро дар лаҳазоти печидаву мушкили зиндагиашон танҳо нагузорем ва дар баробари бароварда сохтани ниёзҳои онҳо аз тамоми имконоти мавҷуда кор гирифта, ба онҳо меҳри Ватан,

ватандорӣ ва ватандӯстиро талқин намоем.

Дарвоқеъ, таваҷҷуҳу ғамхорӣ ва таълиму тарбияи дурусти насли наврасу ҷавони кишвар дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, бартараф намудани мушкилоти рӯзгори онҳо ва самаранок истифода намудани неруи зеҳниву ҷисмонии ин қишри ҷомеа дар раванди корҳои созандагиву бунёдкорӣ натиҷаҳои назаррас ба бор оварда истодаанд. Ҳамин аст, ки дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар таҳти ғамхории Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба илмомӯзиву касбомӯзии наврасону ҷавонон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардида, барои фаъолияти минбаъдаи ин қишри ҷомеа шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Наврасону ҷавонони ватандӯсту меҳанпарасти кишвар низ ҷавобан ба ин ҳама ғамхориҳои давлату ҳукумат кӯшиш намуда истодаанд, ки дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз намуда, сатҳи иқтисодиётро баланд бардоранд. Зикр намудан зарур аст, ки барои тарбия ва фаъол гардидани ин қишри муҳимми ҷомеа, як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, аз ҷумла *«Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026»* ва *«Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027»* қабул шудаанд, ки онҳо самараи хуб ба бор оварда истодаанд.

Инкишофи ҳисси ватандӯстӣ ташаккули ақидаҳои ватандӯстии тарбиятгирандагон, ҷалби онҳо ба фаъолияти хусусиятҳои ватандӯстидошта, ташкили корҳои тарбиявиро дар асоси принсипи такя ба ҷиҳатҳои мусбӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди психологӣ талаб менамояд.

Ҷараёни тарбияи ватандӯстӣ, чун дигар ҷараёнҳо, сохтори худро дорад, ки бо сохтори умумии ҷараёни мукаммали педагогӣ мувофиқат мекунад ва ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад: мақсад, вазифаҳо, мазмун, шаклҳо, усулҳо, восита ва таҳлили натиҷаҳо.

Бо дар назардошти хусусиятҳои тарбияи ватандӯстӣ дар ҷомеаи муосир мақсади ҷараёни мазкур чун тарбияи ватандӯсти муътақид ё устувор, ки Ватани худро дӯст медорад, ба он содиқ аст, бо меҳнати худ ба хизмати

Ватан омода аст, бо меҳнати худ арзишҳои онро ҳифз менамояд, муайян мегардад.

Мактаби муосир таҷрибаи калони амалии тарбияи ватандӯстии насли наврасро дорад, аммо дар шароити феълӣ на ҳамаи он таҷриба қобили қабул ва истифода мебошад. Чун фазои сиёсӣ тағйир кардааст, масирҳо ва арзишҳо тағйир ёфтаанд, на ҳар чизе, ки қаблан вуҷуд дошт, дар ҳоли ҳозир қобили қабул ва истифода мебошад.

Ватан, ватандорӣ ва меҳру муҳаббат ба Ватан ин вожаҳои нав нестанд ва меҳру муҳаббат низ ба он имрӯз оғоз нашудааст. Инсонҳо аз бозе, ки худро мешиносанд, марзу бум, зодгоҳ, сарою кошонаи худро дӯст медоранд ва то андозае онро ба мисли як маъбуде парастиш мекунанд ва агар лозим шавад ҷони худро дар роҳи ободию озодии он дареғ намедоранд.

Муҳаққиқону педагогон дар ҷараёни фаъолияти илмиву таълимӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои олӣ, бахусус, тарбияи ватандӯстии наврасону ҷавонон, аз омилҳои гуногуни таъсиррасон истифода карда, назарияҳои гуногунро пешниҳод намудаанд. П.В. Иванов зимни омӯзишу таҷрибаҳои зиёди амалӣ ба хулосае меояд, ки рушди сифатҳои фитрии инсон, аз ҷумла кӯдакон ва меҳру муҳаббат доштанашон нисбат ба Ватан аз фаъолияти самарабахши омӯзгорон, тарбияи муҳити хонаводагӣ ва муносибати ҷомеа вобастагӣ дорад. *«Ӯ мақсади асосиро дар тарбияи насли наврас парвариш додани сифатҳои ватандӯстӣ, ташаккули накукории шаҳрвандон, ки аз он некуаҳволии ҷомеа, дарки манфиатҳои шахсиву ҷамъиятӣ вобаста аст, ҳисоб мекард»* [79, С. 27-30].

Дар таҳқиқотҳои монографӣ кӯшиши як қатор муҳаққиқон дар бораи таърифи ватандӯстӣ аз мавқеи васеи умумифалсафӣ қайд мегардад. П.М. Рогачев [156, С. 328] ва М.А. Свердлин ба ватандӯстӣ чун ҳисси муҳаббат ба Ватан, ки дар хизмат ба манфиатҳои он таҷассум ёфта, дар низоми кувваҳои ҳаракаткунандаи рушди ҷомеа ҷойи назаррасро ишғол менамояд, таъриф мекунанд. *«Ватандӯстии ҳақиқӣ на танҳо ҳисси муҳаббат ба Ватан, балки, пеш аз ҳама, дарки баланди масъулияти шаҳрвандӣ барои тақдири Ватан,*

*эътиқоди амиқ ба зарурати мутобиқ сохтани манфиати шахсӣ ба манфиати ҳама мебошад»* [156, С. 192].

Дар илми равоншиносӣ як қатор муносибатҳо барои шарҳи сифатҳои ахлоқӣ, аз ҷумла тарбияи ватандӯстӣ, вуҷуд дорад. Л.Т. Рудченко [159, С. 18], И.Ф. Харламов [172, С. 460] сифатҳоро чун муносибатҳои устувору ҷоришавандаи шахсият ба ин ё он тарафҳои воқеияти иҷтимоӣ, В.П. Шишкин [181, С. 110], А.Ф. Шишкин чун ягонагии шуур, ҳиссиёт ва ирода, С.Л. Рубинштейн [158, С. 147] чун синтези сабабҳои муайяни устувор ё мутаваҷҷеҳшавии шахсият баррасӣ кардаанд.

Тағйиротҳои амиқи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва идеологии ин давра на танҳо диди нави арзишҳои ахлоқиро ба бор овард, балки, дар навбати худ, дар маркази сиёсии нуқтаи назару эътиқодоти мухолиф қарор гирифт. Дар баробари пажӯҳишҳои нокомил доир ба ин масъала тадқиқотҳои пояи баланди илмӣ-назариявидошта низ ба вуҷуд омадааст [1-М]. Муаллифони ин асарҳо чун қоида ба мероси анъанавии тафаккури ватанӣ рӯ оварда, ба таҳлили мулоҳизакоронаву объективии давраи шуравӣ дар алоқаи зич бо ҷомеаи имрӯза кӯшиш ба харҷ додаанд.

Масъалаи коста гардонидан ва халалдор сохтани эҳсоси ватандӯстии ҷомеа, ки охири солҳои 80-уми асри XX оғоз ёфт, бинобар сабаби босуръат паст шудани мавқеи иҷтимоии ҷавонон тезу тунд гардид. Пастшавии мавқеи иҷтимоӣ-иқтисодии насли наврас дар он асос меёбад, ки як қисм ҷавонон ё имконияти кор кардан надоранд, то ин ки зиндагии шоистаро пеш баранд, ё роҳи осони даромади пулиро ҷӯста, бо меҳнати истеҳсолӣ шуғл варзидан намехоҳанд [5-М].

Таҳлили системаҳои мавҷудаи тарбияи ватандӯстӣ дар хонандагон, ки аз тарафи муассисаву ташкилотҳо, мақомотҳои идоракунии давлатӣ ва ҳам иттиҳодияву ташкилотҳои ҷамъиятӣ пешниҳод шудаанд, камсамарагии онҳоро, бинобар мавҷуд набудани барномаҳои илман асоснокшудаи фаъолият, ки ба вазифаҳои маҳдуд равона шудаанд ва ҳалли онҳо аз шароити маҳал, базаи моддиву техникӣ, дастгирии маблағгузорон вобастагӣ дорад,

ошкор намудаанд [3-М].

Яке аз ниҳодҳои муҳимме, ки дар он тарбияи ахлоқӣ-ватандӯстӣ татбиқ мегардад, ин хонавода, яъне оила маҳсуб мегардад, аммо солҳои охир ба иллати як идда аз масоили объективӣ ва субъективӣ нақши он беранг гаштааст. Илова бар ин, *«дар натиҷаи дигаргуниҳои ҷаҳони муосир халои арзишҳо ба вуҷуд омад»* [1-М].

Институти дигари муҳим барои тарбияи ватандӯстии наврасон ин муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад, ки дар ҳолати рушди имрӯзаи худ қарор доранд. Масъалаи мазкурро таҳлил намуда, муҳаққиқон ба хулосае омаданд, ки *«он (муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ – С.А.) ҳоло яке аз вазифаҳои асосии педагогии худ, яъне вазифаи муайянкунандагии самтҳои амиқу мақсаднок дар тарбияи шахсиятро иҷро карда наметавонад»* [10-М].

Дар бораи воситаҳои ахбори омма чун яке аз ниҳодҳои муҳим дар тарбияи ватандӯстии хонандагон, иҷтимоисозӣ ва ташаккули сифатҳои ахлоқии насли наврас сухан ронда, аҳамияти онро дар солҳои охир таъкид намуда, баъзе муҳаққиқон бар ин назаранд, ки ҷавонони имрӯза арзишҳои ахлоқии гузаштаро гум кардаанд ва дар ин кор ВАО-ро гунаҳгор медонанд [6-М].

Ба қавли Н.С. Борисов, *«аз байн рафтани идеология ва мавҷуд набудани институтҳои самараноки тарбия яке аз хусусиятҳои муҳимми вазъи имрӯзаи ҷомеа мебошад, барои коркарди тарбияи ватандӯстии хонандагон дар корҳои илмию таҳқиқотии нимаи аввали солҳои 90-ум асос шуда метавонад»* [45, С. 224].

Ба омӯзиши масъалаи тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии наврасон дар раванди дарс ва фориғ аз дарс Л.Т. Рудченко машғул шудааст. Ӯ асосҳои методӣ ва хусусиятҳои ташаккули тарбияи шаҳрвандии наврасонро, ки бо вежагиҳои психологии ин синну сол алоқаманд аст, ошкор намуд. Ҳамзамон, маҷмуи чорабиниҳоеро, ки ба ташаккули худогоҳии шаҳрвандии хонандагон равона гардидаанд, коркард намуда, методикаи таълиму тарбияи шаҳрвандии

наврасонро аз рӯи принсипҳои худидоракунии мактабӣ бо татбиқи лоиҳаву масъалаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим пешниҳод кард [159, С. 18].

Ба таъкиди муҳаққиқони масоили кишваршиносӣ Ҳ. Муродиён ва Н. Қудраттуло, *«дар ҳақиқат, кишваршиносӣ яке аз воситаҳои муҳими тарбияи идеавию сиёсӣ ва маънавии наврасону ҷавонон мебошад. Вай дар қалби ҷавонон муҳаббати амиқро нисбати зодгоҳу кишвари худ ҷой медиҳад. Махсусан, тавассути он дар иҷрои вазифаҳои тарбияи меҳандӯстӣ, маънавӣ ва меҳнатии ҷавонон саҳм гирифтан мувофиқ аст. Ошноӣ бо суннатҳои аҷдодӣ, анъанаҳои инқилобӣ, ҷангӣ, адабӣ ва меҳнатии одамон, омӯзиши расму одатҳои мардумӣ, корнамоию диловарии ниёгонамон мактаббачагонро водор месозад, ки на танҳо худ дар руҳияи хидмат ба манфияти халқу Ватан, муҳофизати сарватҳои миллӣ, анъанаҳои авлодӣ, меҳнатдӯстиву меҳнатқаринӣ тарбия ёбанд, балки ба ояндагон низ чунин сифатҳои ҳамидаи инсониро талқин намоянд. Хирадмандон омӯхтани асрори кишвари худро на танҳо барои шавқовар буданаш зарур шумурдаанд, балки барои он тавсия кардаанд, ки донистани кишвар барои шакли онро дигаргун сохтан низ ёрӣ мерасонад»* [138, С. 313].

Ба ақидаи А. Сайфуллоев *«Устод Садриддин Айнӣ на танҳо нависанда ва шоири забардаст, омӯзгори номӣ, муаррихи мумтоз, олими нуқтасанҷ, публитсисти оташинсухан, санъатшиноси беназир, балки чун асосгузори илми кишваршиносии тоҷик низ маҳсуб мешавад»* [162, С. 84].

Дар таҳқиқоти Н.С. Борисов моҳияти рӯоварии арзишнок ба Ватан чун омили базавӣ байни дигар афзалиятҳои муҳимми шахсияти хонандагони синфҳои боло матраҳ гардида, амсилаи муносибатҳои асосӣ ба интихоби мазмун ва методикаи корҳои таҷрибавию озмоишӣ дар ҷараёни таълими фанҳои гуманитарӣ пешниҳод гардидааст [45, С. 224].

Тавсифи мазмуни муҳимми *«тарбияи ватандӯстии хонандагон»* нишон медиҳад, ки унсурҳо, сершумории таркиби онҳо, пайванди ин унсурҳо гуногунанд. Ба андешаи мо, дар асоси таҳқиқоти илмии мавҷуда оид ба масъалаи мазкур ба мазмуни мафҳуми тарбияи ватандӯстии хонандагон,

ворид сохтани ҷузъҳои зерин қобили қабул аст: дарки амиқу илмии таърихи Ватан дар алоқаҳои ҳамгироии таълим ва тарбия дар дарсҳо, машғулиятҳои факултативӣ, дар фаъолияти таъриху кишваршиносӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, ҷустуҷӯӣ доир ба омӯзиши таърих ва фарҳанги ватани худ.

Солҳои тулонӣ мубоҳисаҳо байни муҳаққиқоне, ки дар дарки моҳияти тарбия ва мавқеи ватандӯстӣ дар ҷараёни таълим, дар бораи мувофиқи мақсад будани шинос кардани насли наврас бо гузаштаи қаҳрамонони халқи худ ақидаҳои мухталифро ҷонибдорӣ менамоянд, ҷараён дошт. Баъзе олимон таъкид мекарданд, ки воқеаҳои таърихии ватанро аз рӯи таъсир ба сиёсат, фарҳанг ва санъат дар шакли умумиҷаҳонӣ қабул кардан лозим аст. Қисми бештари муҳаққиқон, махсусан муаллимон, қайд мекунанд, ки ҳисси муҳаббат ба ватан, алоқаманд донистани сарнавишти худ бо сарнавишти кишвар, ягонагии руҳи инсон бо Ватани хеш ба мардуми мо ҳамеша хос буд ва ба ӯ бахри мардона паси сар намудани давраҳои мудҳиштарин дар таърихи мамлакат кумак расонидаанд. Ин мавқеъҳо бо тамоми таърихи бисёрасраи мамлакати мо, аз ҷумла дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ алайҳи фашизм, собит карда шудаанд.

## 1.2. Ҷанбаҳои психологию педагогии кишваршиносии таърихи ватанӣ дар рушди шахсияти хонандагони синфҳои болоӣ

Барои дида баромадани кишваршиносӣ чун унсури ташаккули таърихӣ, пеш аз ҳама, ба мазмуни ин мафҳум сарфаҳм рафтан зарур аст.

Қомуси калони Шуравӣ ба ин мафҳум таърифи аз ҳама васеъро медиҳад: *«Кишваршиносӣ омӯзиши ҳаматарафаи як қисми мамлакат, шаҳр ё деҳа, дигар нуқтаҳои аҳолинишин бо аҳолии маҳаллӣ мебошад, ки барои он ин ҳудудро кишвари худ медонанд. Кишваршиносӣ маҷмуи таҳқиқотҳои тиббӣ ва ҷамъиятӣ мебошад. Кишваршиносӣ табиат, аҳолӣ, хоҷагӣ, таърих ва фарҳанги кишвари хешро меомӯзад»*

Қомуси педагогии Россия кишваршиносиро маҳз чун фанни курси мактабӣ баррасӣ мекунад ва чунин шарҳ медиҳад *«Кишваршиносӣ дар*

*мактаб омӯзиши табиат, иқтисодиёт, таърих ва фарҳанги маҳалли худ-ҳудуди мактаб, шаҳр, деҳа, ноҳия, вилоят мебошад»* [71, С. 127].

Дар луғати забони русии Ю. Круинов [102, С. 62-67] ва луғати забони русӣ зери таҳрири А.Н. Виршаков ва М.Б. Кусмарсев дар ин бора таърифоти мушобеҳ дода мешавад: *«Маҷмуи донишҳо дар бораи ин ё он кишвар, омӯзиши табиат, таърих, иқтисодиёт зисти он ва ҳ.к»* [54, С. 160].

Бо таърифоти мазкур шинос шуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки кишваршиносӣ ин омӯзиши Ватани худ, табиат, этнография, маданияти моддӣ ва маънавии он мебошад. Айни замон ин танҳо фанни мактабӣ нест, балки чун як самти мушаххаси илмӣ пазируфта шудааст. Ҳар як шахси соҳибақл дар бораи ҳодисаҳое, ки дар замини ӯ рӯй медиҳанд, бояд маълумот дошта бошад.

Омӯзиши кишвари худ, таърихи он ба ҳама кӯдакон новобаста аз синну сол зарур аст. Ҳамзамон, мазмуни он гуногун мешавад, зеро ки интихоби маълумоту усулҳо ба хусусиятҳои синнусолӣ ва маърифатӣ вобаста аст. Аммо мақсад бештар умумист: *«Мақсади маълумот дар бораи кишваршиносӣ мусоидат намудан ба тамоюлҳои маънавӣ, арзишнок ва амали хонандагон дар фазои ҳаётӣ, инчунин мутобиқшавии иҷтимоӣ мебошад»* [4-М].




**Расми 5. – Амсилаи донишҳои кишваршиносӣ**

Омӯзонидани таърихи маҳал ва корнамоиҳои бузургон ба руҳияву ҷаҳонбинии насли наврасу ҷавони кишвар таъсири мусбат расонида, онҳоро барои корҳои созандагиву бунёдкорӣ ҳидоят мекунад. Ба ташкили босифати машғулиятҳои таълимӣ ва корҳои амалии беруназсинфӣ, ки ба шинохти арзишҳои давлатдорӣ, аҳамияти оила, нақши муссисаи таълимӣ ва маҳалли зист таъсиргузор аст, таваҷҷуҳ намудан зарур аст. *«Аммо диққат додан ба ҳамаи ин мавзуъҳо муҳим аст, то ин ки омӯзгору хонандагон зарурати ягонагӣ, ҳамгироӣ, «шаффофӣ»-и ҳудуди онҳо, имконият ва зарурати гузариши мунтазами системавиро аз як доираи донишҳо ба дигар, муҳимият ва мақсаднокии алоқаи мунтазами наздик бо дур, бозгашт аз дур бо наздикро фаҳманд»* [55, С. 976].

Дар ҳаёти инсоният, бахусус халқи тоҷик, садҳо ҳодисаҳои ибратомӯз ба вуқуъ омадаанд, ки омӯзишу маърифати дурусти онҳо ба насли наврасу ҷавони кишвар барои боло рафтани эҳсоси ватадӯстӣ ва худшиносиву худогоҳии миллӣ аз манфиат холӣ нест. Дар ҷараёни машғулиятҳои таълимӣ метавон хисороти Ҷанги Бузурги Ватаниро ба хонандагон шарҳу тавзеҳ дода, нақши қаҳрамонони тоҷикро дар таъмини ғалаба ёдовар гардид. Чунин усул ва равиши кор имкон медиҳад, ки хонандагон ба моҳияти арзишҳои ватандӯстӣ сарфаҳм раванд ва ҳифзи марзу буми Ватанро аз ҳар чизи дигар муқаддамтар гузоранд.

Донистани таърихи гузашта, маҳалли зист ва корнамоиҳои қаҳрамонҳои миллӣ ба ташаккули ватандӯстии хонандагон таъсири амиқ мегузорад. Аз ин рӯ, таълиму омӯзиши ҳодисаҳои муҳимми давлатдорӣ, ҷараёнҳои ҷамъиятӣ, ҳаёту машғулияти одамон муҳим мебошад.

Ҳангоми таълиму маърифати масъалаҳои кишваршиносӣ ба умдатарин масъалаҳои таърихи маҳал таваҷҷуҳ намудан низ зарур аст. Ба хонандагон дар баробари шарҳу тавзеҳи ҳодисаҳои таърихӣ ва фаъолияти қаҳрамониҳои мардуми тоҷик, инчунин зикри шахсони дигар қавму миллтаҳо, ки онҳо низ дар ин самт таъсири амиқ доранд, муҳим аст. Бо ин шеваи кор хонандагон дар муқоиса қаҳрамониҳои миллати худро дида, ба онҳо пайравӣ мекунанд.

Эҳтиром ба арзишҳои маънавию фарҳангии дигар қавму миллатҳо аз ҷумлаи муҳимтарин масъалаҳое мебошад, ки ба он дар ҷараёни кори таълиму тарбияи хонандагон мароқ зоҳир кардан ба ташаккули сифатҳои шахсии хонандагон мусоидат менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки ҳодисаҳои байналмилалӣ низ ба фарҳангу маънавиёти ҳар қавму миллат таъсиргузор буда, шарҳи онҳо ба хонандагон дар ташаккули эҳсоси ватандӯстиву худшиносӣ замина мегузорад.

Баъд аз омӯзишу таҳқиқи мазмуни таълими кишваршиносӣ ба чунин хулоса омадан зарур аст:

1. **Талаботи робитаи диалектикӣ бо бахшҳои таърихи ватан ва таърихи умумӣ.** Ин мавод дар маҷмуъ таърих ва фарҳанги ба ҳама манотиқ мувофиқро шомил ва инъикос мекунад.

2. **Принсипи ҳамгирой.** Кишваршиносӣ ба мактаббачагон дар бораи маҳалли зисти онҳо ва шахсиятҳои маъруфи он маълумоти мукаммал дар ихтиёр мегузорад. Ҳамгирой, қабл аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки зимни пиёда намудани масоили кишваршиносӣ иртибот ба фанҳои гуногун, аз қабили таърихи халқи тоҷик, ҷуғрофия, таърихи умумӣ, адабиёт ва амсоли инҳо сурат мегирад.

3. **Принсипи гуногунфарҳангӣ.** Ахбору маълумотҳо аз маҳалли зисти хонандагон аз он хабар медиҳанд, ки дар маҳалли зисти онҳо кадом қавму миллатҳо зиндагӣ мекунанд ва онҳо чӣ гуна расму оин доранд. Ҳамзистии қавму миллатҳои гуногун боиси таъсирпазирии якдигар шуда, миллату қавмҳоро ба якдигар наздик мекунад. Чунин ҳамзистӣ ва ҳамгироӣ мунҷар ба он мешавад, ки намояндагони қавму миллатҳои гуногун ба якдигар дӯсту бародар шуда, ҳатто издивоҷҳои муштарак низ ба вуҷуд омаданашон мумкин аст, ки боиси боз ҳам наздиктару дӯсттар шудани қавму миллатҳо мегардад.

4. **Принсипи антропологӣ.** Одам, таърихи таҷрибаи маънавӣ-амали ӯ дар маркази омӯзиши кишваршиносӣ меистад ва таърихи сиёсӣ ва иқтисодӣ танҳо дар шароити инкишофи одам баррасӣ мегардад.

Бо такя ба ин принсипҳо нақшаро барои мазмуни курси таълими

кишваршиносӣ мураттаб сохтан мумкин аст.

Тарбияи ватандӯстӣ, аз муҳаббат доштан ба ҳаёт, муносибати самимии инсондӯстона ба атрофиёни худ оғоз меёбад. Ба хонандагон фаҳмонидани он, ки чаро бояд ватандӯсту хештаншинос бошанд, мушкил аст. Бахусус, дар шароити пуртаззоди муосир ин кор қариб номумкин маҳсуб мешавад, чунки ҳаёти наврасону ҷавононро чизҳои дигаре, аз қабили интернету сомонаҳои иҷтимоӣ пур кардаанд, ки онҳо ҳар кадом барномаву ҳадафҳои гуногун доранд, ва тамоми онҳоро пайгирӣ кардан аз имкон берун аст: филму намоишҳои гуногуни хислату характери музирдошта барои ҷавон; бекорӣ, майнӯшӣ ва нашъамандӣ; огоҳӣ аз ҷаҳони муносибатҳои пулӣ, яъне таваҷҷуҳи насли наврас ба он; бозиҳои компютерӣ, ки хусусияти тахрибкорӣ, зулму истибдод, бераҳмӣ доранд ва ғайра.

Давлат ва ҳукумат ба тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ҷиддӣ таваҷҷуҳ дорад, ки ин омил аз муҳимтарин масъалаҳои замони муосир ба ҳисоб меравад. Агар шаҳрванд нисбат ба марзу буми худ муҳаббат надошта бошад, дар мавриди тақдири имрӯзу ояндаи он бетараф аст. Аз ин рӯ, талқини ватандӯстӣ ва роҳнамоии хонандагон ба корҳои созандагӣ ба манфиати кор мебошад. Имкониятҳои курси мазкур ба хонандагон дар фаҳмонидани меъёрҳои муҳимтарини ҳаёти инсонӣ кумак мерасонад (расми 6).



**Расми 6. – Амсилаи имкониятҳои курс**

**Инсон-ҷузъи занҷираи ҳаёт.** *«Таърих, бавижа китоби муқаддаси халқҳост: асосӣ, зарурӣ, оинаи зиндагӣ ва фаъолияти онҳо, махзани раванду кашфиёт, васияти гузаштагон ба наслҳои оянда, пулест байни имрӯз ва оянда»* [ ].

**Одамони одӣ низ бояд аз таърих бохабар шаванд.** *«Он ба ӯ бо номукаммалии тартиботи мавҷуда чун зуҳуроти одии ҳамаи асрҳо созиш медиҳад. Дар муносибатҳои давлатӣ қаноатмандӣ мебахшад: пештар ҳам чунин ҳодисаҳо ва аз ин ҳам муҳимтар рӯй додаанд, вале давлат барҳам нахӯрд; он ҳисси ахлоқиро нигоҳ медорад ва бо ҳукму хулосаи одилонаи худ руҳро ба адл роҳнамо месозад ва он манфиати мо ва ваҳдати ҷомеаро таъмин менамояд»* [ ].

Ҳангоми таълиму тадриси таърихи халқи тоҷик ва дигар қавму миллатҳо хонандагон на танҳо дар бораи ҳодисаҳои гузашта, балки имрӯза огоҳ мешаванд, ки ин ҳама ба ташаккули ватандӯстии онҳо мусоидат мекунад. Аз ҳамин лиҳоз, вазифаи кишваршиносӣ аз инҳо борат аст:

1. Дар замири хонандагон ошкор намудани инсондӯстӣ, дӯст доштани муҳити зист, робитаи инсон бо табиат, таъсири ҳамкорӣ ба раванди натиҷаҳои меҳнатӣ, ташаккули хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ва тарбияи зебоипарастӣ;

2. Хонандагонро дар руҳияи меҳнатдӯстӣ тарбия намудан, ба онҳо дар чиҳати ифтихор аз таъриху фарҳанги миллат ва эҳтиром гузоштан ба калонсолон ва монанди инҳо мусоидат карданд;

3. Омӯзиши таърихи кишвари худ ба ташаккул додани шавқи маърифатӣ ба ҷараёни таълим мусоидат менамояд. Маводи маҳал ҳамеша дастраси хонандагон мебошад, аз ин рӯ, таъсири он ҷиҳати тарбияи кишваршиносӣ хеле зиёд мебошад.

4. Рушди маҳорати мустақилона ёфтани маълумоти лозимӣ дар бораи объекти таълимӣ, дар бораи фаъолияти одамон, корхонаҳо, муассисаҳо, дурнамои бо кор таъминсозӣ. Маҳз дар ҷараёни омӯзиши таърихи маҳал ба

хонандагон дуруст ва зуд ёфтани маълумоти лозимаро, ки дар бораи вилояти мо дар осорхона, бойгониҳо ва китобхонаҳо маҳфузанд, ёд додан мумкин аст. Инчунин, онҳо кор кардан бо омор, хулосаҳо бароварданро дар бораи рушди кишвари мо дар давраи муайян меомӯзанд.

5. Хонандагон маводи мухталифи таърихиро дар бораи маҳалли зисти хеш ҷамъоварӣ намуда, дар музейи маҳалли хеш ва ё музейҳои дигар маҳфуз медоранд.

Дар ин сурат, хонандагон ва мактаббачагон бояд нағз донанд, ки бобати маводи ҷамъовардаи хеш ва воқеияту ҳақиқат доштани онҳо масъуланд. Ба онҳо лозим аст, ки маводи ҷамъовардаи хешро бо донишмандон ва мутахассисони соҳа дар миён бигузоранд ва воқеияту ҳақиқат доштани маводи хешро мушаххас намоянд. Ин кор масъулияти хеле зиёд ва баландро талаб мекунад.

Ҳадафу мароми фавқуззикри кишваршиносӣ ба кулли вазоифи таҳсилоти муосир ҳаммаром мебошад. *«Ёрӣ расонидан ба инсонҳо ба хотири аз бар намудани фарҳанги мардумӣ, умумибашарӣ ва умумимиллӣ мебошад»* [164, С. 292].

Наврасон ва ҷавонон ҳангоми шиносоӣ ба мероси таърихӣ ва фарҳангии кишвар аз назари маънавӣ ғанӣ гардида, ба мамлакат ва кишвари хеш бо диди дигар нигоҳ мекунанд. Фарҳанг ва тамаддун дар осори гуногуни миллат инъикос меёбад, ки дар тули қарнҳо шакл гирифта, ба расму оин ва тарзи зиндагии инсонҳо табдил ёфтааст. Дар ин масир китобхонаҳо, музейҳо ва театрҳо нақши муассир мебозанд.

Дар ҳамин ҷо каме перомуни музейҳо ва хотираи инсонҳо баҳсро боз мекунем ва ба ҳаводиси дунёи феълӣ аз ин зовия кутоҳ назар меандозем. Дар дунёи феълӣ кишварҳои абарқудрат бо роҳбарии Амрико худро ҳомии демокросӣ ва озодӣ эълон намуда, зери ин пардаҳо манофеии иқтисодии хешро амалӣ карда истодаанд. Аммо як идда аз кишварҳо аз қабили Россия, Чин, Эрон, Кореяи Шимолӣ ва боз даҳҳо давлати дигар зери ин бор рафтан, намехоҳанд ва ин сиёсати пардапӯшонаи Амрикоро фош сохта, алайҳи он

мубориза карда истодаанд. Федератсияи Россия бошад, барои ҳифзи арзишҳои суннатӣ ва аслии хеш вориди ҷанги воқеӣ гашта ҳоло наздики се сол мешавад, ки дар майдони муҳорибаҳо барои арзишҳои миллӣ ва суннатии хеш мубориза мебарад. Кишварҳои ғарбӣ бошанд, дар симои Украина, кишварҳои канораи Балтика ва дигар кишвараҳои аврупоӣ ба қавли худашон ба хотири мардум меҷанганд ва хатарро дар рамзу самбулҳо мебинанд, аз ин рӯ, дар кишварҳои хеш аз тамоми тадбирҳо кор мегиранд, то мардумро шустушӯи мағзӣ намоянд. Ба ин хотир, ёдгориҳои таърихӣ, ҳайкалу нимпайкараҳои замони қабл, музейҳо ва экспонатҳои онҳоро аз байн бурда истодаанд. Воқеан, чунин аст, ки ҷанг бо хотираҳо рафта истодааст. Яъне, мо мебинем, ки хотира ва пос доштани он чӣ қадар муҳим аст.

Пас аз гурези иҷмолӣ ба идомаи қазияи хеш бармегардем ва мехоҳем бубинем, ки он то ба кучо мекашад.

Ба таври шартӣ ёдгориҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

– Ёдгориҳои табиӣ, ки баъзе вежагиҳои рушду тараққии мамлакатро мушаххас намуда, ба макону маҳалли он симои ғайриодӣ бахшида, мустақиман ба ҳаёту зиндагии одамон таъсиргузор мебошанд. Дар канори табиат ин қабил ёдгориҳо қисман бо дасти инсон офарида шудаанд.

Дар маҷмуъ, ҳамаи он ёдгориҳое, ки дар гирду атрофи мо мавҷуданд ва мо бо онҳо мустақиман ва ё ғайримустақим дар тамосем дар ташаккул ва шаклгирии эҳсоси ватандӯстӣ ва ватанпарастии мо нақши назаррас мебозанд.

Низоми дигари муҳтавои кишваршиносии мактабӣ шаклҳои таълим мебошанд.




**Расми 7. – Амсилаи машғулиятҳои беруназсинфӣ**

Аз рӯи ин самтҳо кор карда, муаллим шаклу усулҳои зиёди ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагонро истифода мебарад. Муфассалтар дар бораи баъзе шаклҳо дар поён ҳарф мезанем.

**Шакли аввал.** Дар дарсҳои таърих дар канори кулли мавзуъҳои таърихӣ маводи таърихии макони зисти хеш боястӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад.

Дар корбурди маводҳои кишваршиносӣ дар дарс ба ду навъи зиёдаравӣ ё худ ифрот роҳ додан лозим нест:

1) Вақте ки таърихи минтақаҳои алоҳида нисбат ба таърихи Тоҷикистон бартарӣ пайдо кардан мегирад, ҳамин тариқ, маводи барномавӣ мукаммал омӯхта намешавад, ё ба таърихи мамолики хориҷӣ камтар вақт мерасад, ки ин ҳам норавост.

2) Гоҳо барои омӯхтани таърихи кишвари хеш аслан ҳеҷ вақте низ ҷудо карда намешавад.

Ин ҷо метавон чанде аз роҳҳои дар дарсҳо кор гирифтан аз маводи кишваршиносиро баён намуд:

– зимни дарсҳо рафтан ба маконҳои таърихии минтақа ва ё маҳалли

зисти хеш;

– дар ҷараёни дарсҳо бевосита риштаи суханро кашидан ба маконҳои таърихии маҳалли зисти хеш.

– ҳангоми дарсҳо даъват кардани шахсиятҳои номдор, ки шоҳиди ҳоли таърихи пурифтихори минтақа ё маҳалли зисти мактаббачагон мебошанд.

Қабл аз оғози сухан перомуни макони таърихии маҳал муайян намудани он макон ва нуфузу мақоми он макон дар таърихи мамлакат муҳим аст. Вобаста аз мавзуи маводи кишваршиносӣ, аҳамияти он барои таърихи кишвар, бо такя ба мақсади дарс маводи маҳал дар оғози мавзуъ, ҷараён ва охири он бояд омӯзонида шавад.

Омӯзиши таърихи мамлакат бояд ҳамеша бо ҷалби маводи кишваршиносӣ амалӣ гардаду таърихи кишвар дар асоси донишҳои таърихи тамоми мамлакат омӯзонида шавад. Дар маҷмуъ, зимни омӯзиши фанни таърих алоқаманд намудани маълумоти он бо макону маҳаллҳои таърихии маҳалли зисти мактаббачагон ва ҳамзамон мушаххас намудани мақоми он маконҳо дар таърихи кишвар лозим меояд.

**Шакли дуюм.** Курсҳои махсуси таълимӣ дар синфҳои муқаррарӣ бо омӯзиши амиқи фанҳои силсилаи гуманитарӣ, инчунин маводҳои кишваршиносӣ, ки дар муассисаи ибтидоӣ бо мақсади муқаддимаи таърихӣ истифода бурда мешаванд.

**Шакли сеюм.** Курсҳои факултативӣ, яъне курсҳои махсуси кишваршиносӣ, ки аз ҳисоби соатҳои мактабӣ гузаронида мешаванд. Дар онҳо хонандагоне машғуланд, ки ба таърихи кишвар рағбати беандоза доранд. Бавежа, бо чунин хонандагон дар миён гузоштани масоили кишваршиносӣ ва маконҳои таърихии маҳалли зисти хеш натоиҷи хеле самарабахш ба бор меоварад. Ин донишомӯзон аллакай дар ин масир қарор доранд ва онҳо ба ҳар тариқ бошад, майл ва хоҳиши омӯхтани таърихи кишвари худро доранд. Пас, бо ин қабил донишомӯзон метавон аз ин масъала ба наҳви аҳсан кор гирифт.

Рушди рағбати ба хонандагон кишвари худ, ба таърих, илми таърихии

он, бо мақсади мукаммалгардонии донишҳо ва рушди қобилиятҳои хонандагон вазифаи асосии факултатив доир ба кишваршиносӣ мебошад.

Татбиқи мақсади мазкур мусоидат менамояд ба:

а) васеъшавии донишҳо аз ҳисоби арзиши асосии сарчашмавӣ;

б) омӯзиши ҳуҷҷатҳо, монографияҳо, маводҳои топонимикӣ, мардумшиносӣ, бостоншиносӣ ва ғайра;

в) таълими хонандагон ба ибтидои пажӯҳишҳои илмӣ, шиносоӣ бо усулҳои тадкиқоти таърихӣ;

г) ҷалби бачаҳо ба фаъолияти амиқи маърифатӣ.

Факултатив доир ба кишваршиносӣ аз рӯи мазмуни худ бештар таърихи кишварро аз давраи қадим то рӯзҳои мо фаро мегирад. Ба махсусгардонии факултатив рӯ овардан хеле муҳим аст; бостоншиносӣ, мардумшиносӣ ва монанди инҳо, то ин ки ба бачаҳо маълум бошад, ки чиро онҳо хоҳанд омӯхт. Кор бо тартиби зер ба роҳ монда мешавад:

д) **давраи аввал** – маърузаи муқаддимавии муаллим (мавзуъ эълон мегардад, супоришҳо дода мешаванд, ба бачаҳо тавсияҳо доир ба методикаи сабти хотираҳо, тавсияи онҳо, масъалаҳои ҷамъоварӣ, коркард ва система-кунии маводҳо пешниҳод мегарданд, шакли гузориш додан ва давраҳои кор кушода мешаванд, омӯзгор донишомӯзонро ба китобҳои зирабт ошно намуда, роҷеъ ба вижагиҳои асосии мавзуъ ахбору маълумот ироа мекунад;

е) **давраи дуюми**-экспедитсия, роҳпаймоӣ, саёҳат, вохӯрӣ бо одамони маъруф;

ж) **давраи сеюм**-семинар ва нишастҳои илмӣ;

з) **давраи чорум**-ҳамоиши хотимавии назариявӣ (дар он мактаббачагон бо гузориш дар бораи корҳои басомонрасонида перомуни мавзуъҳои хеш суханронӣ менамоянд).

Аммо набояд фаромӯш сохт, ки ҳамаи таҳқиқоти бачаҳо зери роҳбарии муаллим гузаронида мешаванд, чунки, чун қоида, нуқтаҳои аҳолинишини маҳал кам омӯхта шудаанд ва ба қисми зиёди саволҳо ҷавобҳои дуруст нест, инчунин ба саводнокӣ ва дурустии маълумотҳои ҷамъовардаи кӯдакон

диққат дода, илмият ва саҳеҳияти онро пайгирӣ намудан лозим аст. Дар асоси принсипи ҳамкории омӯзгор бо мактаббачагон ба натиҷае омадан имконпазир аст, ки омӯзгори корҳои кишваршиносиро ташкилкарда бояд дорои тавсифоти зерин бошад:

– **аввал**, ӯ бояд доир ба таърихи кишвар манбаъ ва сарчашмаҳои таърихиро балад бошад;

– **дуюм**, барои ӯ ошноӣ пайдо кардан бо методологияи кишваршиносӣ шарти зарурӣ маҳсуб меёбад;

– **сеюм**, омӯзгорро лозим аст, нисбат ба коре, ки ба сомон мерасонад, мароқ зоҳир намуда, худ низ ба кори таҳқиқотӣ машғул бошад;

– **чорум**, муаллим-кишваршинос чун ташкилкунандаи барқарорсозии алоқаи зич байни корҳои таълими беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ, байни факултативҳо ва дигар шаклҳои кор доир ба омӯзиши таърихи маҳал дар мактаб, инчунин алоқаҳои байнифаннӣ дар асоси кишваршиносӣ бояд хизмат расонад.

Факултативҳо доир ба кишваршиносӣ дар худ шаклу усулҳои зиёди ҳамкориҳои беруназсинфӣ ва ҳам синфӣ бо кӯдаконро дар бар мегиранд: семинарҳо, практикумҳо дар осорхонаҳо ва бойгониҳо, ҳамоишҳо, экскурсияҳо.

**Шакли чорум.** Машғулиятҳои беруназсинфӣ. Онҳо метавонанд оммавӣ, гурӯҳӣ, фардӣ бошанд. *«Шохаи кишваршиносӣ дар корҳои беруназсинфӣ бояд аз рӯи мазмун ва намудҳои фаъолияти маърифатии хонандагон бо вазифаҳои корҳои тарбиявии мактаб ва барномаи курси кишваршиносӣ мувофиқат кунад»* [59, С. 200].

Бинобар ин, чорабиниҳоеро, ки бо маълумот доир ба таърихи маҳал асос меёбанд ва берун аз дарс гузаронида мешаванд, ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1. Чорабиниҳое, ки дар онҳо иштирокчиён нақши истеъмолкунандагони ахборро мебозанд (соатҳои тарбиявӣ, экскурсияҳо, вохӯриҳо бо намояндагони маъмурият ва шахсони наҷиб).

2. Чорабиниҳое, ки идомадиҳандаи фаъолияти хонандагӣ буда, дар дарс оғоз ёфтаанд (бозиҳо, идҳо, намоишномаҳои корҳои эҷодӣ).

3. Чорабиниҳое, ки ба корбурди донишу маҳоратҳои дар курси таълимӣ гирифташуда имкон медиҳанд (ҳимояи рефератҳо, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, экспедитсияҳои ҷустуҷӯӣ).

Ягон шакл дар алоҳидагӣ доир ба кишваршиносӣ дониши мукаммал намедиҳад. Танҳо омӯзиши дурусти ҳамаи шаклҳо, инчунин ҳамкории муаллимон, кормандони маориф ва муассисаҳои маълумоти иловагӣ, донишгоҳҳои педагогӣ, иштирокчиёни ҷамъиятҳои кишваршиносӣ ба кӯдак дар гирифтани манзараи пурратари таърихи минтақаи худ, аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ, имкон медиҳад. Аммо набояд фаромӯш сохт, ки ворид кардани маводи кишваршиносӣ ба фанҳои гуногун ва ба корҳои беруназсинфӣ бояд аниқ ба нақша гирифта шавад, зеро ҳам сершумории мавод ва ҳам норасоии он дурусту оқилона нест.

Роҳу усулҳои омӯзиши кишвари худ гуногунанд. Интихоби онҳо, пеш аз ҳама, аз синну соли мактаббачагон, аз дараҷаи тайёрии онҳо, аз мақсадҳои машғулият аз вазифаҳои корҳои гузаронидашаванда вобастагӣ дорад.

Акнун мехоҳем, ки оид ба баъзе усулҳое, ки барои ташкил кардани корҳо доир ба кишваршиносӣ истифода мегарданд, муфассалтар таваққуф кунем. Шакли аз ҳама бештар паҳншудаи онҳо – маърузаи муаллим, дарс-экскурсия ва кори мустақилона мебошад. Маҳз омӯзиши маводи кишваршиносӣ (бинобар сабаби ба хонандагон дастрас будани онҳо) барои корҳои мустақилона, инчунин барои ташкили таҳқиқоти гурӯҳӣ, мубоҳиса имконияти бештарро дорад. Кишваршиносии таърихӣ муаллиму бачаҳоро ба муҳаққиқон табдил медиҳад.

Азбаски маводҳоро ҳам дар сарчашмаҳои хаттӣ, дар бойгониҳо, осорхонаҳо, ҳам дар муоширaт бо шоҳидон ёфтан мумкин аст, пас барои ҷамъоварии ахбори шифоҳӣ пурсишҳо, анкетаҳо, суҳбат усулҳои аз ҳама самаранок ҳисоб меёбанд.

Одатан, усулҳои анкетаронӣ омодагии махсуси бачаҳоро талаб

намекунад, танҳо саволҳоро дуруст тартиб додан лозим аст.

Усули суҳбат (мусоҳиба) барои омодагӣ вақти бештареро талаб менамояд. Зеро ки бо назардошти ҳодисаҳои ҷоришаванда, ҳолатҳои мусоҳиба, вазъи суҳбат ва синну соли ҷавобдиҳанда суҳбаторо саволҳоро бояд иваз намояд. Саволҳо набояд ба иззати нафси ҷавобдиҳанда расанду эҳсосоти манфиро ба вуҷуд оранд.

Бояд ба хотир гирифт, ки ҳангоми мусоҳиба сабти ахбор бояд дарҳол баъди ҷавоби мусоҳиб сурат гирад, то ин ки ба ғалатҳо роҳ дода нашавад. Албатта, набояд фаромӯш сохт, ки сарчашмаи таърихии шифоҳӣ ахбори дутарафаро медиҳад: фактологӣ ва баҳодиҳанда, инчунин таҳрифи фактҳо ҷой дошта метавонад.




**Расми 8. – Амсилаи сарчашмаҳои ахбори ҷамъовардашуда**

***Усули дигари дарс-маъруза.*** Дар дарс-маъруза худи муаллим ба бачаҳо дар бораи таърихи кишвар нақл мекунад, аммо ба ақидаи мо, ин усулро зиёд истифода бурдан ба манфиат нест, зеро кишваршиносӣ ба бачаҳо имкон

медиҳад, ки мустақилона таҳқиқот баранду иттилои лозимаро кашф созанд. Илова бар ин, чизи дидашуда дар хотир хубтар меистад.

***Дарс-экскурсия.*** Осорхонаҳо, бойгониҳо, намоишгоҳҳо, истгоҳҳои бостоншиносӣ, ёдгориҳои табиат, меъморӣ, муҷассамаҳо рағбати кӯдаконро ба таърих бедор месозанд. Тарбия на бо роҳи панду насиҳат, балки бо намунаи кори якҷояи шавқовар, ки натиҷаи он донишҳои амиқу устувор мегардад, сурат мегирад. Аммо барои гузаронидани экскурсия омодагии махсуси хонандаву муаллим талаб карда мешавад.

Аввало, муаллим объекти экскурсияро интихоб мекунад. Он метавонад корхона, осорхона ва ё ҷое, ки дар он воқеаҳои таърихӣ рух доданд, бошад. Роҳбар бояд худ аввалан донад, ки ин саёҳат ва сайру гашт чӣ гуна метавонад ба бачаҳо дар самти тарбияи ватандӯстӣ ва зебопарастӣ кумак кунад. Баъдан барои муайян кардани мақсад, саёҳат, экспанатҳо, ҷойи экскурсия дар мавзуи таълимӣ зарур мегардад.

Экскурсияҳо ҳам аз ҷониби мутахассисон ва ҳам аз ҷониби муаллим гузаронида мешаванд. *«Экскурсия натиҷаи беҳтаринро ҳосил менамояд, агар онро худи муаллим гузаронад. Ӯ қувваи хонандагони синф, маводеро, ки дар дарс додааст, дараҷаи азхудкунии онро медонад»* [18, С. 204].

Экскурсияҳои кишваршиносӣ шомили якчанд бахш мешаванд:

1. Экскурсияҳои кишваршиносӣ. Онҳо қабл аз оғози дарсҳо ҷиҳати ироаи маводи дарсӣ ба таври иҷмолӣ ёдоварӣ мешаванд. Бачаҳо зимни чорабиниҳо маводро ҷамъ оварда, хулоса мебароранд, ки ин ҳангоми омӯзиши мавзуъ дар дарс кумак мерасонад.

2. Экскурсияҳое, ки дар идомаи омӯзиши мавод ироа мегарданд. Ахбори бадастомадаи маводи дарсиро такмил намуда, ба манбаи иттилооти фаннӣ табдил меёбанд.

3. Экскурсияҳое, ки мақсади онҳо амиқгардонӣ, мустаҳкамкунӣ ва хулосабарории маводи умумитаърихӣ дар асоси ёдгориҳои таърихии моддӣ ва ғайримоддӣ мебошад.

Экскурсияҳои таълимӣ машғулиятҳои ҳатмиянд, бинобар ин, санҷиши

донишҳо қисми таркибии онҳо ҳисоб меёбанд. *«Дар ҷараёни санҷиши донишҳо муайян намудани фаҳмиши қонуниятҳои умумии рушди таърихи давраи мавриди омӯзиш, донистани фактҳои таърихӣ, номҳои ходимони илми таърих, маҳорати хулосабарории муайяни таърихӣ дар асоси таҳлили экспонат, дарки арзиши таърихии экспонат, таъсири психологии мавод ба ташаккули шахсият зарурат дорад. Диди он, ки чӣ тавр хонандагон экспонатро мефаҳманд, чӣ тавр шиносоии хонандагон бо ашёҳои ҳақиқӣ дар дарки давраи мавриди омӯзиш инъикос мегардад, муҳим аст»* [36, С. 18].

Шакли дигари экскурсия ин ташкилу гузаронидани чорабиниҳо аз ҷониби хонандагони муассисаҳои таълимӣ мебошад. Ин равиши кор воситаи муҳимми ҷалби хонандагон ба корҳои кишваршиносӣ ба ҳисоб меравад. Барои хонандагон ин кори муҳим аст, зеро бояд хатсайру нақша мураттаб сохта, боз миқдори калони маводро аз рӯи мавзуи мазкур хонд, сарчашмаҳоро таҳқиқ карда, экспонатҳои интихобшударо ташхис карда, масъалаҳои ташкилиро ҳал намудан лозим аст.

Бозӣ низ яке аз навъҳои кишваршиносӣ маҳсуб меёбад. Ҳангоми иҷрои ин ё бозӣ кӯдакон ба ин ё он маҳал ошно мешаванд, вижагиҳои он маҳалро меомӯзанд, бо асноду мадорики марбут ба он макон ва маҳал ошно мегарданд. Хеле муҳим аст, ки шахс ҷойҳои таърихии маҳалли зисти хеш ва шахсиятҳои маъруфи маҳалли худро донад ва аз кору пайкори онҳо ифтихор кунад ва зимни кору фаъолияти хеш ба кору пайкори онҳо пайравӣ намояд. Ин равиш дар тарбияи ҳисси ватандӯстии наврасону ҷавонон хеле муассир ва корсоз мебошад.

Зимни роҳандозии маҳфили кишваршиносӣ бояд бо таваҷҷуҳ ба маҳалли зисти хонандагон ва мактаббачаҳо мавзуъҳои маҳфил роҳандозӣ шавад. Дар маҳфил аъзоёни он ба омӯзиши мавзуъҳои роҳандозишуда ба навбат мепардозанд.

Онҳо бо маводҳои ҷамъовардаи хеш осорхонаҳои мактабро пурра месозанд. Мавзуи машғулиятҳои маҳфили таърихӣ-кишваршиносӣ метавонанд ба тарзи зерин мураттаб карда шаванд:

а) Шиносоӣ бо маҳалли зисти хеш аз назари таърихи пайдоиши он;

б) Мавзуъҳое, ки аз барнома берун мондаанд. Аммо маҳфил идомаи машғулиятҳои синфӣ нест, танҳо бо донишҳое такя мекунад, ки онҳоро хонандагон дар дарсҳо гирифтаанд. Маҳфил ба ташкил намудани машғулиятҳои системавӣ аз рӯи барномаи муайян ва ҳайати доимии иштирокчиён имкон медиҳад.

Барномаи маҳфил метавонад ё омӯзиши амиқи таърихи вилоятро дар умум, ё объектҳои алоҳидаи маҳалро (масалан, *«Таърихи мактаб», «Таърихи як корхона»*) дар бар гирад. Дар машғулиятҳо воситаҳои техникии таълимро ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст. Равишҳое, ки кори мустақилонаро пурбор ва пурранг мегардонанд, нашри рӯзнома, роҳандозии суҳбат, шабнишинӣ ва викторинаҳо маҳсуб меёбанд. Инчунин, барои тақвияти ин эҳсос дар замири бачаҳо тамошои дастаҷамъонаи филми мустанаде перомуни маконҳои таърихии маҳалли зисти мактаббачагон ёрӣ хоҳад дод.

Тартиб додани *«Китоби хотира»* низ яке аз равишҳое мебошад, ки метавонад дар бедор кардани эҳсоси ватндӯстии мактаббачагон нақши муҳим бозад. Мо ҳамагон хуб медонем, ки Ҷанги Бузуги Ватанӣ ҷанге буд, ки тамоми маруми шуравиро фаро гирифта буд, яъне метавон ба сароҳат гуфт, ки нест хонаводае, ки ягон нафар дар ҷанг иштирок накарда бошад. Чун аксари хонаводаҳо дар ин ҷанг қурбониёни хешро доштанд. Баъзе хешовандон вафот карданд, дигарҳо бе ному нишон гум шуданд, бинобар ин, ҳар нафар метавонад чизеро аз волидайн пурсад ва онро дар синф нақл кунад, баъди аз рӯи қоидаҳо пур кардани ҳуҷҷатҳои таърихӣ дар китоб маълумотҳои навро сабт намояд.

Кишваршиносии таърихӣ яке аз усулҳои дарёфти маълумоти таърихӣ ва яке аз соҳаҳои муҳимтарини кишваршиносии мактабӣ мебошад. Он яке аз воситаҳои муҳимми алоқаи мактаб бо ҳаёт низ ба ҳисоб меравад.

Кишваршиносии таърихӣ яке аз воситаҳои бойгардонии донишҳои хонандагон дар бораи кишвари худ, воситаи тарбияи муҳаббат ба он ва

ташаккули мафҳум ва сифатҳои шаҳрвандӣ мебошад. Аҳамияти кори кишваршиносӣ беандоза бузург аст, зеро ки он ба хонандагон дар фаъолияти муфиди ҷамъиятӣ, ки бо ҷамъоварии маводи кишваршиносӣ дар шаклҳои барои кӯдакон шавқовар (экскурсияҳо, сайругаштҳо ва ҳ.к.) алоқаманд аст, имкон медиҳад.

Система, мазмун ва методикаи кишваршиносии таърихӣ ба принсипу вазифаҳои умумипедагогӣ, дидактикӣ ва ашёӣ-методӣ, ки илми педагогика дар назди фанҳои ҷамъиятӣ, корҳои беруназсинфӣ ва кишваршиносии мактабӣ гузоштааст, мувофиқат мекунад.

Кишваршиносии таърихӣ дар мактаб яке аз сарчашмаҳои бойгардонии донишҳои хонандагон дар бораи кишвари худ, тарбияи муҳаббат ба он, ташаккули мафҳум ва малакаҳои шаҳрвандӣ мебошад. Он ба хонандагон дар бораи деҳа, маҳалли зисти онҳо ва шахсиятҳои таърихиву фарҳангӣ маълумот дода, ба онҳо дар  ҳис кардани ҳамбастагии ҳар як оила ба он ва чун хонаи худ ҳисоб кардану ворисии шоистаи анъанаҳои беҳтарини халқҳои кишвар шудан кумак мерасонад.

Корҳои кишваршиносиро ташкил намуда, муаллим бояд ба хусусиятҳои минтақаҳои кишвари худ такя кунад. Ҳангоми омодагӣ ба корҳои кишваршиносӣ дар мактаб малакаҳои амалии муайян низ заруранд. На ҳар як муаллими таърих ба ташкили корҳои ҳақиқии ҷустуҷӯӣ, таҳқиқотӣ ба таври назариявӣ ва амалӣ омода аст ва на ҳар шахс доир ба ташкили осорхонаҳо фаҳмиш дорад. Дар чунин ҳолат бо корҳои ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, ки дар дилхоҳ гӯшаи Ватани паҳновари мо мавҷуданд, машғул гаштан лозим аст. Ин гуна корҳо ба ҳамаи хонандагон мерасанд.

Вақте ки сухан дар бораи кишваршиносии мактабӣ меравад, дараҷаҳои корҳои маърифатии кишваршиносиро фарқ кардан зарур аст. Шартан дар бораи се дараҷа гуфтан мумкин аст.

Дар **дараҷаи аввал** хонандагон донишҳои тайёрро дар бораи кишвар аз суханони муаллим, китобҳои дарсӣ ва маводи воситаҳои ахбори омма мегиранд. Бояд зикр кард, ки хонанда ҳангоми тамошои филмҳои ҷолиби

диққат ва характери тарбиявидошта тарбият меёбад.

Дар **дараҷаи дуюм** ба даст овардани донишҳо ба таври мустақилона дар назар аст, ки метавонад дар маърифати хонандагон дар самти тарбияи ватандӯстӣ корсоз бошад. Ғайр аз китобҳои дарсӣ, адабиёти илмӣ-оммавӣ, боз сарчашмаҳои дигар, аз қабили матбуоти даврӣ, сомонаҳо ва дигар нашрияву захираҳои интернетӣ сарчашмаи чунин донишҳо буда метавонанд.

**Дар дараҷаи сеюм** омӯзиши таърихи кишвари худ аз ҷониби мактаббачагон дар рафти ҷустуҷӯи амиқи таҳқиқотӣ сурат мегирад, ки аҳамияти илмӣ дорад. Дар ин сурат хонандагон нақши олимон-муҳаққиқони ҷавонро мебозанд. Одатан, онҳо аъзои маҳфилҳои кишваршиносӣ ва ҷамъиятҳои илмии хонандагон, шунавандагони факултативҳо мебошанд.

Дар илмӣ кишваршиносӣ давраҳои гуногуни рушди онро ҷудо кардан лозим аст. Таърихи қабоил аз даҳон ба даҳон мегузашт, ки шакли ибтидоии кишваршиносии амалӣ маҳсуб меёбад. Дар ҷомеаи ибтидоӣ кӯдакон аз наврасон ва калонсолон касби таҷриба мекарданд, ва ба ҳамин минвол идома меёфт. Онҳо бо муҳити атроф ошно мешуданд, тамоми маконҳои ҷолибу нотакрори маҳалли зисти хешро меомӯхтанд ва ба он маконҳо дил мебастанд ва соати тафреҳи хешро дар канори рӯди деҳа, сояи дарахтони он сипарӣ карда, нағмасароии мурғаконро гӯш медоданд. Чи қадар зебост ин саҳнаҳо

## 1.3. Моҳият, мазмун ва хусусиятҳои тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути фанҳои таъриху кишваршиносӣ

Ҷузъи муҳимми маҷрои педагогӣ баррасӣ ва таҳлили натоиҷи бадастомада ва арзёбии онҳо мебошад, ки бо зарураяти гирифтани маълумоти мутақобил дар бораи кори омӯзгор асоснок гаштааст.

Ошкор ва арзёбӣ кардани натиҷаҳои ҷараёни педагогӣ яке аз шартҳои асосии баландбардории самаранокии он ҳисоб меёбад. Натиҷадиҳии ҷараёни тарбияи ватандӯстӣ вуҷуд доштани тағйироти сифатиро дар рушди фикрии тарбиятгирандагон дар назар дорад. Ин мафҳум бо мафҳуми самаранокӣ, ки чун мувофиқати натиҷаҳои гирифташуда ба вазифаҳои гузашта муайян

мегардад, алоқаи зич дорад. Самаранокии педагогӣ дараҷаи татбиқи мақсадҳои таълимиро дар қиёс бо гузашта, ё имконпазир вобаста ба бартарафсозии омилҳои бокимонда, ки бидуни муаллим барои ноил гаштан ба мақсадҳои гузошташуда таъсир мерасонанд, дар бар мегирад. Самаранокӣ дар муқоиса бо натиҷанокӣ мафҳуми маҳдудтар аст, чунки ба даст овардани натиҷаҳои мусбии банақшагирифташударо дар назар дорад, ҳол он ки натиҷа имкон дорад манфӣ низ бошад, яъне зимни арзёбии натоиҷи тарбияи ватандӯстӣ онро дар чаҳорчӯби аҳдофи таъйиншуда арзёбӣ кардан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дараҷаи маърифатнокии хонандагон нишондиҳандаи асосии самаранокии тарбия мебошад. Маърифатнокӣ дараҷаи муҳимми рушди шахсиятро тавсиф менамояд. А.К. Маркова ба сохтори ин мафҳум се ҷузъи ба ҳам алоқамандро дохил мекунад [1, С. 78-82]:

а) **захираи донишҳои ахлоқии мактаббача** (дар бораи меъёрҳои рафтор, дар бораи муносибат ба ҷомеа, ба меҳнат, ба шахси дигар, ба худ чӣ медонад?);

б) **эътиқодоти ахлоқӣ** (мактаббача меъёрҳои ахлоқиро барои худ чӣ гуна мепазирад, ҳавасмандӣ, арзишҳо ва амсоли инҳо, яъне муносибати шахсӣ ба донишҳои ахлоқӣ);

в) **рафтори воқеии ахлоқӣ** (кӯдак донишҳои ахлоқӣ ва эътиқодотро дар рафтори худ чӣ тавр таҷассум менамояд?).

г) **дар тавсифи маърифатнокӣ ҳар як ҷузъ зарур аст:** донишу меъёрҳои ахлоқӣ **эталоне** дорад, ки бе муносибат ба он рафтори бошуурона, эътиқодоти ахлоқӣ, ки сабабҳои инфиродии ин рафтор мебошанд, номумкин аст. Дар худи рафтори ахлоқӣ донишу ақидаҳои нав бавуҷудомада татбиқ ва истифода мегарданд.

Барои дараҷаи баланди маърифатнокӣ мувофиқат байни донишҳо, эътиқодот ва рафтори инсон хос аст; дараҷаи паст бо маҳдудияти алоқа байни донишу ақидаҳо ва рафтор тавсиф карда мешавад.

Тарбияшавандагӣ дараҷаи имконпазирии онро мефаҳмонад. Масъалаи

муайян намудани маърифати ватандӯстии хонандагон хеле мушкилу гуногунпаҳлу аст. Ба ҷанбаҳои гуногуни масъалаи мазкур пажӯҳишҳои педагогони маъруф О.С. Богданова [40, С. 204], А.М. Арсенева [116, С. 636], Е.Н. Поддубнй [149, С. 24] ва дигарон бахшида шудаанд.

Муайян намудани маърифатнокии ватандӯстии хонандагон дар асоси муайян кардани меъёрҳои лозимӣ имконпазир мегардад. Дар сарчашмаҳои донишномагӣ мелок чун аломате пазируфта шудааст, ки бар мабнои он арзёбӣ, муайянкунӣ ва таснифот сурат мегирад.

Зимни муайян намудани меъёрҳои ватандӯстӣ ба назар гирифтани моҳият ва сохтори мафҳуми *«ватандӯстӣ»*, ки шомили як идда аз тадобир мебошад, ҳоизи аҳамияти вижа мебошад. Вобаста ба гуфтаҳои боло метавон меъёрҳои маърифати ватандӯстиро мушаххас намуд.

Тарбияи ватандӯстии хонандагон масири тулонӣ буда, шомили мавориди гуногуне мебошад, ки бар ҳасби амалӣ шудани он дараҷаи ватандӯстӣ боло рафта, инкишоф меёбад. Ин ҷо таъкид кардан ба маврид аст. ки дараҷа категорияи фалсафӣ мебошад ва дар адабиёти илмӣ он ба таври зер тавсиф ёфтааст: *«дараҷаи дар хонандагон шаклгирии сифатҳои муҳимтарини шахсият тибқи имкониятҳои синну соли онҳо, ки нишондиҳандаи маърифатнокӣ мебошад, фаҳмида мешавад»* [169].

Бар асоси мелоку меъёрҳои болозикр сатҳи маърифатнокии мактаббачагонро ба тариқи зайл мушаххас кардан ба мақсад мувофиқ мебошад:

– **дараҷаи хеле баланд** чунин арзёбӣ мегардад, ки тарбиятгиранда таърихи кишвари хешро ба дараҷаи олӣ медонад, мафҳуми ватандӯстиро комилан мефаҳмад ва дар корҳои марбут ба фаъолияти ватандӯстӣ иштироки фаъолона дорад, ташаббускори баъзе аз корҳои хислати иҷтимоидошта мебошад;

– **дараҷаи баланд** бошад, шомили донишҳои хуб перомуни маводи кишваршиносӣ мебошад. Яъне, шогирдон таърихи Ватани хешро хуб медонанд, дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок мекунанд ва амсоли инҳо. Иштирок дар корҳои ҷамъиятиро ҳамчун вазифа ва масъулияти хеш дар

қиболи ғамхориҳои давлат ва ҳукумат мепиндоранд;

– **дараҷаи миёна**, мактаббачагон перомуни мафҳуми ватандӯстӣ фаҳмишҳои ҷудогона доранд, дар корҳои ҷамъиятӣ ширкат ҳам кунанд, аз худ ташаббусе нишон намедиҳанд ва амсоли инҳо;

– **дараҷаи паст**, мактаббачагон қариб, ки аз таърих ва ҳодисаву воқеаҳои он бехабаранд. Мафҳуми ватандӯстиро нодуруст дарк мекунанд ва онро як чизи нолозим медонанд, онҳо чунин фикр мекунанд, ки ҳар ҷо рӯзи онҳо хуш гузарад, он ҷо барои онҳо Ватан аст ва онҳо он маконро гӯё ба таври хеш дӯст медоранд.

– **дараҷаи хеле паст** маънои онро дорад, ки хонанда донишҳои ватандӯстиро надораду мафҳумҳои ватандӯстиро фаҳмонида наметавонад; дар кори муфиди ҷамъиятӣ-ватандӯстӣ ширкат намеварзад.

Сатҳҳои ҷудокардашудаи маърифатнокии ватандӯстӣ шартӣ мебошанд ва метавонанд тағйир ёбанд, чунки миқдори сатҳҳо ва саҳеҳии маълумот дар бораи маърифатнокии ватандӯстӣ ба ҳамдигар вобастаанд. Дар кулл перомуни масъалаи мазкур сухбатро идома дода, гуфтан ҷоиз аст, ки бисёр омилҳое мебошанд, ки таъйинкунандаи сатҳ маҳсуб меёбанд ва аз ин рӯ, ташхиси сатҳ ва муайян намудани он кори то андозае ғайриусулӣ маҳсуб меёбад, ба он маъно, ки сатҳеро, ки мо дар асоси меъёрҳои имрӯза муайян кардаем, он ҳар лаҳза метавонад тағйир ёбад. Аз ин рӯ, рӯйи ин қазия мухтот мебояд буд. Дар маҷмуъ, ватандӯстӣ яке аз арзишҳои асосӣ ба шумор рафта, мустақиман ба андешаву пайкори инсон алоқаманд мебошад. Инсонро дар сатҳу манзалати баландтар қарор медиҳад, масъулияти ӯро нисбат ба инсонҳои дигар баландтар мебардорад. Ӯ бештар андешаронӣ мекунад ва мехоҳад бифаҳмад, ки чаро риволи корҳо ба ин сураталд, на ба сурати дигар.

Меъёри асосии тарбияи шахсият, пеш аз ҳама, ба тарбияи ватандӯстии шахси хушахлоқ, ки ба арзишҳои миллӣ тамоюл дорад, ба онҳо арҷ мегузорад, алоқаманд мебошад.

Дар ин марҳаи замонӣ мутобиқшавии психологию иҷтимоӣ аҳамияти асосиро касб мекунад. Тарбиятгиранда ба зиндагӣ ва дигар арзишҳо ба дид ва

назари нав нигоҳ мекунад, дар ботини ӯ ҷараёнҳое оғоз мегарданд, ки ӯро бештар ба худтарбиякунӣ ва худталқинкунӣ водор намуда, маҷбур месозанд, ки ҳаёти худро мутобиқ ба маҷрои муайяне ба танзим дарорад. Ҳоло вазифаҳои тарбиятдиҳандагон – оила, мактаб, давлат ва институтҳои шаҳрвандии ҷомеа хело мураккаб мегарданд. Як худи *«мобилӣ»* ба тарбиятгирандагонамон он қадар иттилои мусбиву манфӣ медиҳад, ки баробари даҳҳо осори мунтахаб аст. Дар Интернет ҳам онҳо соатҳо вақти худро барҳадар медиҳанд ва ё ба гуфте *«мешинанд»*. Адабиёт, таърих, риёзӣ, физика – ҳама чизи мактабӣ ва ҳатто маълумоти олӣ, ки на танҳо маркази олами ботинӣ, балки тамоми мазмуни онро ташкил медод, дар фазои нави беҳудуди иттилооти сифатан ва миқдоран баногоҳ беқадр гардид. Дар чунин шароит ҷалби донишомӯзон ба фазои анъанавии омӯзиш басо душвор аст. Вазъи босуръати ҷаҳонишавӣ ва омезиши фарҳангҳо, бешубҳа, ба эҳсоси ватандӯстии насли нав латма мезанад. Онро ба масирҳои барои инсон ва тарбиятгар ҳанӯз норавшану нофаҳмо ҳидоят мекунад. Аз ин рӯ, ҳамаи масъулин ва дастандаркорон то андозае дар ташвишу изтиробанд ва нигаронӣ нишон медиҳад, ки сарнавишти тарбиятгирандагон ва бардоштҳои онҳо чӣ гуна хоҳад шуд.

Давраҳои инкишофи шахсияти тарбиягиранда шомили мазмун ва муҳтаво ва технологияҳои амалкарди барои худ хос мебошад ва аз ин рӯ, ин масъаларо набояд нодида гирифт.

Ҳар як давраи синнусолӣ муносибат ва бархӯрди вежаро дар масъалаи таълим ва тарбия талаб мекунад. Яъне, хонандагону мактаббачагони синну соли гуногун вобаста ба синну солашон бояд таълиму тарбия ёбанд. Ҳар як мақтаи синнусолӣ бархӯрду равишҳои худро талаб мекунад. Онҳоро нодида гирифтан боиси он хоҳад шуд, ки тарбиягар дар масири тарбия ба мушкилот мувоҷеҳ шавад. Дар низоми таҳсилоти мунҳасир ба фард дар синни калони мактабӣ таълими рефлексивӣ-эҷодӣ ҳоизи аҳамияти калон мебошад.

Кишваршиносии таърихӣ шомили барномаи васеи хеш буда, он аз бар кардани донишҳои амиқи таърихиро, ки барои дарку фаҳми моҳияти

ватандӯстӣ мусоидат мекунанд, дар назар дорад. Тамоми ҳодисаҳои таърихӣ маконҳои таърихӣ ва инчунин лавозиме, ки аз қадим ба мерос мондааст, барои бештар ва амиқтар аз худ кардани таърихи диёр ва бештар донистан дар бораи қаҳрамониҳои фарзандони баруманди диёр мусоидат карда, ниҳоятан, ба боло рафтани ҳисси ватандӯстӣ ва меҳанпарастии наврасону ҷавонон ва бавежа мактаббачагон замина эҷод хоҳад кард.

Дар кулл, маводи кишваршиносӣ барои амиқтару пурратар омӯхтани таърихи кишвари хеш мусоидат мекунад. Дар ҳоли ҳозир вазъ чунин аст, ки баъзе мактаббачагону хонандагон дар бораи кишварҳои хориҷӣ нисбат ба Ватани хеш бештар медонанд. Қазия ин тавр сурат мегирад, ки онҳо тавассути расонаҳои ахбор ва бавежа сомонаҳои иҷтимоӣ, дар бораи маконҳои ҷолибу дидании ҷаҳон ахбори зиёд ба даст мeоранд, аммо дар бораи макону диёри хеш ва он маконҳои таърихие, ки метавонанд барои мо аз таърихи кишвари мо чизҳои ҷолибе ҳикоят кунанд, хабар надоранд.

Аз ин рӯ, кишваршиносӣ хотираи таърихии моро ҳифз карда, ба мо кумак мекунад, ки худро бештар шиносем ва барои Ватану диёри хеш ва ободию пешравии он кӯшиш ба харҷ диҳем.

Ҳамзамон, истифодаи маводи кишваршиносии таърихӣ ба таълими таърих аёният ва эҳсосотро ворид менамояд. Дар ин сурат дар бораи ҳавасмандии эҳсосот барои афкори эҷодӣ гуфтан мумкин аст. Мо ақидаи В.А. Сухомлинскийро дар бораи фаъолгардонии дарки олами атроф аз ҷониби хонандагон тарафдорӣ менамоем [168, С. 393]. Саёҳати кишваршиносӣ дар кишвари худ, саёҳати маърифатӣ ба маконҳои бостонию таърихӣ метавонад асоси чунин фаъолият бошад. Дар кори тадқиқотии мо перомуни ин масоил маълумоти хеле зиёд ва ҷолиб мавҷуд аст.

Кори таърихӣ-кишваршиносӣ дар муассисаи таълимӣ, бидуни шакку тардид, яке аз роҳҳои муассири боло бурдани боровариии тарбияи ватандӯстии мактаббачагон дар ҷараёни таълим ва фаъолиятҳои фориғаздарсӣ маҳсуб меёбад. Бо таваҷҷуҳ ба гуфтаҳои боло кишваршиносии таърихӣ шомили вазифаҳои зерин мебошад: маърифатӣ, таълимӣ, инкишофӣ

ва тарбиявӣ. Ин вазоиф, ҳамзамон, метавонанд ҳам амалӣ ва ҳам пажӯҳишию таҳқиқотӣ бошанд. Тадқиқоти мо ва тадқиқотҳое, ки мо зимни баррасии мавзуи хеш омӯхтем, нишон доданд, ки маконҳои таърихӣ, асноду мадорики марбут ба онҳо дар тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ нақши калидӣ доранд.

Аммо мо дар ҷараёни омӯзиш ва тадқиқоти худ ба як нуктаи дигар низ рӯ ба рӯ шудем, ки баъзе дастандаркорон таъсир ва нуфузи маводи кишваршиносиро дар тарбияи ҳисси ватандӯстӣ нодида мегиранд ва ё ба он кам таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд ва ҳатто онро як чизи нолозим медонанд, ки ба назари мо, ин иштибоҳи хеле калон аст, ки дар камтарин фурсат бояд роҳи ислоҳи худро ёбад.

Хеле муҳим аст, ки шахс зодгоҳ ва Ватани кӯчаки худро омӯзад, тамоми ҷанбаҳои онро аз худ кунад, чунки тавассути он ӯ ба Ватани бузурги хеш, яъне ба дӯст доштани Ватани бузурги хеш роҳ меёбад. Беҳуда шоир нагуфта-аст, ки «Ватан сар мешавад аз он тавора, ки онро бофта дастони модар» ё «тифлро новаки пистон Ватан аст». Дар назари аввал чизҳои хеле сода, аммо чи қадар воқеӣ ва пурмаънӣ, ки дар содагии хеш як ҷаҳон маъниро дар худ ғунҷондаанд. Ин аст, ки мо меҳри Ватанро бояд аз овони хурдӣ аз чизҳои хеле сода ва назарногир дар дил ва замири бачаҳо ғунҷонда ҷой диҳем.

Мо ба ҳисоб гирифтем, ки ҳоло кишваршиносии таърихӣ давраи нави инкишофи худро аз сар мегузаронаду дар ҳаёти мо эътирофи бештареро сазовор гашта истодааст. Адабиёти кишваршиносӣ назар ба солҳои пешин бештар нашр мешавад, дар мактабҳои гуногун барномаҳои кишваршиносӣ дар таҷриба коркард мегарданд, иттиҳодияҳои таърихӣ-кишваршиносӣ дар минтақа фаъолтар шуда истодаанд. Ҳамаи ин таҳлили васеи таҷрибаи андӯхташуда ва дарки анъанаҳои ҳаракати таърихӣ-кишваршиносӣ, пажӯҳиши он саҳме, ки кишваршиносон дар омӯзиши таърихи мо ва дар тарбияи инсони баландахлоқ, ватандӯсти Ватани худ гузоштаанд, талаб менамояд.

Кишваршиносии таърихӣ ҳам пеш рафт ва ҳоло унсури узвии корҳои

таълимию тарбиявии мактабҳои типи гуногун ва муассисаҳои беруназмактабӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки ҳоло зарурат ба кишваршиносӣ дар маълумоти иловагӣ ва корҳои беруназсинфӣ баръало зоҳир мегардад. Сабаб дар он аст, ки дар чунин шакли фаъолият кор аз доираи одии муносибати байни муаллиму хонанда, аз ҷараёни таълими синфӣ берун мебарояд. Таъкид кардан зарур аст, ки аз ҷиҳати методологӣ кишваршиносии таърихии мактабӣ аксаран ба системаи корҳои сайёҳӣ-кишваршиносӣ, ҷустуҷӯӣ ва осорхонавӣ дохил карда мешавад, ки бешубҳа, ҳам ҷараёни хуби фаъолияти хонандагон, ҳам маҳорату малакаи ҳосилшударо ғанӣ мегардонад.

Мо дар идомаи баҳси хеш нисбат ба кишваршиносӣ ва алоқамандии он ба тарбияи ватандӯстӣ инро зикр карданӣ ҳастем, ки ин ду мафҳум кишваршиносӣ ва ватандӯстӣ аз як сарчашма тағзия мешаванд, аз ин рӯ, кушодани моҳияти онҳо моро ба пайроҳаҳои гуногуне мебарад. Донишмандон ва муҳаққиқон ин ду масъаларо ба якдигар алоқаманд дониста, таъкид мекунанд, ки ин ду мафҳум асосҳои амиқи методологӣ дошта, дар ташаккули шахсияти инсон, хонанда ва мактаббача нақши калидӣ мебозанд. Ҷараёнҳое, ки имрӯзҳо дар дунё арзи вуҷуд кардаанд хеле аз арзишҳои суннатиро инкор мекунанд ва дар масире ҳаракат доранд, ки онҳоро аз байн бибаранд. Аммо зиндагӣ, ҳаёт ва воқеият баёнгари чизҳои дигар мебошад. Ба таври дигар гӯем, ин ду равиш суннатгароӣ ва ғайрисуннатгароӣ вориди баҳс гардида, барои пойдории хеш талош меварзанд. Ба назари мо, он чизе, ки аслият дорад ва бар бунёди адолат асос ёфтааст, фанонопазир аст.

Агар ба баҳси хеш идома диҳем, қазия ин тавр аст, ки шаклҳои асосии кишваршиносии таърихӣ дар муассисаҳои таълимӣ инҳо мебошанд: омӯхтани ватани хеш, машғулиятҳо, шиносоӣ бо асарҳои илмии оммавии кишваршиносӣ ва маводи бойгониву осорхонаи маҳал, иҷрои машқҳои гуногун дар асоси дастурҳои таълимӣ оид ба кишваршиносӣ, иштироки фаъолона дар ҷамъоварии маводи кишваршиносӣ ва кумак дар коркарди он, омода сохтани рефератҳои илмӣ, воқеанигорӣ, аёният, иштирок дар чорабиниҳое, ки дар асоси фаъолияти фориғаздарсӣ ва фориғ аз муассисаи

таълимӣ доир карда мешаванд.

Омӯзгоре, ки фаъолияти таърихӣ-кишваршиносиро доир мекунад, бояд корро тавре ба роҳ монад, ки он аз рӯйи низоми муайяне доир карда шавад ва кишваршиносони ҷавон ба иштибоҳу хатоҳо роҳ надиҳанд. Манзури мо ин аст, ки зимни доир кардани ҳар гуна машғулияту чорабинӣ ва андешидани тадбирҳо дар масири кишваршиносӣ тавонанд маводеро ҷамъоварӣ намоянд, ки ба тарбияи ҳисси ватандӯстии наврасону ҷавонон ва бавежа мактаббачагон, кумаки воқеӣ расонанд. Мо хуб медонем, ки зимни ҷамъоварии мавод ва шиносоӣ бо маконҳои таърихӣ метавон ба нуктаҳое рӯ ба рӯ шуд, ки имрӯзҳо он нуктаҳо ва санаҳои таърихӣ ва махсусан симоҳои аърихие, ки як вақтҳо мо онҳоро ҳамчун душманони миллат ва хоинони Ватан мешинохтем, табраа шуда, ба масобаи улгу табдил ёфтаанд. Барои мисол, ҳаракати босмачигарӣ ва саркардагони ин ҳаракат, ки дар солҳои 20-30 қарни XX бар алайҳи Ҳукумати Шуравӣ мубориза бурда, дар хоки Ватан ба ғоратгарӣ ва вайронкорӣ машғул буданд, аз назари баъзе нависандагон ва расонаҳои ахбор онҳо душман не, ғоратгар не, балки муборизони роҳи озодӣ ва хушбахтии миллат буда бошанд. Инсоф чизи хуб аст, агар мо мунсифона қазияҳоро баррасӣ кунем, 100-150 соли пеш мардуми мо дар ҳолати хеле пасти иқтисодӣ ва бесаводӣ умр ба сар мебурданд. Инсофан, Ҳукумати Шуравӣ сарфи назар аз он иштибоҳоте, ки роҳбарони он содир мекарданд, барои миллат ва хоки аҷдодии мо нуру зиё оварда буданд. Албатта, рӯйи ин қазия бештар аз ин истода гузаштан ба назари мо зарурате надорад, агар фақат ба рақамҳо нигоҳ кунем, кофӣ аст, ки то инқилоб мо чи қадар мактабу мадраса ва нашрия доштему пас аз ин инқилоб теъдоди онҳо ба чанд расида буд.

Ҳамон тавре зикр кардем, ин масъала масъалаи мавзуи мо нест, аз ин рӯ бо овардани ин далелҳо мо иктифо мекунем ва ба баҳси хеш перомуни кишваршиносӣ ва тарбияи ватандӯстӣ бармегардем.

Донишҳои кишваршиносӣ гуногуннақша ва гуногундараҷа мебошанд. Чунончи, кишваршиносии таърихӣ бо ҷанбаҳои таърихӣ-адабӣ, таърихӣ-маданӣ, таърихӣ-биологӣ ва таърихӣ-ҷуғрофӣ метавонад мувофиқ бошад. Ҳам-

замон, асоси кишваршиносиро, ба фикри Н.П. Кузин, *«бояд на танҳо дониш-ҳои кишваршиносӣ, балки муҳаббат ба кишваршиносӣ ташкил кунад»* [103, С. 61-73].

Ҳар як гӯшаи Ватан, ҳар як макону маҳал бо таърихи нотакрори худ бою ғанӣ аст. Бо қиссаи пандомезе, ба таври шавқовар ба мактаббачагон онро расонидан лозим аст. Ҳодисаю воқеаҳоеро, ки замоне ба вуқуъ пайвастаанд, бо ёдоварӣ мучаддадан зинда намуда, ҳисси эҳтироми амиқро ба кор ва насли гузашта бедор намудан лозим мегардад. Чунин қисса ба олами ботинии хонанда на бо ибора, балки бо ҳиссаи хурди таърихи Ватан, ки бою гуногун буда, сарнавишти ашхоси  зиёдеро пеши назар меорад, таъсир мегузорад. Барои барқарор намудани хотира аз осорхонаҳои кишваршиносӣ бояд кор гирифт. Осорхонаҳои кишваршиносӣ муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва маданӣ-маърифатӣ маҳсуб меёбанд. Ин муассисаҳо ёдгориҳои таърихӣ, коллексияҳои табиӣ ва бадеӣ, осори ҳунарҳои мардумии ҳудудҳои муайяни ҷуғрофӣ ё маъмуриро ҷамъоварӣ ва ҳифз намуда, тарғибу ташвиқ менамоянд. Осорхонаҳои таърихӣ-кишваршиносӣ  маконҳои хеле зиёд буда, манбаъ ва сарчашмаи кишваршиносӣ ба шумор мераванд.

Кишваршиносии таърихӣ ин омӯзиши таъриху фарҳанги мамлакат маҳсуб ёфта, истифодаи васеи маълумот дар бораи фарҳанги моддӣ ва маънавӣ барои дарку фаҳми боз ҳам хубтару беҳтари зуҳуроти мухталифи таърихӣ ба шумор меравад.  Дар тарбияи фикру ақоиди ватандӯстӣ принсипи дарки ҷузъи ҷараёнҳои миллию халқӣ дар кишвари худ нақши муҳимро мебозад. Пайгирии таърихи бойгардонии алоқаву анъанаҳои мадании халқҳо, муайяну таҳлил намудани сабабҳои пойдоршавии низоъҳо байни халқҳо, пайгирии натиҷа ва имконоти дар оянда бартараф сохтани онҳо зарур аст. Ҳамзамон, ифроти номатлуберо, ки солҳои 90-уми асри XX ҷой доштанд, аз қабили мутамарказонии мунтазами диққат ба маводи фоҷиавӣ, лаҳзаҳои манфии равшану образнок тасвиршудаи таърихро дар китобҳои дарсӣ пешгирӣ намудан лозим аст. Дар чунин нашрҳо аксаран маводе ба чашм мерасанд, ки дар асоси далелҳои носанҷида ё сохтакориҳо рӯирост баён

мегардад. Дар ниҳояти кор, ҳаводиси қаблӣ бидуни таҳлили объективӣ воқеӣ ироа мегардад. Хонандагон дар бораи гузаштаи кишвар тасаввуроти ғалат ҳосил мекунанд. Чунин норасоиҳо ба паҳншавии идеологияи миллатгароӣ ва экстремизми маҳаллӣ дар муҳити мактаб мусоидат менамоянд.

Дар маҷрои баррасии назариявии адабиёти таърихӣ, равоншиносӣ, педагогӣ ва методӣ мо мафҳуми асосиро чунин мушаххас намудем: *«ватандӯстӣ чунин сифати шахсият аст»*, ки таҳти он мо ҳисси муҳаббат ба Ватан, кошонаи хеш, табиат, ҳисси масъулият барои сарнавишти Ватан ва амсоли инро мефаҳмем. Масъалаи аз тарафи мактаббачагон дарк кардани фаҳмиши идеяи суннатҳои миллии қавму миллиятҳои сокини кишвари дар иттиҳоди ҷомеа ва хонаводаи касирулмиллати мо, ки дар фаҳмидани ғояҳои анъанаҳои миллии халқҳои маскуни Тоҷикистон ифода меёбад, дар таҳқиқот муҳим аст. Дар мамлакатҳои касирулмиллат ватандӯстии миллӣ бо умумишаҳрвандӣ бояд мутаносиб бошад. Дар чунин вазъ вазифаи асосии маориф тарбияи ватандӯсте маҳсуб меёбад, ки ба ҳифзи шаъну шарафи кишвари худ қодир аст.




**Расми 9. – Амсилаи ташаккули ҳавасмандӣ ба худинкишофдиҳии шахсият**

Барои рисолаи мо масъалаҳои рушду тараққии тафаккури ахлоқӣ-ватандӯстӣ, назари тоза ба дарку фаҳми олам, маҳорати ҳамгиро кардани донишҳо ба низоми такмилёфта ва ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ҳоизи аҳамияти вижа мебошад.

Моҳияти тарбияи ватандӯстӣ дар фаъолияти таърихӣ-кишваршиносии хонандагон, дар маҳорати таҳлил ва баҳодиҳӣ ба факту ҳодисаҳо ва ҷараёнҳое, ки дар мамлакат, ҷомеа, шаҳру ноҳия, яъне *«ватани хурд»*, аз мавқеи илми пешқадами таърихӣ, ки воқеияти илмиро дар омӯзиши давраи гузашта, комёбиву нокомиҳо, бартараф сохтани кризис ва тақвияти давлатдорӣ, ки асоси онҳоро табаият, ватандӯстии халқу мардум ташкил медиҳад, зоҳир мегардад. Дарку фаҳми инфиродии таҷрибаи таърихи мамлакат, дарки ғояҳои инсондӯстӣ, эҳтироми ҳуқуқҳои инсон ва арзишҳои ахлоқӣ, гражданӣ, миллӣ, иҷтимоии ватандӯстӣ ва тафоҳуми байни миллатҳо унсурҳои асосии тарбияи хонандагон дар фаъолияти таърихӣ-кишваршиносӣ мебошад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба омӯзиши фарҳанг ва инсон чун субъект ва объект дар роҳи рушду тараққии таърихи ҷомеа, инчунин дар низоми манзараи умумии олам бартарӣ дода мешавад. Пешравии рӯзафзуни маориф ба самтҳое, ки ба ҳамгироии донишҳо, мазмуни ахлоқ-инсондустӣ дар соҳаи фанҳои табиӣ ва гуманитарӣ равона шудаанд, тавсиф мегардад. Ба рушди тафаккури таърихӣ-ватандӯстӣ, диди масъала дар дарки олам, рушди маҳорати ҳамгироии донишҳо ба низоми пурраи он таваҷҷуҳи вижа зоҳир кардан лозим аст. Муассисаи таълимӣ ба мактаббачагон дар шаклгирии низоми арзишҳои ахлоқӣ бояд мадад расонад ва вазоифи аслии хеш, яъне омода намудани мактаббачагонро ба ҳаёт ва амсоли ин иҷро намояд.

Барои мавзуъҳои таърихӣ, таърихӣ-кишваршиносӣ чунин маводе бояд интихоб карда шавад, ки онҳо дар хонандагони синфҳои болоӣ дар эҷоди манзараи пурраи рушду тараққии Тоҷикистони қарни XXI кумак намоянд. Чунин мавод масоили асосиро ҳаллу фасл намуда, барои омӯзиши ҳаводису воқеаҳо ва далоили таърихӣ ба таври силсиламаротиб тақсимбандӣ мегардад.

Ба кор доир ба дарки таърихи кишвар аз мавқеи ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ диққати махсус додан лозим аст. Барои ҳалли ин вазифаҳои муҳимтарин истифода бурдани тавсифи арзишҳои шахсият дар мубоҳисаву мусоҳибаҳои мактаббачагон, гузаронидани мушоҳидаҳо дар вазъиятҳои табиӣ ва ғайра зарур мебошад.

Вижагиҳои муҳтавои тарбияи ватандӯстии шогирдони синфҳои болоӣ дар фаъолияти таърихӣ-кишваршиносӣ инкишофи на танҳо тасаввуроти образнок дар синни хурд ва наврасӣ, балки талаботҳои вежа ба хулосагирии назариявӣ дар сатҳи рушди тафаккури илмӣ, арзёбии далелу мисолҳои таърихӣ, воқеаҳои гузашта ва дарку фаҳми ҳаводиси имрӯзаро дар назар дорад.

Яке аз вижагиҳои тарбияи таърихӣ-кишваршиносӣ иборат аз он мебошад, ки ҳанӯз дар муҳити муассисаи таълимӣ шогирдон бо он вомехӯранд, ки инсонҳо шомили қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ мебошанд. Ин қишрбандӣ ва масоили марбут ба он кори мутахассисонро зимни арзёбии пурсишномаҳои хонандагон мушкил мегардонад.

Барои дарки мазмун ва муҳтавои тарбияи ватандӯстӣ баррасии тарбия ҳамчун ҷараёни воҳид дар байни мураббӣ ва тарбиягиранда шарти муҳимми кор маҳсуб меёбад.

Аз ин рӯ, дар амал мавриди истифода қарор додани принсипи воҳиди сабабу натиҷа ба мақсад мувофиқ мебошад.

Хусусиятҳои тарбияи ватандӯстӣ дар ҷараёни фаъолияти таърихӣ-кишваршиносӣ аз он иборат аст, ки омӯзиши таърихи кишвар аз рӯйи маводи мушаххаси маҳаллӣ, ки ба таърих ва маданияти *«ватани хурд»*, оила ва сокинони кишвар алоқаманд аст, амалӣ мегардад; вежагиҳои корҳои тарбиявӣ бо шогирдон дар муттаҳид намудани фаъолияти амалӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ зоҳир мегардад. Шогирдон ин корҳоро бевосита дар маҳалли зисти хеш ба анҷом мерасонанд.

Хонандагон таърихи маҳалли хешро омӯхта, ба санаҳои муҳимми таърихии он ва шахсиятҳои маъруфи он ошно гардида, эҳсос ва ҳисси

ватандӯстии хешро боло мебаранд. Ҳатто одитарин корҳо дар масири ватандӯстӣ ва шиносоӣ бо маҳалли зисти хеш моро дар масири дурусти ватандӯстӣ ва кишваршиносӣ қарор медиҳад.

Дар ҳамин ҷо қайд кардан бамаврид аст, ки корҳои мустақилонаи мактаббачагон низ шомили унсурҳои ватандӯстӣ ва ватанпарастӣ мебошанд. Шогирдон ба мактаб меоянд ва ҳар рӯз аз устодону мураббиёни хеш сабақ мегиранд ва дарси зиндагӣ меомӯзанд, аз ин рӯ байни шогирдон ва омӯзгорон бояд боварӣ ва итминон ҷой дошта бошад. Ин итминону боварӣ мунҷар ба эҳтиром ва дарку фаҳми масоил ва дар масири ватандӯстӣ эҳсоси баланди ватанпарастӣ мешавад. Мо хуб медонем, ки мактаб ва шогирдон бидуни мушкилӣ ва проблема намешавад, аммо муҳим он аст, ки он масоил ифшо ва зуд бартараф карда шаванд.

Проблемаҳои ошкоршудаи худпарастӣ, мавҷуд набудани эҳтироми кӯдакон ба волидайн, амиқгардонии ҷанбаи иҷтимоиро дар фаъолияти омӯзгорӣ талаб менамояд, то ин ки ба он кӯдакони *«мушкилтарбия»*-ро ҷалб намояд.

Ногуфта намонад, ки ҷавонон шомили гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мебошанд. Аз ин рӯ, ин гуногунӣ боиси тафриқагузорӣ дар байни ҷавонон мегардад. Чун онҳо дар муҳитҳои гуногуни иҷтимоӣ ва таъминоти моддӣ бузург мешаванд ва дар суҳбати ашхоси гуногун қарор мегиранд, диду назари онҳо низ нисбат ба масоили ҳаёту зиндагӣ фарқ мекунад. Аз ин рӯ, дар ин масир тарбиятгар ва мураббиёнро лозим аст, ки дасти хешро рӯйи набз дошта бошанд ва ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунанд, ки тарбиятгирандагон ҳассосанд ва ба иллати таҷрибаи кофӣ надоштан имкони майл ба тарафи нодуруст пайдо карданашон мавҷуд аст.

Муҳиммияти таҳқиқоти масоили тарбияи ватандӯстӣ бо коркарди нокифояи назариявии масъала дар шароити ҳозира муайян мегардад. Чӣ тавре, ки таҳлили адабиёти илмӣ-педагогӣ ва таҷрибаи кори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳад, ба тарбияи ватандӯстии хонандагон диққати нокифоя дода мешавад.

Таҳлили таҳқиқотҳои муосири масъалаҳои ватандӯстӣ ба зарурати тафсири истилоҳи *«ватандӯстӣ»* ишора месозанд:

– бо эҳсосоти хеле баланд – рафтор барои беҳбудии Ватан, ки дар он қувваи ҳисси ватандӯстӣ танҳо бо ҳисси баланди муҳаббат ба Ватан маҳдуд намегардаду ба амалу рафтори фаъолонаи ба манфиати кишвари худ раҳнамо ифода меёбад, алоқаманд аст;

– чун зуҳуроти шуури ҷамъиятӣ баррасӣ мегардад, ки дар давраи муосир яке аз зуҳуроти мураккабу серҷанбае, ки тамоми соҳаҳои ҷомеаро фаро мегирад, муайян карда мешавад;

– шаҳрвандиятро ворид месозад, ки он сифати шахсият буда, маданияти ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, якҷояшавии муътадили ҳисси ватандӯстӣ ва миллиро дар назар дорад;

– дар инсон бояд идеалҳои ахлоқии ҷомеаро тарбия намояд ва он якҷоя бо давлат масъулиятро барои ҳодисаҳои руҳдиҳанда, бепарвоӣ накарданро ба дилхоҳ шаклу намуди поймолкунии ҳуқуқ ба меъёр медарорад ва он бо миллатгароӣ ягон умумият надорад;

– ба ташаккули шуури системавӣ барои бартараф сохтани проблемаҳои калонтарини тамаддуни муосир равона шудааст, тавассути лоқайдӣ ҳал мегардад. Он дар шароите ташаккул меёбад, ки ҳар як инсон бояд худро шаҳрванди мамлакати худ эҳсос кунад;

– рӯ гардонидани шахсият аз хусусиятҳои миллии хеш, одату анъанаҳои худ, ифтихори миллӣ ва шабеҳияти миллиро таҳти назар қарор медиҳад. Он унсурҳои сершуморро, аз ҷумла якҷояшавии сершумории этникии ваҳдати сиёсиро дар бар мегирад;

– ватандӯстии шахсиятро ба андозае нисбат ба қабл, ки нақши аввалиндараҷа ба субъект, яъне шахси мавқеи афзалиятнокдошта дода мешавад, мукаммал месозад;

– ба сифати субъект шахсият муаррифӣ мегардад ва категорияи мазкур чун унсури муҳимтарини давраи рушди шахсият, рушди маънавӣ ва хештангароии ӯ баррасӣ мегардад.

Кори кишваршиносиро ташкил карда, муаллим бояд ба хусусиятҳои минтақаи худ такя кунад. Ҳангоми омодагӣ ба корҳои кишваршиносӣ дар мактаб ба андозае малакаҳои амалӣ заруранд. На ҳар як муаллими таърих аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ ба ташкили кори ҳақиқӣ, ҷустуҷӯӣ, таҳқиқотӣ тайёр аст, на ҳар яки он доир ба ташкили осорхонаҳо фаҳмиш дорад. Дар ин сурат, бо корҳо ба ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, ки дар дилхоҳ кунҷи ватани кишвари мо ҷо дорад, машғул шудан зарур аст. Корҳо дар ин раванд доир ба ошкорсозӣ ва ҳифзи онҳо барои ҳамаи хонандагон басанда аст.

Вақте сухан дар бораи кишваршиносӣ дар мактаб меравад, сатҳҳои кори маърифатӣ-кишваршиносии хонандагонро фарқ кардан зарур аст. Ин ҷо шартан дар бораи се сатҳ гуфтан мумкин аст.

Дар ***сатҳи аввал*** хонандагон дар бораи кишвар аз суханони муаллим, аз китобҳои дарсӣ ва ахбороти воситаҳои ахбори омма донишҳои *«тайёр»* мегиранд.

Дар ***сатҳи дуюм*** хонандагон мустақилона дониш мегиранд, ки бо он барои кори боз ҳам фаъоли маърифатии хонандагон замина ҳосил мешавад (вақте ки онҳо дар ҷараёни таҳқиқот барои худ фактҳои маълум, ҳодисаву воқеаҳои гузашта, қонуниятҳои муҳимми ҳаётро пайдо мекунанд). Бидуни китобҳои дарсӣ адабиёти илмӣ-оммавӣ, интишор дар матбуоти даврии маҳаллӣ ва марказӣ, маводҳои осорхонаҳои мактабӣ ва давлатӣ, захираҳои интернетӣ сарчашмаҳои чунин донишҳо буда метавонанд.

***Сатҳи сеюм*** аз ҷониби мактаббачагон омӯхтани таърихи кишвари худ дар рафти ҷустуҷӯи амиқи тадқиқотӣ аҳамияти илмӣ дорад. Дар чунин ҳолат онҳо амалан нақши олимони ҳақиқиро мебозанд. Одатан, онҳо аъзои маҳфилҳои кишваршиносӣ ва ҷамъиятҳои илмии хонандагон, шунавандагони факултативҳо мебошанд.

Дар илми кишваршиносӣ давраҳои мухталифи рушду инкишофи онро ҷудо кардан мумкин аст. Таърихи қавму қабоил, ки ба шакли даҳонӣ аз насл ба насл мунтақил шудааст, шакли ибтидоии кишваршиносии амалӣ маҳсуб меёбад. Дар давраи аввали рушди ҷомеа тифл шомили гурӯҳи наврас ва

мӯйсафедон шуда, ахборро на танҳо аз ҳамсолон, балки аз калонсолон, ашхоси ботаҷриба ахз мекунад. Аз овони хурдсолӣ тифлро мафҳумҳое, ба мисли олами атроф, принсипҳои асосии ҳаёт дар он, қоидаҳои рафтору гуфтор, эҳтиром ба замин ва аҷдоди хеш ба худ мекашад. Минбаъд ҷавонон дар зери роҳбарии калонсолон барои ҳаёти мустақилона омода мешаванд.

## Хулосаи боби якум

Натиҷаи таҳқиқот оид бо масъалаи тарбияи ватандӯстӣ ва кишваршиносии таърихӣ барои мо он чизро бармало кард, ки шакл ва усулҳои тарбияи ватандӯстӣ ба хотири ҳаллу фасли масоили кишваршиносӣ хеле гуногун буда, ҳар кадоме аз он роҳу усулҳо вобаста ба талаботи хеш дар фазову макони барои ин кор ҷолиб амалӣ карда мешаванд. Тарбияи ватандӯстии мактаббачагон бештар дар ҷараёни таълим ва фаъолиятҳои фориғаздарсӣ сурат мегирад ва ҳамаи он тадбирҳо ба он равона карда шудаанд, ки мо битавонем дар кори тарбияи ватандӯстӣ муваффақ шавем. Ҳоло дар поёни андеша ва хулосаҳои хеш аз баррасии муфассали ин масъала зикр хоҳем кард:

1. Ба андешаи мо, аксари барномаҳое, ки имрӯзҳо дар масъалаи малакаю маҳорат мавриди истифода қарор доранд, ҷавобгӯи талаботи замони муосир мебошанд. Аммо ба инкишофи сифатҳои шахсӣ ва ахлоқии хонандагон диққати бояду шояд дода намешавад ва инчунин муҳтаво ва мазмуни тарбияи ватандӯстӣ дар ҷараёни фаъолияти таърихӣ- кишваршиносӣ ба он андоза, ки лозим бошад, кушода дода намешавад.

2. Аз баррасии таҳқиқоти дар ин самт анҷомдодашуда, мушаххас гардид, ки масъалаи тарбияи ватандӯстӣ масъалаи доғи рӯз буда, он бо роҳу равишҳои гуногун пиёдаву амалӣ карда мешавад. Ин ба хотири он аст, ки худи тарбияи ватандӯстӣ масъалаи хеле домандор ва печидаву мураккаб аст, ки амалӣ кардани он талошу кӯшишҳои хеле зиёдро талаб мекунад. Мавзуи тарбияи ватандӯстӣ аз тарафи олимони соҳа аз буъдҳои гуногун ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад, ки он шомили самтҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошад.

Дар адабиёти муосири илмӣ-таҳқиқотӣ ба масъалаи мазкур таваҷҷӯҳи нокифоя ироа шуда, танҳо талошҳои аввалине дар масири баррасии ҳамаҷонибаи он сурат гирифта истодааст. Гап дар сари он аст, ки бо таваҷҷӯҳ ба ҳаводису воқеаҳое, ки ахиран рух дода истодаанд, диду назарҳо нисбат ба масъалаи тарбияи втандӯстӣ хеле тағйир ёфтааст. Мо имрӯз аз идеолужии коммунистӣ раҳо шуда, дар сиёсати хеш идеолужии дигареро қабул надорем. Аз ин рӯ, масъалаи тарбияи ватандӯстӣ ва эҳёи таъриху фарҳанги миллат ба ҷойи аввал кӯчидаанд ва тамоми моро дар масири давлату миллатсозӣ муттаҳид намуда, ба хотири ободии Ватану Давлат шавқманд карда истодаанд. Ин ҷо мо бояд хеле дақиқкор бошем ва зимни пиёда намудани нақшаву барномаҳои хеш ба иштибоҳ роҳ надиҳем.

3. Тамоми муносибатҳои мухталифро дар самти дарки тарбияи ватандӯстӣ ба таври шартӣ метавон ба якчанд самтҳо ҷудо кард:

**Самти аввал** муайян намудани тарбия ҳамчун ҳисси хеле баланди меҳру муҳаббат нисбат ба Ватан. Ин эҳсосро танҳо эҳсоси зоҳирии меҳру муҳаббат нисбат ба Ватан фаҳмидан мумкин нест. Он аз аъмоқи андешаи инсон сарчашма гирифта, ба инсон решапайвандӣ дорад, ки он шомили ахлоқ, дин, мазҳаб, одоб, рафтор, кирдор, фарҳанг, таърих, забон, адабиёт ва боз унсурҳои зиёдӣ дигаре мебошанд, ки онҳо дар якҷоягӣ дар ҳисси ватандӯстӣ таҷассум мегарданд.

**Самти дуюм** бо тарбияи ҳиссиёти хеле баланди бе ҳадду канори ахлоқӣ асос меёбад. Аммо ба самти эҳсосоти ҷанбаи фаъолиятнокидошта низ дохил карда мешавад. Ватандӯстӣ фақат бо ишқу муҳаббати ботинии инсон ба Ватан, зодгоҳ ва марзу буми аҷдодӣ маҳдуд намегардад, он бояд шахсият, миллатро ба амалу рафтори фаъолона барои беҳбудии ватани хеш талқин намояд. Бо таваҷҷуҳ ба ин вижагӣ самти мазкурро чун *«эҳсосотӣ-фаъолиятнок»* тавсиф кардан мумкин аст.

**Самти сеюм** тарбияи ватандӯстии хонандагонро чун зуҳуроти иҷтимоӣ-ҷамъиятӣ муаррифӣ месозад. Муҳтаво ва мазмуни он бештар ба вижагиҳои рушди таърихии ҷомеа дар замонҳои гуногуни он вобаста мебошад.

Чунончи, дар шароити мавҷудияти давлати шуравӣ тарбияи ватандӯстӣ бо принсипҳои тарбияи одами шуравӣ муайян мегашт.

**Самти чорум** моҳияти тарбияи ватандӯстӣ шахсият буданро ифода кардан аст. Дар ҷомеа шахсиятҳо ба танҳоӣ вуҷуд доранд ва онҳо дар канори ахлоқу андешаи хеш фикри дастаҷамъиро эътироф карда мепазиранд. Аз ин рӯ, ин самтро чун *«шахсиятнокӣ»* тавсиф кардан имконпазир аст. Ҷузъи муҳиму афзалиятнок дар он шахсияти ҷудогона мебошад, ки дар байни мардум бузург шуда, худро ба аксарияти одамон муқобил намегузорад.

**Самти панҷум** тарбияи ватандӯстиро чун марҳилаи муҳимми инкишофи олами ботинии шахсият баррасӣ мекунад. Дар ин самт асоси мазмуни сифатҳои ахлоқӣ-ватандӯстии шахсиятро принсипҳои динӣ ташкил медиҳанд. Бинобар ин самти мазкурро чун самти *«динӣ-ахлоқӣ»* муайян кардан мумкин аст.

Дар натиҷаи хулосабарории самтҳои зикршуда самти шашум ба вуҷуд омад. Он механизми ягонаи хосси ҳамкории шахсият, ҷомеа ва давлатро ташкил менамояд.

4. Таваҷҷуҳи аслӣ ба он бояд дод, ки барои тарбияи ахлоқӣ-ватандӯстӣ он самтҳои донишҳои инсонпарвар, ки онҳоро нақшаи пойгоҳии таълим муайян кардааст, басанда намебошанд. Андешаи як идда аз олимон роҷеъ ба тавсеаи онҳо ва пешниҳоди барномаи тарбияи ватандӯстии хонандагон ба таври васеъ ва мукаммал дар маълумоти мактабӣ ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Муаллифон барномаҳои гуногуни таълимиро, ки ҳудудҳои интихоби имконпазирро барои амалигардонии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ дар ҷараёни фаъолияти таърихӣ-кишваршиносӣ васеъ менамоянд, пешниҳод мекунанд.

5. Кишваршиносӣ ҷамъи таҳқиқотҳоро доир ба омӯзиши табиат, мардум рӯзгор, таърих ва фарҳанги хеш дар бар мегирад. Кишваршиносӣ маҷмуи мукаммали ин масъалаҳоро дар алоқаи байниҳамдигарӣ меомӯзад: кишваршиносии ҷуғрофӣ, кишваршиносии таърихӣ, кишваршиносии мардумшиносӣ, кишваршиносии топонимикӣ, кишваршиносие, ки бо

масъалаҳои ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва амсоли инҳо алоқаманд мебошад.

6. Моҳият ва муҳтавои тарбияи ватандӯстӣ аз нуқтаи назари методология дар муассисаҳои таълимӣ дар хонандагон ташаккул додани шуури таърихӣ аз мавқеи дарки амиқи таърих ва фарҳанги давраҳои гузашта бо замони ҳозира, дар давраи нави ҳаёти кишвар мебошад. Дарки таърихӣ ва шуури таърихӣ бо ҳам зич алоқаманд мебошанд, аммо бо ҳам монанд нестанд. Ин ҷараёни мураккабу печида дар мактаб ба омӯзгороне, ки донишҳои таърихиро на танҳо дар дарс, балки дар фаъолияти таърихӣ-кишваршиносии мактаббачагон, дар алоқаи зич ва таносубҳои кори таълимӣ ва ғайритаълимӣ медиҳанд, вобастагӣ дорад. Дар ин ҷараён дар хонандагони синфҳои болоӣ хотираи иҷтимоӣ-таърихӣ дар бораи гузашта, ки бо замони имрӯза зич алоқаманд буда, намунаҳои рафтори иҷтимоӣ-ахлоқиро дар бар мегирад ва сифатҳои ватандӯстии шахсиятро тарбия мекунад, ташаккул меёбад.

# БОБИ 2
# ТАҲҚИҚОТИ ОЗМОИШӢ ДОИР БА ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ТАВАССУТИ ТАЪРИХУ КИШВАРШИНОСӢ

## 2.1. Тавсифи таҳқиқи озмоиши тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути кишваршиносӣ

Пешрафти ногузири техникаву технология, гуногунрангии ВАО, вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони муосир ва бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо моро водор менамояд, ки ба тарбияи ватандӯстии насли наврасу ҷавони кишвар таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоем. Зеро асри XXI замони чанд даҳсолаи пеш нест ва ҳеҷ иттилое дар айни замон бодар назардошти манфиате пахш намегардад. Бинобар ин, баҳри пешгирӣ намудани халои маънавии дар насли наврас бавуҷудоянда баланд бардоштани эҳсоси худогоҳиву хештаншиносӣ, ҳувияти миллӣ ва ватандӯстӣ зарур аст. Аз ин рӯ, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд беҳтарин методу равишҳо мавриди корбарӣ қарор дода шаванд. Дар ин самт мо метавонем аз маводи таъриху кишваршиносӣ барои тарбияи ватандӯстии насли наврас, бавежа хонандагони синфҳои болоӣ, истифода бурда, онро ба риштаи таҳқиқ бикашем.

Тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ бояд дар заминаи мушаххаси таърихӣ бо истифодаи маводи кишваршиносӣ ба роҳ монда шавад. Вазифаи омӯзгор дар ин маврид аз он иборат аст, ки ӯ бояд мактаббачагонро тавре таълим диҳад, ки онҳо кишвари худро содиқона дӯст доранд. Ин ҷо як нукта аст, ки дӯст доштани Ватан аз донистани ҳар чи бештари он сарчашма мегирад. Агар мо Ватан ва таърихи пурифтихори онро донем, меҳру муҳаббати мо нисбат ба он ба маротиб боло меравад. [122, С. 464].

Дар замони муосир, вақте мо дар канори тамоми кишварҳои дунё бо як раъйи хеш дар тамоми масоили дунё шарик гаштаем, масъулияти мо дар баробари таърих ва фарҳанги миллати хеш ва таъриху фарҳанги аҳли башар бештар шудааст. Мо посдори ҳам фарҳангу тамаддуни хеш ва ҳам фарҳангу

тамаддуни аҳли башар гаштаем. Дар ҳоли ҳозир ватандӯстӣ ба ғояи аслии андешаи миллӣ тарбия ёфтааст. Воқеан, ин чунин ҳиссу эҳсосе мебошад, ки инсонро ба корҳои фавқулодда водор мекунад. Ин қазияро мо бояд сароҳатан эътироф кунем ва амалу фаъолити хешро дар ин масир бештар кунем. Мо бояд эҳсонкориро дар байни шаҳрвандони хеш ривоҷ диҳем, ки он мустақиман ба эҳсоси ватанпарастӣ иртибот пайдо мекунад.

Истилоҳи *«ватандӯстӣ»*-ро чунин шарҳ додан лозим аст:

– ҳамчун эҳсосоти баланди муҳаббат ба Ватан, табиату кишвари худ;
– ҳамчун эҳсоси баланде, ки қувваи эҳсоси ватандӯстӣ танҳо бо ҳиссиёти баланди муҳаббат ба Ватан маҳдуд намегардад, балки ба иҷрои амалҳои фаъолона ва рафтор барои манфиатҳои кишвар водор месозад.

Тарбияи ватандӯстӣ бахши ҷудонопазири маҷмуи тарбия маҳсуб ёфта, барои ташаккули шахсият ва мавқеи худро пайдо кардани инсон дар ҷомеа шарти зарурӣ маҳсуб меёбад. Донишро мактаббачагон асосан дар ҷараёни таълим аз бар мекунанд, ки он шомили корҳои гуногун мебошад.

Дар замони мо муаллимон ба масъалаҳое, ки ба тарбияи ватандӯстӣ ва дар хонандагон ташаккул додани мавқеи шаҳрвандӣ алоқаманд мебошанд, диққати махсус медиҳанд. Тарбияи ишқу муҳаббат ба Ватан ва ташаккули шаҳрванди боҳуши ҷомеа дар умури омӯзишу парвариш бахшҳои асосӣ маҳсуб меёбанд. Дар ин ҷо имконоту зарфиятҳои кишваршиносӣ хеле зиёд мебошанд. Мо зимни тарбияи ватандӯстӣ бо овардани факту далел ва мисолҳои мушаххасу конкрет ҳисси ватандӯстии мактаббачагонро бедор мекунем ва ин эҳсосро дар онҳо талқин менамоем. Кишваршиносӣ бештар ба гузашта такя мекунад, яъне мактаббачагон гузаштаи хешро донista, ояндаро месозанд. Воқеият чунин аст, ки мо бидуни гузашта ояндаро бунёд карда наметавонем. Аз ин рӯ, ин бахшҳо муҳиммияти кори моро ба маротиб бештар мекунанд [169].

Ҳамон давлате ояндадор аст, агар насли ҷавони он ватандӯстиро интихоб намоянд. Низоми тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии насли наврас ҳоло низоми афзалиятнок ҳисоб меёбад. Муҳим он аст, ки наслиояндаи ин

сарзамин чӣ гуна мешавад, то кадом андоза ӯ ду нақши муҳимми иҷтимоӣ-нақши шаҳрванд ва нақши ватандӯстро аз худ карда метавонад.

Яке аз мақсадҳои асосии барномаи фаъолияти мактаб дар хонандагони синфҳои болоӣ рушду инкишоф додани сифатҳои баланди маънавӣ-руҳӣ, ахлоқӣ мебошад, ки аз байни онҳо ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ аҳамияти хосса доранд (расми 10).




**Расми 10. – Амсилаи ташаккул додани сифатҳои баланди маънавӣ-руҳӣ ва ахлоқӣ**

Корҳои беруназсинфӣ оид ба тарбияи ватандӯстӣ бо як қатор тадбирҳо, аз ҷумла анъанавӣ низ, ки дар бачаҳо ташаккул додани шуури ватандӯстӣ, тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ нисбати оилаи худ, кишвари худ, мактаби худ, собиқадорони ҷанг ва меҳнат ва ғайраро пешбинӣ менамоянд, асос меёбад. Бинобар ин, самтҳои зерин дар ин самт махсус ҷудо карда шудаанд:

– робитаи наслҳо;
– ватандӯстӣ ва шаҳрвандиро тарбия намудан;
– кишвари азизи ман;
– ман ва оилаи ман.

Тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ҷараёни мақсаднокест доир ба ташаккули сифатҳои шаҳрванд ва ватандӯст, ки ҳангоми зарурат ба ҳифзи Ватану халқи худ омода аст. Сифатҳои мазкур муҳаббат ба оилаи худ, хонаи худ, табиати кишвар, ба заминеро, ки дар он таваллуд шудаву зиндагӣ мекунем, дар бар мегирад.

Тарбияи хислатҳои болозикр яке аз вазоифи ҷонии ҷараёни таълиму тарбия маҳсуб ёфта, низоми муайяни амалӣ намудани онро талаб мекунад. Аз ин рӯ, лозим ба ёдоварӣ аст, ки чунин низом бояд танзим гардад ва тамоми масоил дар он усулӣ ва тибқи риволи мушаххас чида ва амалӣ карда шаванд.

Дар ин масъала андешаҳои муҳаққиқони соҳаи ватанию хориҷӣ ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Алалхусус, андешаву афкори олимон А.А. Аронов [20, С. 175], А. Берг [36, С. 18], П.В. Иванов [45, С. 224], А. Каландаров [84, С. 19], И.Х. Каримова [87, С. 28], М. Лутфуллозода [123, С. 176], Ҳ. Муродиён [137, С. 56] қобил ба ёдоварист.

Қайд кардан ба маврид аст, ки маҷмуи таҷрибаҳои ҷамъшудаи зиндагӣ ва инкишофи неруҳои истеҳсолии ҷомеа ба назария ва амалияи тарбия асос гузошт. Дар ибтидо педагогика шомили илми фалсафа буд, ба тадриҷ дар қарни XVII педагогика аз фалсафа ҷудо шуд, ки дар ин амр хидматҳои Ян Амос Коменский (1592-1670) калидӣ маҳсуб меёбанд. Ӯ дар китоби хеш, бо номи *«Дидактикаи бузург»* (1632) , ба мустақил шудани илми педагогика асос гузошт, ва дар ниҳояти кор педагогика ба ҳайси фанни ҷудогона эътироф гардид. То поёни қарни XX назарияе дар илми педагогика арзи вуҷуд кард, ки мутобиқ ба он калонсолон низ ба педагогика ниёз доранд. Тарбияи шахсият – ҷавҳари инсонӣ, пешрафти ҷомеа аст. Аз ин рӯ, таърифи фанни педагогика чунин аст:

Педагогика илм дар бораи тарбияти инсон аст.

Ин таъриф ба он маъно аст, ки инсон ҳамеша ба тарбия ниёз дорад, яъне аз гаҳвора то гӯр.

Абдулқодири Бедил дар мавриди тарбия чунин гуфтааст:

*Тарбият чист? - Хок зар кардан,*
*Қатраи обро гуҳар кардан.*
*Решаро додан обу ранги камол,*
*Бадр ҷӯшондан аз мизоҷи ҳилол.*

Мафҳуми *«тарбия»* дар ин шеър ба маънои хеле васее мавриди истифода қарор гирифта, шомили маъниҳои омӯзиш, таҳсилот ва амсоли

инҳо мебошад. Воқеият чунин аст, ки мо зимни ба забон овардани тарбия бояд манзурамон парвариши инсон бошад. Вақте мо инсонро тарбия мекунем, ўро ҳамаҷониба нигоҳубин мекунем ва ҳамаи ҷанбаҳои тарбияро барои ў ба назар мегирем. Аз ин рў, шоир дар ин қитъаи шеъри худ инсонро, ки аз хок офарида шудааст, таъкид намуда, боварманд бар он аст, ки ин хокро мо бояд ба зар табдил диҳем ва он дар натиҷаи тарбия ба вуҷуд меояд.

Одами калонсол кист? Дар назария ва амалияи таълим ҳанӯз ҳам баҳс дар мавриди таърифи шахси калонсол аз нуқтаи назари сотсиологӣ, психологӣ ва педагогӣ рафта истодааст. Ин бо он шарҳ дода мешавад, ки вобаста аз фаҳмиши мавзуи ҷараёни таълим назарияи таълим ва ташкили он сохта мешавад.

Таърифи аз ҳама васеи ТК соли 1976 дар ҷаласаи умумии ЮНЕСКО дар Найроби садо дод: *«дар ҷомеа ҳама гуна шахси калонсол мавриди эътироф қарор дорад»*, аммо барои ташкили амалии омӯзиш дар як кишвари мушаххас таърифи мазкур чандон фаҳмиши зиёде намедиҳад.

Олимони амрикоӣ В.Е. Гурин [69, С. 134] ва С.Е. Матушкин чунин меҳисобанд, ки шахси калонсол *«ин шахсест, ки аз нақши хонанда дар таҳсили рӯзона (нақши иҷтимоии кӯдакон ва наврасон) ба вуҷуд омада, нақши коргар, ҳамсар ва падару модарро ба уҳда гирифтааст. Калонсол шахсе мебошад, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ нақшҳои муҳимми истеҳсолиро иҷро мекунад ва барои ҳаёти шахсии худ масъулият дорад»* [132, С. 19].

Муҳтавои ин гуфтаҳо дар он аст, ки *«калонсолӣ»* на бо синну сол, балки бо омилҳои иҷтимоӣ-психологӣ алоқаманд аст, ки аз як тараф, онро худи шахс татбиқ мекунад ва аз тарафи дигар, аз ҷониби ҷомеа эътироф намудаву дар ҳаёти ҷамъиятӣ зоҳир мешавад. Ин муносибат ҷиҳати таърифи калонсол дар асарҳои Р.М. Гранкина равшантар мушоҳида мешавад. Ӯ он касро шахси калонсол меҳисобад, ки аввалан, *«мисли шахси калонсол рафтор мекунад, яъне нақшҳои калонсолро мебозад (коргар, ҳамсар, волидайн, шаҳрванди масъул, сарбоз) – омӯзиши сотсиологӣ»* ва баъдан, *«худогоҳии ў таърифи равонӣ аст»*. Одам калонсол аст, зеро вай худро барои ҳаёти худ масъул

медонад [64, С. 173].

Дар худи ҳамон рӯҳия шахси калонсолро олим Р.М. Гранкина тавсиф мекунад: калонсол дар навбати аввал шахси аз ҷиҳати иҷтимоӣ ташаккулёфта буда, мутобиқи меъёрҳо ва талаботи ҷомеа қодир аст, ки мустақилона ва масъулиятшиносона қарор қабул кунад [64, С. 173]. Вай объекти фаъолияти иҷтимоӣ ва меҳнатӣ буда, ҳаёти мустақилона пеш мебарад: фаъолияти истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ дорад. Ӯ мустақилона қарор қабул мекунад, рафтори худро фаъолона танзим мекунад. Аммо, албатта, маҳдудиятҳои синнусолӣ барои давраи калонсолӣ дар ҳаёти инсон вуҷуд доранд, ки онро олимон бо роҳҳои гуногун муайян кардаанд. Таҳқиқотчӣ И.Я. Лернера [109, С. 240] ба ҳаёти калонсолӣ аз 18 то 40 - сола, Н.П. Милонов [135, С. 198] аз 16 то 70-соларо мутааллиқ медонанд. Муҳаққиқи фаронсавӣ ва коргари амалӣ дар соҳаи ТК В.Е. Гурин ба шахсони калонсол мардону занони аз 23-сола болоро мансуб медонад, ки ба ҳаёти касбӣ ҷалб шуда, нақшҳои фаъоли иҷтимоӣ ва уҳдадориҳои оилавиро ба дӯш гирифтаанд [69, С. 134].

Дар ТК ин навъи вобастагии тафаккур, ки хоси кӯдакӣ ва наврасӣ намебошанд, ба вуҷуд омадаанд. Гап дар сари он аст, ки калонсолон дар шароити дарку фаҳми масоил қарор доранд ва худро дар баробари бисёре аз масоили ҳаёту зиндагӣ масъул мешуморанд. Бо мурури вақт ва гузашти айём таҷрибаи ҳаёт ва масоили он шахсро водор ба масъул будан намуда, диду назари ўро ба бисёре аз масоили зиндагӣ тағйир медиҳад, ки ин комилан дуруст аст [2-М].

Ҳамин тариқ, ҳамон гуна шахсеро калонсол ҳисобидан мумкин аст, ки дар ҳаёт бошуурона ва бомасъулият амал карда, ба корҳои муайян машғул аст. Чунин ба назар мерасад, ки таҳқиқоти ҷиддиро метавон ба иҷрои нақши табиӣ дохил кард. Шахси калонсол дар қиёс бо нафари ҷавон дорои вазоифи физиологӣ ва психологии мукаммал ва фазои эҳсосӣ - иродавӣ мебошад. Шахси калонсол бо сатҳи баланди худогоҳӣ фарқ мекунад: вай худро беш аз пеш мустақил, худидоракунанда, аз ҷиҳати моддӣ-иқтисодӣ мустақил, комилҳуқуқ, соҳибахлоқ ва психолог дарк мекунад.

Фарқи муҳимми байни калонсол ва хурдсолон мавҷудияти таҷрибаи калони ҳаётӣ мебошад, ки дар се ҷабҳа зоҳир мегардад: маишӣ, касбӣ ва иҷтимоӣ.

Ин аст, ки калонсолон бо таҷрибаи ҳаётӣ ва донишу малакае, ки доранд, аз хурдсолон комилан тафовут доранд ва дар лаҳзаҳои хеле печида ва мураккаби зиндагӣ метавонанд тасмиме бигиранд, ки ин амал барои хурдсолон мақдур нест.

Консепсияи одами калонсолро ба асос гирифта, қайд намудан мумкин аст, ки дар ҷараёни таълим ӯ бояд интизор шавад, ки дар раванди таълим огоҳона ва масъулиятшиносона муносибат намояд. Илова бар ин, азбаски шахси калонсол, одатан, дар ягон фаъолияти мушаххас иштирок мекунад, эҳтиёҷи ӯ ба таълим вобаста ба дараҷаи муайян бо фаъолияти асосии касбии ӯ алоқаманд аст, ҳамчунин, бо дигар нақшҳои иҷтимоӣ иртибот мегирад. Ин аст, ки ӯ дар зиндагӣ мароми аслии хешро дорад ва дунболи он бо қадамҳои устувор пеш меравад. Аз ин рӯ, вай  дар шароити имрӯза мувофиқи қоидаву талаботи ҳаёт умр ба сар мебарад, ӯ нисбат ба фаъолияти таълимӣ таваҷҷуҳи қавӣ пайдо намудааст. Ин бо зарурати фаврии ҳалли масъалаи муҳимми ҳаёт тавассути омӯзиш муайян карда мешавад.

Ҳамзамон, калонсолон кӯшиш менамоянд, ки дониш, малака ва сифатҳои ҳангоми омӯзиш ҳосилшударо барои ҳалли ҳар чи зудтари мушкилӣ истифода намоянд. Дар фаъолияти таълимӣ хонандаи калонсол ногузир ба таҷрибаи ғании худ  такя мекунад. Шахси калонсол тибқи маъмул дар ҷое кор мекунад ва хонаводаи хешро таъмин менамоянд. Таъмини хонавода вазифаи аввалиндараҷаи бузургсолон мебошад, албатта, дар канори таъмини маишати хонавода тарбияи фарзандон ва амсоли инҳо шомили вазоифи онҳо ба шумор меравад.  Ҳамаи ин омилҳо ба хонандаи калонсол, ба андозаи зиёд ба тамоми раванди таълимии ӯ таъсир мерасонанд.

Ҳамин тариқ, мо хонандаи калонсолро ҳамчун шахсе муайян карда метавонем, ки панҷ хусусияти асосӣ дорад, ки аз хонандаи ғайрикалонсол фарқ мекунад.




**Расми 11. – Амсилаи фаъолияти таълимии хонандагон**

Ҳамзамон, агар шахси калонсол ба омӯзиши худ бошуурона муносибат мекунад, вай қобилиятҳои воқеии худро баҳо дода метавонад.

Имконият ва қобилияти калонсолон барои таълим кадомҳоянд? Оё онҳо метавонанд барои бомуваффақият таҳсил кардан мадад расонанд? Ҷавоби ин саволҳои муҳим, на ба таври одӣ, балки бо таҳлили омилҳои физиологӣ, иҷтимоӣ, маишӣ ва истеҳсолӣ, ки ба раванди таълиму тарбияи калонсолон мусоидат мекунанд ё монеъ мешаванд, дохил мешаванд.

Дар муддати тулонӣ ҳар ду назариядонон ва педагогҳо фикр мекарданд, ки калонсолон дар таълим муваффақ буда наметавонанд. Психологи швейтсарӣ В. Конфинти аллакай дар солҳои 20 - уми асри гузашта ақидаи бартариятдоштаи психологҳоро дар бораи он, ки камолоти шахс синну солест, ки бо *«сангҳои равонӣ»* тавсиф шудааст, ба монанди қодир набудан ба

воридкунии тағйироти мусбӣ, мухтасар баён намудааст. Дар тарҷумаи русии яке аз китобҳои аввалини психологияи ТК психологи машҳур В.Е. Гурин (соли 1931) қайд кардааст, ки *«хурофот, ки психология ва педагогикаи куҳнаро дар назди худ гузоштааст, чунин аст, ки шахси калонсол нисбат ба наврасе, ки барои таҳсил дар синни 35-40 сола маблағҳои калон талаб мекунад, камтар қобилият дорад, солҳо ва натиҷаи ин гуна омӯзишҳо вақт ва захираҳои ба онҳо сарфшударо асоснок карда наметавонанд»* [105, С. 523]. Табиист, ки бо гузашти синну сол баъзе функсияҳои физиологии ҷисми инсон, ки ба ҷараёни таълим вобастаанд, каме заиф мегарданд: вайроншавии кори узви биниш, қобилияти шунавоӣ, вайроншавии хотира, суръат ва тағйирпазирии тафаккур ва суръати аксуламал суст мешавад. Аввалан ин, ки ин падидаҳои манфӣ пас аз панҷоҳ соли умри инсон ба амал меоянд. Сониян, дар ин радиф сифатҳои мусбате вуҷуд доранд, ки ба омӯхтан мусоидат мекунанд, аз қабили аз бар кардани  таҷрибаи зиндагӣ, дақиқиву оқилӣ дар хулосагирӣ, баррасии ҳамаҷониба ва муфассал ва амсоли инҳо. Аз гуфтаҳои равоншиносони амрикоӣ бар меояд, ки дар ҳолатҳое омӯзиш фаҳмиши амиқ, қобилияти мушоҳида ва хулосаҳо бароварданро талаб мекунад ва ин ҳолатҳо дар калонсолон нисбат ба ҷавонон беҳтар рух медиҳад.

Ба ақидаи мо, қариб дар ҳама ҳолатҳо калонсолон суръати азхудкунии мавод, иҷрои вазифаҳои таълимӣ ва ғайраҳоро аз даст медиҳанд. Аммо он тавре, ки В.Н. Липник (дар соли 1952) қайд карда буд, ба ҳеҷ ваҷҳ ин омилҳо далели адами қобилияти омӯхтани калонсолон шуда наметавонад [110, С. 16].

Олимон О.С. Богданова ва С.В. Черенкова чунин меҳисобанд, ки мо дар бораи қобилияти зеҳнии зудҳаракатӣ дар марҳилаи ташаккулёбӣ ва шахшуда қарордошта суҳбат карда метавонем. Қобилияти зудҳаракатӣ оне ҳисоб мешавад, ки барои ҳалли ҳама гуна масъалаҳое, ки аз таҷриба, таъсири фарҳанг, илму маориф вобастаанд ва бо сохторҳои нейрофизиологии инсон алоқаманданд, қодир аст. Ин қобилиятҳои ақлонӣ, ҷисмонӣ, психологӣ ва ғайра вобаста ба синну сол суст мешаванд. Қобилиятҳои ташаккулёфта,

баръакс, чунин малакаҳоро дар бар мегирад, ки шахс дар натиҷаи омӯзиш, таҷрибаи ҳаёт, таъсири фарҳангу тамаддун, муошırати шифоҳӣ, малакаҳои арифметикӣ, сарчашмаҳо ва роҳи дурусти дониши навро ба даст меорад. Бо гузашти синну сол онҳо суст намешаванд, балки қавӣ мегарданд [40, С. 204].

Олимони дигар, аз қабили А.Л. Литвин, Е.И. Устюжанин ва Г.И. Хамитов одатан фикр доранд, ки қобилияти ғайришифоҳӣ надоштани шахс, яъне онҳое, ки бо фаъолияти суханронӣ алоқаманд нестанд, вобаста бо синну сол заиф мешаванд ва қобилияти шифоҳӣ баланд мешавад [111, С. 200].

*«Бо синну сол – мегӯяд, Е.Н. Поддубнӣ – вазифаҳои мухталифи психофизиологӣ бо ҳамдигар бештар пайванд мешаванд ва ба ягон омезиши маълумот аз манбаъҳои гуногун ва пешниҳоди маълумот ба корбарон дар шакли ягона дохил мешаванд, ки ин зоҳиран ба инсон имкон медиҳад, ки камбудиҳои рушди як вазифа (масалан, хотира)-ро ҷуброн кунад ва баҳри рушди функсияи дигар (масалан, тафаккур) мусоидат кунад»* [149, С. 24].

Тафаккури калонсолон – мегӯяд А. Девонақулов [71, С. 127], - назар ба тафаккури ҷавонон гузариши фасеҳтар дар муносибати ҷузъҳои рамзӣ, мантиқӣ ва таъсирбахш тавсиф мешавад. Ҳамин тариқ, онро метавон ҳамчун як таҳқиқоти собитшудаи олимони мухталиф ва ҳаётӣ арзёбӣ кард, ки қобилияти омӯзиши калонсолон аз 20 то 60 сол чандон тағйир намеёбад. Тибқи далелҳои эътимоднокии олимон Ю. Круинов [102, С. 62-67] ва М.А. Горбова [61, С. 20] дар байни одамони дорои фаъолияти зеҳнӣ ин қобилиятҳо дарозтар давом мекунад.

Ҳангоми муайяну дақиқ кардани тарбия ва илми он агар аз мавқеи дар ҷомеа ҷои мушаххасро ишғол карданаш назар кунем, он дар марҳалаҳои инкишофи муайяни таърихи инсоният сатҳи воқеии комёбиҳои ҷомеаро инъикос мекунад. Ба абадӣ будани проблемаи педагогӣ нигоҳ накарда, мавзуву муҳтавои он аниқ аст: ин фаъолияти тарбиявӣ, ки тавассути муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Педагогика ҳамчун илми амалӣ ҳисоб меёбад, ки он саъю талоши худро барои ҳалли самарабахши масъалаҳои бамиёномадаи мусбии ҷомеа нисбати тарбия,

таълим, маълумот равон мекунад.

Тарбият аз замони хеле қадим ҷараён дошта, он баробари пайдоиши одамони аввалин арзи вуҷуд кардааст. Аввалҳо кӯдакон бе ҳеҷ як педагогика дар муҳити оила тарбия меёфтанд, ҳатто барои вуҷуд доштани он тасаввуроте ҳам надоштанд. Илми тарбия хеле дер, баъди ҷамъ шудани таҷрибаҳои инсоният пайдо мешавад. Педагогика дар ҷомеа яке аз соҳаҳои илми ҷавон ба шумор меравад. Зеро ҷамъбасти аввалини маълумотҳои эмпирикӣ, хулосаҳо аз таҷрибаи зиндагӣ назария шуда наметавонанд, онҳо баҳри назария сарчашма мебошанд.

Дар нахустин ҷамъияти инсонӣ тарбия ба насли наврас дар асоси ёд додани тарзи пайдокунии ризқу рӯзӣ баҳри зиндагӣ, омӯхтани асбобу олоти истеҳсолӣ сурат гирифтааст. Аз хурдсолӣ писарон ба моҳидорӣ машғул гардида, дар шикори калонсолон ҳамроҳӣ мекарданд, духтарон ба пухтупаз, тайёр кардани сару либос, тайёр кардани халтаю зарфҳо ёрӣ мерасонданд. Дар ин давра тарбия аз меҳнати басо душвори рӯзгузаронӣ иборат буд. Ҳар он чи ба даст меомад, моликияти хусусӣ буд, синфҳо вуҷуд надоштанд, тарбия низ ба ҳама якхела дода мешуд.

Дар сохти ҷамъияти ғуломдорӣ тарбия ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид. Тибқи маълумотҳои бадастомада ва бозёфтҳои бостоншиносиву мардумшиносӣ дар Юнони қадим тарбия ба дасти синфи ҳукмрон мегузарад. Маводҳои археологиву сарчашмаҳои таърихӣ собит месозанд, ки дар ҷамъияти ғуломдорӣ меҳнати фикрӣ ба ашрофон, меҳнати ҷисмонӣ ба ғуломон мансуб мегардад. Барои писарони синфи ҳукмрон баҳри пойдор намудани давлатдорӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва тарбиявии давлатӣ таълиму тарбияи замонавӣ гирифтан имтиёзҳои зиёд дода мешуд. Онҳо машқҳои ҳарбӣ, гимнастикӣ, хондану навиштан, мусиқию сурудхониро меомӯхтанд. Инчунин духтарон дар оила бо тарбияи ҷисмонӣ, рӯзгордорӣ, пухтупаз, дӯзандагӣ, ёрирасонии тиббӣ машғул буданд. Фарзандони ғулом бидуни тарбияи меҳнатӣ аз омӯхтани дигар  намудҳои тарбия маҳрум буданд.

Давраи феодалӣ ду табақаи ҳукмрон дошт: руҳониён (феодалони калисо)

ва дворянҳо (феодалони аъёну ашроф). Ҳар кадоми ин табақа системаи тарбия ва маълумоти ба худ хос доштанд. Вазифа ва мазмуну методикаи тарбияи калисо бо донишҳои динӣ омода намудани одамон буд. Ашрофон ва руҳониён меҳнати ҷисмонӣ ва пешаи кишоварзиро намеписандиданд, баръакс меҳнаткашонро таҳқиру паст мезаданд. Гарчанде ки дар ду табақаи номбурда мазмуни тарбия ва маълумот фарқ кунад ҳам, аммо байни ҳамдигар алоқаи узвӣ доштанд: ба манфиати худ нигоҳ доштан ва мустаҳкам кардани синфи худ нигаронида шуда буданд. Писарбачаҳои деҳқон дар мактаб маълумоти системанок гирифта наметавонистанд, онҳо асосан ба меҳнати ҷисмонӣ машғул буданд.

Таъриху тамаддуни халқи тоҷик чун адабиёти классикии он хеле бой аст. Қисми зиёди асарҳои намояндагони барҷастаи адабиёти классикии форс-тоҷик, ки роҷеъ ба масъалаҳои одамият, адолату некукорӣ, илму маърифат, фазлу адаб,ҷавонмардию шуҷоатмандӣ, донишу амал – ҳамаи намудҳои тарбия ва фазилатҳои неку бади инсонӣ дахолат намудаанд, шухрати ҷаҳониро касб кардаанд. Алалхусус, *«Тадбири манзил»*-и Ибни Сино *«Рӯшноинома»* ва *«Саодатнома»*-и ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ (1004-1088), *«Бӯстон»* ва *«Гулистон»*-и Саъдии Шерозӣ (1203/8-1292), *«Баҳористон»* - Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414 - 1492) ва ғ.

Инчунин дигар шоҳасарҳои хоси пур аз масъалаҳои тарбиявӣ, ахлоқи ниёгон, аз қабили *«Қобуснома»*-и Унсурулмаолии Кайковус (1020-1099), *«Ахлоқи Носирӣ»*-и Насируддини Тусӣ (тав.1235), *«Ахлоқи Ҷалолӣ»* Ҷалолиддини Давонӣ, (вафот. 1475), *«Ахлоқи Муҳсинӣ»*-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, (ваф. 1500-1501) ва ғайра дар тарбияи наслҳои имрӯзу фардо аҳамияти бузург доранд. Иддае аз ин асарҳо дар давоми қарнҳо дар мактабу мадрасаҳо ҳамчун дастури таълимӣ ва дар хонаводаҳо, алалхусус барои волидайн, ҳамчун воситаи тарбияи кӯдакон васеъ истифода мегардид.

Аслан, илми тарбия дар Машриқзамин қариб се ҳазор сол пеш, инчунин дар китоби муқаддаси *«Авасто»* арзи вуҷуд кардааст: *«Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек»*. *«Агар тамоми китобҳои Шарқу ғарбро варақ –*

*варақ бичӯед, волотаре, арзандатаре, гуворотаре аз ин се ибора пайдо намекунед».*

Дар инкишофи тарбия саҳми афкори педагогии сотсиалистони хаёлӣ ҳам калон аст. Томас Мор (1478-1535) дар асари худ *«Утопия»* (1516), инчунин дар китобҳои Томазо Компанелла (1568-1639), Анри де Сен (1771-1858) ва дигар донишмандони соҳа зарурати бештар мукаммал гардонидани системаи иҷтимоӣ аз доираи фаҳмиши таърихӣ берун баромада, принсипҳои хирад, озодӣ, адолат, баробарию бародариро эълон намуданд. Ин олимон оид ба зарурати дар шаҳру деҳот ташкил намудани муассисаҳои ҷамъиятӣ, аз байн бурдани фарқияти байни меҳнати ақлию ҷисмонӣ як қатор хулосаю пешниҳодҳо кардаанд, ки ин ақидаҳои фалсафӣ ба васеътар тасаввур кардани инкишофи мутаносиби шахсият роҳ кушод. Дар ин раванд онҳо ба сифати унсури асосӣ меҳнатро пиндоштанд, ки мувофиқи ақидаи тартибдодаашон вобастагии таълим бо меҳнати истеҳсолӣ дохил мегардид. Ғояҳои ин сотсиалистон инкишофи ҳамаҷонибаро барои ҳама табақаҳои ҷамъиятӣ зарур медонистанд, инчунин онҳо баъзе принсипҳои тарбияро пешгӯӣ карданд, ки минбаъд дар педагогика инъикоси хосаи худро ёфтанд.

Мақсади асосии тарбия дар мактаби замони муосир – инкишофи мутаносиби ҳамаҷонибаи шахсият мебошад. Тасвияти онро мо дар осори файласуфон ва педагогҳои гуманисти давраи Таҷаддуд А. Берг [36, С. 18], И.Я. Лернера [109, С. 240]; сусиёлистони хаёлӣ Г.П. Разумихина [150, С. 500] (вобастакунии тарбияро бо меҳнат); маърифатпарварони асри XVIII француз И.Г. Песталотси (такомулоти ақлӣ ва ахлоқ) [145, С. 132]; сотсиал-демократҳои рус П.Ф. Каптерев [86, С. 80], В.Г. Белинский [33, С. 799] ва В.А. Блюмкин (инкишофи ҳамаҷониба баъди инқилоб ҳалли худро меёбад) [38, С. 143] эҳсос мекунем.

Мазмуни асосии тарбияи ахлоқиро ҳисси васеи ватандӯстӣ ва байналмилалӣ ташкил мекунад. Бояд гуфт, ки ватандӯстӣ ва дӯстии халқҳо ин эҳсосоти баланди инсонӣ, қисмати ҷаҳонбинӣ ва муносибати шахсияти бакамолрасида нисбати кишвари азиз ва инчунин нисбати башардӯстӣ мебошад.

Решаи ватандӯстии мардуми мо аз замонҳои қадим сарчашма мегирад, ки инро мо дар эҷодиёти даҳонакии халқи тоҷик баръало дида метавонем. *«Қурбони ватан бош, ки қурбонат шаванд»* омадааст дар мақоли мардумӣ. Дар ҳақиқат, ватан муқаддас аст. Дар дарозои таърих ҳам фарзандони баруманди сарзамини мо бо ёди Ватан зиндагӣ мекарданд, бо ёди Ватан ва мудофияи он ҷон қурбон менамуданд. Дар осори таърихии устод С. Айнӣ *«Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»* омадааст, ки баъди маргаш дар миёнбанди Темурмалик халтачае пайдо карданд, ки дар вай як каф хок ва хатчае буд. Дар хат ин гуфтаҳо навишта шуда буданд *«Эй он ки мурдаи ман ба дастат меафтад, агар некхоҳи одамон ва ватандӯст бошӣ, маро бо ин як каф хок гӯрон, ки ин ёдгории ватани азизи ман аст!»*.

Зимни тарбия шахс маҳз ватандӯсту инсонпарвар мегардад ва ба қадри арзишҳои миллӣ мерасад. Кӯдакони диёр чунон бояд тарбия ёбанд, ки онҳо нафақат зодгоҳ, кишвар ва мардуми диёри хеш, инчунин тамоми сайёра ва мардуми онро қадр намоянд ва ба тамоми арзишҳои башарӣ арҷгузор бошанд.

Ватани ободу зеборо бе мардумаш, диёрро бидуни одамони гуногунмиллат тасаввур кардан мумкин нест. Ҳар як шаҳрванди кишвар, хоҳ зодаи сарзамин, хоҳ ташрифоварда баҳри обу ободонии манзилу диёр саҳмгузор аст.

Ватандӯстӣ ва дӯстии халқҳо аз бисёр ҷиҳат ба донистани таърихи кишвар ва мардуми он вобастагии каклон дорад. Дар баробари донистани таърихи миллати худ, инчунин донистани таърихи дигар мамолик ва забонҳои мардуми онҳо низ лозим аст.

Хусусиятҳои ахлоқии одамон тамоили тамоми фаъолияти зиндагии одамро муайян мекунад, чунки меҳнат – асоси зиндагӣ буда, бе меҳнати ҳалол ва маҳсули он ҳаётро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Яке аз намудҳои тарбияи ахлоқӣ ин ба меҳнат софдилона муносибат кардан аст. Кӯдаконро ҳанӯз дар айёми хурдсолӣ ба меҳнати коллективонаи ҳаддалимкон, инчунин меҳнати гарони омӯзиш ҳавасманд кардан қимати ахлоқии хеле калон дорад. Онҳо

бояд ба неъматҳои дар натиҷаи меҳнат бадастомада, хоҳ шахсиянду хоҳ ҷамъиятӣ сипосгузор, қадршинос, эҳтиёткор ва сарфакор бошанд, ба исрофкорию ношукрӣ ҳеҷ гоҳ роҳ надиҳанд.

**Ҳ**ифзи муҳити зист ҳам яке аз вазифаҳои асосии ахлоқии кӯдакон ба шумор меравад, ки имрӯз ба яке аз масъалаҳои асосии сиёсати давлатӣ мубаддал гардидааст. Кӯдакон бояд тарзе тарбия ёбанд, ки ба поймол кардани зироат, шикастани дарахтон, ифлос намудани обу ҳаво, ба куштани паррандаҳо, моҳиён ва ҳайвонот роҳ надиҳанд. Зеро ҳамаи ин ҳаёти зинда аст.

Дар руҳияи ватанпарастӣ тарбия намудани хонандагони синфҳои болоӣ вазифаи ҳар як шаҳрванд буда, аз муҳити оила ва кӯдакистон ибтидо мегирад. Қобил ба зикр аст, ки хонандагон ҳанӯз дар синни томактабӣ кулоҳи низомиёнро ба сар пӯшида, чун ҳарбиён қадам задан, даст ба пешонӣ бурда салом кардану рапорт доданро хуш доранд, ки ин аллакай тақлид аст.

То ба синфи болоӣ расидан хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳам оид ба нисбати тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ тасаввуроти умумии ибтидоӣ ҳосил мекунанд. Воқеан, ба қавли шоир, орзуи деринаи кӯдакон калон шудан, қаҳрамон шудан, ба ватани худ посбон гардидан аст. Пас, бигзор онҳо аз айёми кӯдакӣ то тадриси фанни *«Омодагии дифоӣ»* (синфҳои V-VI) қарзи дифои модар - ватанро дарк кунанд, дар ҳамин руҳияи мардонагиву шуҷоат ба синфи болоӣ қадам ниҳода, камолот ёбанд ва оянда бо сарбаландӣ қарзи фарзандии халқу ватани азизро ба ҷо оранд.

Бояд гуфт, ки тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ – қисми муҳимми тарбияи ватандӯстӣ ва байналмилалӣ мебошад. Асоси ин намуди тарбия ҳанӯз дар айёми мактабӣ, тайёрии ибтидоии талабагон ба сафи қувваҳои мусаллаҳи кишвар сурат мегирад. Дар замони соҳибистиқлолӣ мо ба Артиши миллӣ аз сари нав асос гузоштем ва ифтихомандона мегӯем, ки имрӯз артиши милии мо дар минтақа ҳамто надорад. Дар воқеъ, кишваре, ки артиши миллии пурқудрат надорад, дар замони пешрафти технологияи ҳарбӣ ба муваффақиятҳо ноил намегардад.

Мазмуни асосии тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ, қабл аз ҳама, фаҳмондани

қоидаҳо қонуни асосии давлат оид ба муқаддас будани хизмати халқу ватан, дифои сарватҳои кишвар, ҳимояи сарҳад, марзи модар-ватан, муаррифӣ бо ҳаёти сарбозону сардоронро фаро мегирад. Ҷиҳати муҳимми ин намуди тарбияи ҳавасмандгардонӣ ба сафи низомиён дохилшавӣ ба омӯзишгоҳи ҳарбӣ ва коллеҷи олии ҳарбии Тоҷикистон ва ғайраҳо мебошад, ки имрӯз дари худро ба рӯйи ҳавасмандон боз кардаанд. Ҷиҳати муҳимми дигари тайёрии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ин омӯхтани машқҳои гуногуни обутобдиҳии ҷисм, донистани силоҳҳои оташфишон, воситаҳои муҳофизатии зиддиатомӣ, зиддикимиёвӣ, шиносоӣ бо машқҳои тактикӣ мебошад.

Ҷиҳати ташаккул додани маҳорату малакаҳои корҳои сарбозӣ робитаи мактаб бо сарҳадчиёни шуҷоъ, қисмҳои ҳарбӣ, ветеранҳои ҷанг ва ёрии онон барои ташкил кардани маҳфилҳо оид ба омӯхтани техникаи замонавии ҳарбӣ, гузаронидани вохӯриҳо бо сарбозон, мусобиқаҳои ҳарбию спортӣ ва ғайраҳо аҳамияти калон дорад.

Қисми муҳимми таркибии тарбияи ахлоқӣ, меҳнатӣ, ҷисмонӣ ва чорабиниҳои тиббӣ тарбияи ҷинсӣ мебошад. Ин намуди тарбияро ҳам чи дар оила ва чи дар мактаб бо ҳар васила ва мулоҳизаҳо ҳаргиз пас гузоштан мумкин нест, зеро ин барои рафтори ҳамида ва ҳаёти ояндаи бенуқси оиладорӣ бениҳоят зарур мебошад.

Тарбияи ҷинсӣ аз рӯзи тавлиди кӯдакон оғоз мегирад ва то ба дами марг онро инсон бо худ мебарад. Тифли навзодро гузаштагони рӯзгордидаи мо мувофиқи анъанаҳои миллиямон бо оби ширгарми намаку гилин се-чор маротиба оббозӣ медоронанд, то ки пӯсти баданаш мустаҳкам гардад. Минбаъд ҳар рӯз бо оби ширгарми муқаррарӣ ду-се бор шустани узвҳои нозуки тифлакон мувофиқи талаботи ҳифзиссиҳа аст. Қобили зикр ва ёдоварист, ки дар оила волидайн бояд хонаи хоби кӯдаконро аз чор-панҷсолагӣ ҷудо кунанд.

Дар мактаб аз синфҳои ибтидоӣ сар карда ба якҷоя нишастани писару духтарон дар як парта одат кунонидан, якҷоя дарс тайёр кардан, гаштугузор намудан, дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок доштан онҳоро аз бармаҳал

бедоршавии ҳирси ҷинсӣ боз медорад. Айёми бабалоғатрасӣ тарбияи ҷинсӣ эътибори хосса пайдо мекунад. Дар ин лаҳза, ҳатто каме пештар, роҷеъ ба рӯйдодҳои таҳаввули анатомӣ-физиологӣ ва табиӣ ба наврасон моҳирона фаҳмондан шарт аст, то ки онҳо аз тасодуфҳои ҷинсӣ ба воҳима наафтанд. Нақши падару модар, муаллимон ва духтури мактаб дар фаҳмонда додани хонандагон калон аст. Бояд модар духтарро аз ҳайзбинӣ, падар писарро аз эҳтилому нигаҳдории нафси шаҳвонӣ огоҳ намоянд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳузури ноболиғон, ҷавонон ҳар гуна гапҳои фаҷу лач, латифаҳои аз одоби инсонӣ берун, дашномҳои қабеҳу гӯшношуниданӣ, намоиши филмҳои фаҳшу суратҳои бараҳна нишон додан бар хилофи тарбияи ҷинсӣ мебошад. Инчунин, мутолиа намудани китобҳои ба синну солашон номувофиқ ҳам манъ аст, чунки ҳамаи ин бемаврид буда, ҳисси ҷинсии онҳоро бармаҳал бедор мекунад.

Педагогика ва психология барои бармаҳал бедор нашудани ҳисси ҷинсии ноболиғону ҷавонон танзими дурусти низоми меҳнати ҳамарӯза, шуғли мунтазами варзишро тавсия медиҳанд. Зеро шуғли муфид ҷисму руҳи онҳоро бардам нигоҳ дошта, аз ҳар гуна рафторҳои зишт: тамокукашӣ, машруботнӯшӣ, нашъамандӣ, бадахлоқӣ нигоҳ медорад, ба камолоти муътадилии онҳо мадад мерасонад. Мабодо агар кӯдакон, наврасон ва ҷавонон ба роҳи нодуруст майл ёбанд ва ба рафторҳои зишт одат кунанд, ислоҳи онҳо басо душвор мегардад, чунки *«Тарки одат-амри маҳол»* мегӯянд.

Боиси таассуф аст, ки қисме аз ҷавонон аз боиси беназоратӣ ва бепарасторӣ аз доираи ахлоқу тарбият берун монда, ба сигоркашӣ, майнӯшӣ, нашъамандӣ ва дигар корҳои ношоям даст мезананд, ки ин ба ғайр аз худситамкунӣ, худзабунсозӣ, худношиносӣ чизи дигаре ба бор намеорад. Аз ин кирдорҳои зишт сари вақт бояд ҷилавгирӣ кард, чунки ба одат табдил меёбанд ва солиёни сол, ҳатто баъзеҳо аз он умрбод халосӣ намеёбанд ва ранҷ мекашанд. Ин гуна ашхос, ки нисбат ба худ дар бераҳмӣ устухон сахт кардаанд, ба ҳодисаҳои нохуш: вайронкунии тартиботи ҷамъиятӣ, ғоратгарӣ,

бешарафӣ низ даст мезананд ва бар илова, зомини наслҳоиояндаи носолими худ мешаванд.

Барои он ки нохушиҳои зикрёфта рух надиҳанд, дар оила ва муассисаҳои таълимию тарбиявӣ заррае суст накардани тарбияи ҷинсӣ зарур аст. Бояд гуфт, ки дуруст ба роҳ мондани корҳои таълимию тарбиявӣ ва шаҳватшиносӣ гарави хушии ҳаёти оиладорӣ, устувории ақди никоҳ ва наслҳои солими оянда мебошад.

Одат – малакаи автоматишудаи рафтори ҳар як шахс мебошад. Одатҳои ахлоқӣ дар системаи тарбияи ахлоқ мақоми махсус доранд. Одатҳо ҳамида ва зишт мешаванд. Дар хонандагон одатҳои хубро ташаккул додан мақсади умдаи тарбияи ахлоқӣ аст. Дар синфҳои болоӣ, қабл аз ҳама, талаботи *«Қоидаҳо барои хонандагон»*-ро ба одати ҳамарӯзаи шогирдон табдил додан аҳамияти хеле калон дорад. Дигар ин, ки барои тақвият додани одатҳои муфид, анъанаҳои синф, худтарбиякунӣ, намунаи ибрат будани калонсолон, фаъолон, муаллимон, волидон таъсири мусбӣ мерасонанд.

Чӣ тавре ки дар боло зикр намудем, одатҳои зишт аз беназоратӣ ва сустии корҳои тарбияи мактаб ва оила сар мезананд. Бинобар ин, тамоми саъю талошҳоро ба он бояд равона кард, ки ба ахлоқи шогирдон одатҳои бад роҳ наёбанд ва *«Дили одаткарда-балои ҷон»* нагардад.

Интизом – тартиб, низом ва меъёрҳои (нормаҳои) ахлоқи рафтори ҷамъиятӣ ва шахсии ашхосро гӯянд. Одаме, ки сифатҳои ахлоқиро дорост, ба қоидаҳо ва нормаҳои рафтори қабулкардаи умум дар ҳама ҷо ва дар ҳама кор риоя мекунад ва дар ҳолати вайрон кардани онҳо, агарчи беихтиёр рӯй додааст, аз паи ислоҳи он хатоҳо мешавад, то шаъни одамгарияш коста нагардад.

Бояд ироз дошт, ки интизоми мактаб асоси интизоми ахлоқии пешқадами умумиҷамъиятиро инъикос мекунад, ки он аз интизоми меҳнат, таълими коллективӣ, муҳофизати моликияти хусусӣ ва ҷамъиятӣ, таҳқир накардани шахсияти одамонро фаро мегирад. Ҳамаи ин зимни бошуурона рафторкунӣ бояд сурат гирад. Нишондодҳои дараҷаи интизомнокии

бошууронаи мактабиён дар дохили мактаб, берун аз он, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, дар рафтори шахсӣ тибқи худназоратӣ, мубориза бо беинтизомии дигарон ва вайронкунандагони он муайян карда мешавад. Нишонаҳои беиродагӣ ва беинтизомӣ: коҳилӣ, дурӯғгӯӣ, гарданшахӣ, беҷуръатӣ, дудилагӣ, чоплусӣ, бахилӣ, суханчинӣ (хабаркашӣ), беташаббусӣ ва амсоли инҳоянд.

Тарбияи интизоми бошууронаи талабагонро худтарбиякунӣ ва азнавтарбиякунӣ тақвият медиҳад.

Дар охир, ҳар як шахс бояд доимо дар ёд дошта бошад, ки касе неку бад кунад, ба худаш кунад, зеро неку бад чун косаи давр чархзанон аст [3-М].

Танҳо бо амалигардии ин омилҳо ва доро будан ба чунин сифатҳо мо метавонем шахсиятеро, ки аз худу асли худ ва рисолати худ назди ватану ҷомеа огоҳ аст, дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия намоем.

Танҳо бо мусоҳиба дар мавзуъҳои ахлоқӣ шаҳрвандро тарбия кардан номумкин аст, гарчанде он хуб омода карда шуда бошад. Саёҳатҳои бемақсад низ натиҷаи хуб намедиҳанд, онҳо танҳо фароғати хуб ташкилшуда мегарданд. Ҳатто вохӯриҳо бо собиқадорони ҷангу меҳнат, меҳнаткашон натиҷаҳои чашмдорро намедиҳанду вохӯриҳои нокифоя тайёркардашуда ба тарбияи наврасон таъсири манфӣ мерасонанд.

Ҳамаи инҳо ба системаи корҳои тарбиявии хонандагон дохил шудаанд, ки барои тарбияи одами баландахлоқ, шаҳрванди ватандӯст асос шуда метавонад. Системанокии кор, қабл аз ҳама, мақсади аниқу муайянро чун натиҷаи интизоршаванда, фаъолият ва вазифаҳоеро, ки ба ноил гаштан ба ин мақсад кумак мерасонанд, дар назар дорад. Агар натиҷаи интиҳоии кор (мақсад)-и тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ташаккули шахсияте бошад, ки дорои сифатҳои дар боло номбаршуда аст, пас, вазифаҳо вобаста ба синну сол, хусусиятҳои психологӣ-педагогии хонандагон, хусусиятҳои муҳити таълимӣ бояд гуногун бошанд.

Машғулиятҳои беруназсинфиро дар низоми муайян бояд ба роҳ монд. Бо хонандагон корҳоеро ташкил кардан лозим аст, ки онҳо шаҳри худро, ки дар

он таваллуд шудаанд, кишвари худро, ки дар он зиндагӣ мекунанд, мактаби худро, ки дар он мехонанд, дӯст доранд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии даврони муосир дар вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоии бавуҷудомада зарурати рӯоварии ҷавонон ба арзишҳои таърихӣ, миллӣ ва фарҳангӣ, ки халқи мо дар тули зиндагии хеш андӯхтааст ва онро то ба имрӯзҳо сайқал дода овардааст, ба миён омадааст. Тарбияи ватандӯстӣ, ташаккули худогоҳии миллии наврасон, рушди шахсияти онҳо бо ташаккули завқи хонанда ба таърихи кишвару фарҳанг, ба тарбияи шаҳрвандӣ ва ахлоқи ҳамида асос меёбад. Вобаста ба ин мо дар ҷараёни таҳқиқ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Бохтар, ноҳияи Кӯшониён ва ноҳияи Ховалинг корҳои озмоиширо ба сомон расондем.

**Озмоиш шомили давраҳои зерин буд:**

1. Давраи муайянкунӣ, ки шомили омодакунии консепсияи таҳқиқот, барномаи озмоишӣ, нақшаи кор, муайян кардани коллективи хонандагон ва муҳити иҷтимоии онҳо буд. Дар ҷараёни корҳои методӣ ва илмӣ, таҳқиқоти рисолавӣ роҷеъ ба тарбияи ватандӯстии шогирдони синфҳои болоӣ, таҳлили саволномаҳо доир ба дарку фаҳми ватандӯстӣ, таҳлили таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ, осорхонаҳои таърихии мактабҳо, осорхонаҳои кишваршиносии вилояти Хатлон, бавежа дар Боғ-осорхонаи таърихиву кишваршиносии Восеъ, Осорхонаи таърихиву кишваршиносии вилоятии ба номи *«Авасто»* доир карда шуд.

2. Дар давраи озмоишӣ коркарди лоиҳаи барномаи мазмундор роҳандозӣ шуда, корҳо бевосита дар дарсҳои таърих дар синфҳои 9-11 амалӣ гашта, маҷмуи тадбирҳо ба кор гирифта шуд. Дар ин давра, аз ҷумла масъалаҳои проблемавӣ ва эҷодӣ ироа шуда, маводи иловагӣ доир ба фаъолияти таърихӣ-кишваршиносӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, таҳия ва ҳимояи маърузаву рефератҳо аз ҷониби хонандагон ба сифати имтиҳони давлатӣ амалӣ карда шуданд, барои шогирдон корҳои ҷустуҷӯйи кишваршиносӣ созмон дода шуд, барои омӯзгорони фанҳои гуманитарӣ

бошад, семинарҳо доир карда шуд, меъёрҳои боровари тарбияи ватандӯстӣ чун сифати шахсияти хонандагони синфҳои болоӣ дар шароити фаъолияти ҳадафноки таърихӣ-кишваршиносӣ таҷдиди назар карда шуд.

3. Дар давраи тасдиқу тайиди озмоиш татбиқи фаъолияти амалӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ аз рӯйи мавзуи таҳқиқотӣ идома ёфт, барномаи дорои мазмуни тарбияи ватандӯстӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ тавассути кишваршиносӣ дар мактабҳои озмоишӣ тасдиқ гардид.

4. Давраи системасозӣ шомили таҳлили корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, доир кардани таҳқиқотҳо доир ба ошкор намудани тағйирот дар тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои ҳосилшуда тавсиф гардид.

Дар кори илмии хеш мо ба консепсияи умумии ҷаҳонбинӣ, ки аз тарафи муҳаққиқони соҳа ироа карда шудааст, такя намудем. Дар рафти таҳқиқот мо таваҷҷуҳи асосиро ба ҷараёни таълимӣ ва тарбиявӣ дар дарсҳои таърих, фаъолияти фориғаздарсии осорхонаҳои мактабӣ равона сохтем. Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ доир ба тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути фаъолияти таърихӣ-кишваршиносӣ, ба андешаи мо, муштарак бо инкишофи ҷаҳонбинии гуманистии мактаббачагон боястӣ таҳаққуқ пайдо кунад.

Ба сифати меъёрҳои асосии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ дар дарсҳои таърих ва дар фаъолияти фориғаздарсии кишваршиносӣ мо аз унсурҳои зерин истифода намудем:

– ҳаракати тағйирот дар муносибати хонандагони синфҳои болоӣ ба мафҳумҳои Ватан, хонавода, инсон, фарҳанги миллӣ, ахлоқ, шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ. Ин низоми муносибатҳо тавассути ҷавобҳои шифоҳӣ дар дарсҳо, имтиҳонҳо, маърузаҳо, иншоҳо ва рефератҳо, ҳангоми доир кардани супоришҳои тестӣ ва пур кардани саволномаҳо мавриди санҷиш қарор дода шуданд;

– инкишофи фаъолнокии индивидуалии хонандагони синфҳои болоӣ, ҳимояи фикру андешаҳои шахсии худ;

– ҷараёни инкишофи ҷалби воқеии хонандагон ба намудҳои гуногуни фаъолияти маърифатӣ ва ҷамъиятӣ (корҳои сайёҳӣ-кишваршиносӣ ва ҷустуҷӯӣ, иштирок дар чорабиниҳо доир ба нигоҳдорӣ ва ҳифзи мероси фарҳангӣ-таърихӣ). Ин дар навбати худ, дар хонандагон мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ, дар ҳамбастагӣ бо сарнавишти мамлакати худро ташаккул медиҳад.




**Расми 12. – Амсилаи коркарди барномаи тарбияи ватандӯстӣ**

Давраи ташаккули озмоиш дар асоси синфҳои 9-11 дар якчанд осорхонаҳои мактабӣ, таърихӣ-кишваршиносӣ солҳои 2018-2024 гузаронида шуд. Озмоиш бо ёрии рӯзномаҳои омӯзгори озмоишгар, мушоҳида ва таҳлили дарсҳо дар синфҳои озмоишӣ ва санҷишӣ, тестиронӣ, анкетаронӣ, суҳбат бо хонандагон, мубоҳисаҳо, таҳлили иншоҳо, рефератҳо ва ҷавобҳои шифоҳии хонандагон амалӣ гардид.

Худи муҳаққиқон дарсҳои озмоиширо дар як қатор муассисаҳо, дар

осорхонаҳои таърихию кишваршиносии мактабӣ гузаронианд, то ин ки дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ методҳои коркардшуда санҷида шаванд, бо мақсади ислоҳи минбаъдаи коркардҳои методӣ аз рӯйи мавзуъ дар онҳо ҳам тарафҳои мусбӣ ва ҳам тарафҳои манфӣ ошкор карда шавад. Дар асоси таҳқиқотҳои гузаронидашуда ва қайдҳои баъзе муаллимон, ки дар озмоиш иштирок доштанд, маводҳои алоҳидаи озмоишӣ қисман тағйир дода ва пурра карда шуданд.

Ба ин маводҳо тестҳо, мавзуи рефератҳо, коркардҳои методии баъзе дарсҳо мансубанд. Бо мақсади саҳеҳияти бештари натиҷаҳои ҳосилшуда таҳқиқот дар ду гурӯҳи хонандагон гузаронида шуд: дар синфҳои озмоишӣ ва синфҳои назоратӣ.

Барои корҳои таҳқиқотӣ мо синфҳоеро интихоб намудем, ки хонандагон азхудкунии тақрибан баробарро доранд, аз ҷиҳати иҷтимоӣ монанданд, мутахассисони баландихтисоси онҳо мушобеҳанд. Хонандагони синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ дар шароити якхела қарор доштанд, аз рӯи китобҳои якхела таълим гирифтанд.

Миқдори соатҳо ва пайдарпайии омӯзиши маводҳо якхела буданд. Ҳангоми гузаронидани озмоиш интихоби нишондиҳандаҳои рушди ватандӯстӣ ва методҳои ташхиси объективӣ мушкил буд.

Ба муносибатҳои муосир ба масъалаи арзёбии самаранокии таълими мактабии фанни таърих, инчунин хусусиятҳои хоси озмоиши гузаронидаамон такя намуда, дараҷаи ташаккули ақидаҳои ахлоқӣ-ватандӯстӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ ва тавсифоти инфиродии шахсияти ҳар як хонандаро, ки мазмуни дохилии онро дар бар мегиранду дар мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ ифода меёбад, ба сифати нишондиҳандаҳои асосӣ ҷудо намудем.

Барои ошкор кардани рушди арзишҳои ахлоқӣ ва ҷаҳонбинии гуманистии хонандагон маҷмуи калони тесту анкетаҳо корбурд гардид ва он ба муайян кардани дараҷаи рушди хусусиятҳои шахсиятии хонандагони синфҳои болоӣ имкон дод. Омӯзиши мактаббачагон якчанд давраи

гузаронидани мониторингро дар назар дошт: ибтидоӣ (синфҳои 9), фосилавӣ (синфҳои 10), интиҳоӣ (синфҳои 11).

Давраи қаблӣ барои он интихоб гардид, ки ҷараёни рушди ҷанбаи тарбиявӣ дар марҳилаи ба роҳ мондани фаъолияти мустақилонаи таълимӣ пайгирӣ шавад. Вақте ки дар таълим технологияҳои худро истифода намекардем, натиҷаҳои онро нуқтаи сарҳисоб интихоб намудем.

Давраи ибтидоӣ бо муайян кардан ва омехтани сатҳи тарбияи ватандӯстӣ, инчунин ташхиси сабабҳои ташаккулнаёфтаи он алоқаманд буд. Мушоҳида аз рӯйи фаъолияти хонандагони синфҳои болоӣ дар рафти озмоиши тасдиққунанда сабабҳои зеринро ошкор намуд:

– инкишофи нокифояи тафаккури шахсии хонандагон, инкишофи сусти дарки эҳсосотӣ-объективии илмии таърих дар умум ва ҳодисаҳои таърихӣ, ки аксаран бо мавҷуд набудани донишҳои ситеманоки илмӣ ифода меёбад;

– андешаву мулоҳизаҳои сатҳӣ дар аксари хонандагон доир ба масъалаҳои таърихии гузашта ва имрӯза;

– омодагии нопурра ба таҳлили масоили иҷтимоидошта (мушкилот дар муошират, зуҳуроти худпарастӣ дар шаклҳои гуногун, бадмуомилагии зоҳирӣ ва пинҳонӣ дар муносибат бо ҳамсолону калонсолон).

Ҳамаи ин сабабҳоро ҳангоми ташкили намудҳои гуногуни фаъолият оид ба тарбияи ватандӯстӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ, дар фаъолияти дарсӣ ва ғайритаълимӣ ба ҳисоб гирифтан лозим буд.

## 2.2. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ оид ба тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ бо истифода аз усулҳои таърихи кишваршиносӣ

Бо масъалаи тарбияи ватандӯстӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ тавассути кишваршиносӣ машғул шуда, як қатор ҷанбаҳои ба ақидаи мо муҳимро ҷудо намудем, ки дар ҷараёни таҳқиқот омили асосӣ буда, дар тули якчанд сол ташхисро бо дар назардошти мавзуи кори мазкур идома додем. Муносибати синфҳои болоӣ ба арзишҳои моддӣ ва маънавӣ, аз тарафи онҳо

дарки чунин мафҳумҳо мисли сулҳу амният дар рӯйи замин, ҳаёти инсон, ватан, кишвар, хонаи падарӣ, табиати атроф, дӯстии халқҳо, ватандӯстӣ, маданияти халқ, маориф, илм, таърихи ҷомеа чун арзиши миллӣ, оила, дин, шарафу виҷдони шахс ва монанди инҳо яке аз ҷузъҳои асосии кори таҳқиқ буд. Ба таври ҷудогона муносибати бачаҳо ба ҳунар (рафтан ба театр, осорхонаҳо, кинотеатрҳо, майлу рағбати онҳо ба мусиқӣ, рассомӣ, меъморӣ, адабиёт, синамо, муносибати онҳо ба асари санъат) мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Хонандагон имкон доштанд, ки фикру андешаҳо ва тасаввуроти хешро ба таври мустақилона ифода кунанд. Маводи таҳқиқоти иҷтимоӣ-педагогӣ (анкетаронӣ, тестиронӣ, мубоҳиса, мусоҳиба, рефератҳои хонандагон ва амсоли инҳо)-ро омӯхта, омӯзгорон-муҳаққиқон натанҳо дараҷаи андешаву тасаввурот, тамоюлҳои арзишноки хонандагонро дар давраи муқарраркунандаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ таҳлил намуданд, балки онҳоро ҳангоми омӯзиши тағйирот дар буриши такрории мониторингӣ дар ҷараёни озмоиши ташаккулдиҳанда чун асос қабул карданд .

Дар рафти гузаронидани давраи ибтидоии корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар синфҳои назоратӣ ва озмоишии МТМУ №6, №9, №10, №12-шаҳри Қӯрғонтеппа ва МТМУ №20 ноҳияи Бохтар, МТМУ №12, №2, №3-и ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон ба хонандагони синфҳои болоӣ ду намуди анкета пешниҳод гардида буд, ки баъзе натиҷаҳои онҳоро ҳоло таҳлил менамоем. Намуди аввал номи умумӣ дошт: *«Барои шумо дар ҳаёт аз ҳама чизи аҳамиятнок чист?»*.

Таҳлили ҷавобҳо дар синфҳои назоратӣ имкон дод, дар бораи ақидаву тасаввуроти ҳаётии хонандагон, дарки ватандӯстиву шаҳрвандии онҳо маълумот гирем. Ба натоиҷи пурсиши қаблан анҷомдода такя намуда, гуфтан ҷоиз аст, ки 31% муҳаббат ба Ватан, 27% муносибати эҳтиёткорона ба табиат 26% муносибати мусбии арзишнок ба таърихи мамлакат, ва 16% эҳтиром ба собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватаниро интихоб намуданд, (расми 13).




**Расми 13. – Диаграммаи натиҷаҳои анкетаронӣ**

Онҳоеро, ки пурсидем, шаҳрвандиро ба тариқи зайл мефаҳманд: масъулият дар баробари атфол 30%, зинда намудани арзишҳои маънавӣ 29%, саъю талош нисбат ба бунёди оилаи хуб 21%, эҳсоси вазоиф дар назди Ватан 20%, (расми 14).




**Расми 14. – Диаграммаи натиҷаҳои пурсидашудагон-шаҳрвандон**

Шогирдони синфҳои болоӣ ҳадафу мақсад доранд, ки боварихои ахлоқии хешро амалан ба кор бигиранд, сарфи назар аз он ки мутобиқ ба

натоиҷ дарсади онҳо он қадар ҳам баланд нест. Дар ин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки хонандагон дар бораи чунин унсури ватандӯстӣ, ба монанди фарҳанги кишвар 24 % ишора карданд, ки ин нигаронкунанда мебошад.

Аз назарсанҷӣ бармеояд, ки шогирдон перомуни шаҳрвандӣ иттилои бештаре доранд. Дарсади ками шогирдон ба ин ё он шакли шарҳу тафсири ватандӯстӣ мувофиқанд ва ризоияти худро эълон медоранд. Шогирдон бар ин боваранд, ки ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ дар мазмуни таҳсилот инъикоси хешро дарёфт мекунад: 52% – оре, 18% – на, дар айни замон онҳо бар ин боваранд, ки бахшҳои мазкури тарбия дар корҳои фориғаздарсӣ бо дарсадҳои зерин: 47% – оре , 22% – на инъикос мешаванд.

Наздик ба нисфи онҳое, ки пурсида шуданд, яъне 47 % бар ин боваранд, ки ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ дар барномаҳои телевизионӣ камтар ба назар мерасанд, ё агар бошанд ҳам, сатҳи онҳо хеле паст аст, яъне он барномаҳое, ки мавҷуданд, сатҳи баланд надоранд ва барои бедор шудани ин қабил эҳсосҳо камтар кумак мерасонанд. Агар ба ин қазия аз зовияи дигар чашм андозем, ин аст, ки ин барномаҳоро бояд ашхоси ҳирфаӣ бо масъулияти баланд ва таҷрибаи кофии дарки ин масъала роҳандозӣ намоянд, ба таври дигар карда гӯем, онҳое, ки чунин барномаҳоро дар телевизион роҳандозӣ мекунанд, худ бояд ватанпарасти ҳақиқӣ ва поктинат бошанд ва гуфторашон бар амалашон боястӣ яксон бошад. Ногуфта намонад, ки наздик ба 37 % - и онҳо бар ин боваранд, ки ин масоил дар барномаҳои радио инъикоси бештаре доранд (расми 15).




**Расми 15. – Диаграммаи натиҷаҳои пурсиш**

Зимни насарсанҷӣ мо як нуктаро бармало эҳсос кардем, ки тарафдорони андешаи ба дигар кишварҳо сафар карда, дар он ҷо барои зиндагии доимӣ маскан гузидан хеле кам буд. Танҳо 5% - и онҳо изҳор доштанд, ки агар имкон медоштанд, Ватанро якумрӣ тарк мекарданд ва макони дигареро барои зиндагӣ интихоб мекарданд. 6% бошад, аслан майли тарк кардани Ватани хешро надоранд. 50% шогирдон хоҳиш доранд, ки тахти шароитҳои хуб дар хориҷи кишвар таҳсил карда, бо диплом ва тахассуси хуб ба Ватан баргарданд. 52% шогирдон боздид аз кишварҳои хориҷиро ба ҳайси сайёҳ мепазиранд.

Натиҷаҳои назарсанҷӣ ҷолиб мебошанд. Мо зимни кори хеш синфҳои назоратиро аз синфҳои озмоишӣ аз ҳам ҷудо накардем, то ки дар пойгоҳи ҳар дуи ин муассисаҳо шароити муштарак эҷод кунем.

Муайян намудем, ки ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №10 ва №12-и шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) системаи корҳои кишваршиносӣ ба вуҷуд омад. Ба он худи ҷузъи кишваршиносӣ *«Таърихи кишвари мо»*, ҷузъи кишваршиносӣ дар дарсҳои таърих ва ҷомеашиносӣ ва ҷузъи кишваршиносӣ дар корҳои беруназсинфӣ дохил гардид.

Ба машғулиятҳои факултативӣ курси *«Таърихи кишвари мо»* дохил

карда шуд. Ин курс мактаббачагонро бо бостоншиносии мамлакат, таърихи ташкили давлати миллӣ, рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва амсоли инҳо шинос менамояд. Ин курс имкон медиҳад, ки хонандагон ба таърихи мамлакати хеш бештар ошно шуда, онро дӯст дошта ҳифз намоянд.

Курси мазкур бо *«Таърихи шаҳри Душанбе»* такмил мешавад. Вазифаи асосии он дар хонандагон бедор намудан ҳисси меҳру муҳбат ба шаҳри азизамон Душанбе, ки имрӯз ба хонаи умеди тамоми тоҷикони ҷаҳон табдил ёфтааст, мебошад. Ин шаҳрро мо дар ҳақиқат дӯст медорем ва солҳои охир он боз зеботару қашангтар шудааст. Биноҳои баландошёна, порку боғҳои фароғатии гулпӯш Душанберо ба як шаҳри муосири мегаполис табдил додаанд. Имрӯзҳо сокинони Душанбе аз сокини Душанбе будани хеш ифтихор мекунанд, ки воқеан меарзад. Омӯзгоронро лозим аст, ки хонандагонро барои сайругашт ба кӯчаҳои зебои Душанбе баранд ва аз таърихи гузаштаву имрӯзаи он ҳикоят кунанд. Ҳар кӯчаи Душанбе, ҳар як бинои он баёнгари таърихи рангини начандон дури тоҷикон мебошад. Дар ин шаҳр дар гузаштаи начандон дур устод Садриддин Айнӣ, поягузори адабиёти муосири тоҷик кору зиндагӣ намудааст ва мақбараи эшон низ дар ҳамин шаҳр қарор дорад. Шахсиятҳое, ба мисли Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзода, ки дар таърихи навини тоҷикон қаҳрамониҳои зиёде кардаанд, дар ҳамин шаҳр умр ба сар бурда, макони охирати худро ёфтаанд. Мазори Лучоб - оромгоҳи бузургони миллат баёнгари таърихи фарзонафарзандони миллат мебошад.

Мо барои хонандагони синфҳои болоӣ бояд аз тамоми имконоту зарфиятҳои кишвари хеш истифода намуда, ҳисси ватандӯстӣ ва меҳанпарастиро дар онҳо талқин кунем, ки ин хеле муҳим аст. Ватан барои ҳар як инсон гуворо аст ва донистани таърихи он гуворотар мебошад ва меҳри инсонро ба ин марзу бум бештар карда, фахри ӯро зиёд мекунад.

*«Таърихи мамлакат»* аз таърихи манотиқи ҷудогона ташаккул меёбад, аз ин рӯ, истифодаи маводи кишваршиносӣ дар дарсҳои таърих зарур ва аз назари педагогӣ асоснок мебошад. Масалан, мавзуъҳои *«Душанбе - дирӯзу*

*имрӯз», «Сохтмонҳои нави шаҳри мо», «Собиқадорони ҷангу меҳат дар кишвари мо»* бо маводи кишваршиносӣ такмил мешаванд [55, С. 976]. Хонандагон асноду мадорик ва маводи гӯшаи кишваршиносиро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода, аз натиҷаи корҳои дар ин самт басомон расонидаи хеш ахбору гузориш ироа мекунанд.

Зимни омӯхтани мавзуи *«Ҷанги Бузурги Ватанӣ»* хонандагон перомуни сарбозони шуҷоъ ва далери Ватан гузоришҳо омода карда, онҳоро дар дарсҳои фанни таърих ва дигар фанҳо пешкаши хонандагон мекунанд.

Ҳангоми омӯзиши мавзуъҳо доир ба таърихи тамаддуни Тоҷикистон мо аз маводи маҳаллӣ истифода кардан ба мақсад мувофиқ аст. Зимни баррасии мавзуъҳо умумияту ягонагии тамаддуну фарҳанги Тоҷикистон ошкор мегардад.

Мактаби муосир вазифадор аст, ки рушди ҳаматарафаи шахсиятро амалӣ гардонад, ҳамзамон, дар он маҳз тарбия мавқеи муҳимро дорад. Чорабиниҳои беруназсинфие, ки ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшида шудаанд, маводи беҳтарин дар тарбияи муҳаббат ба ватан маҳсуб мешаванд.

**Мавзуи машғулият «Қаҳрамонӣ чист?».**

Маводи зерин аз ҷараёни машғулият дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12-и шаҳри Қурғонтеппа (ҳозира Бохтар) гирдоварӣ шудааст:

**Ҳадаф аз баргузории чорабинии фориғаздарсӣ :**

- нигоҳи аниқу дақиқ ба таърихи Ҷанги Бузурги Ватанӣ
- ифодаи меҳру муҳаббат нисбат ба афроду ашхосе, ки сулҳу оштӣ ва хушбахтиро дар рӯйи замин пойдор намудаанд.

Ҳадафи асосии шиносоӣ бо қаҳрамонон: Ҳамаро ном ба ном ба хотир меорем. Бо ғаму андуҳ ба хотир меорем. Ин барои мурдаҳо не, балки барои зиндаҳо лозим аст! Фаромӯш накунед, ин барои зиндаҳо лозим аст, то ин қабил ҷангҳо такрор наёбанд!

Дар ин ҷанг аз Ватани маҳбуби мо 291,000 нафар тоҷикистониён ширкат варзида, 54 нафари онҳо мушарраф ба дарёфти унвони Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ шудаанд. Дар ин ҷанг бештар аз 100 ҳазор тоҷикистониён ҷони худро

бохтанд ва дар ҳоли ҳозир дар байни мо камтар аз 100 нафар иштирокчиёни ин ҷанг зинда мондаанду халос.

Дар ин вақт омӯзгор хонандагонро бо кору пайкори ин размандагони роҳи озодӣ шинос менамояд. Омӯзгор нақл мекунад, ки дар ҷангҳои назди Курск сарбозони зиёде аз Тоҷикистон ширкат варзиданд ва қурбон шуданд. Яке аз ин қаҳрамонон Исмоил Ҳамзаалиев буд. Сарфи назар аз он ки ӯ дар муҳорибаҳо сахт ярадор шуда буд, батареяи ӯ ҷангро алайҳи душман идома медод. Батареяи Исмоил Ҳамзаалиев дар ин муҳориба ба душман хисороти зиёд ворид кард.

Дигар сарбози шуҷои Ватан - Ҳодӣ Кенҷаев бо яроқи зиддитанкии хеш чор адад танки миёна ва чор адад танки *«Паланг»*-и вазнинро нобуд кард.

Бо фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС ба Ҳодӣ Кенҷаев ва Исмоил Ҳамзаалиев унвони Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ дода шуд. Онҳо аввалин шаҳрвандони тоҷике буданд, ки соҳиби ин унвони баланд шуданд.

Дар муҳорибаҳои гуногун намояндагони Тоҷикистон ширкат намуда, аз худ қаҳрамонӣ нишон додаанд. Дар байни онҳо Искандаров, Пиров, Ҷалилов, Муҳаббатов, Обидов, Юсупов ва монанди инҳо будаанд.

Мо наврасон ва ҷавононро лозим аст, ки қаҳрамониҳои гузаштагони хешро фаромӯш накунем ва аз кору пайкори онҳо ибрат гирем. Муҳаққиқон бар ин ақидаанд, ки чунин ҷанг дар таърихи инсоният назир надоштааст. Чунки қисмати бештари давлатҳои дунё дар ин ҷанг мустақим ва ё ғайримустақим ширкат намудаанд ва дар кулл, дар тамоми дунё бештар аз 50 мииллион одамон аз тамоми давлатҳои дунё низомӣ ва ғайринизомӣ талаф шуданд. Шоҳидони ҳол ҳикоят мекунанд, ки ин ҷанг бо ваҳшонияти хеш низ дар таърихи инсоният бесобиқа мебошад. Фашистон давлатҳоеро, ки забт намуда буданд, ба харобазор табдил дода, одамони онҳоро бо роҳҳои хеле ваҳшиёна ба қатл мерасонданд. 6 миллион яҳудиён ба роҳҳои гуногун ба қатл расонида шудаанд, ки ин ҳодиса бо номи «халакост», яъне қатли ом маъруф аст.

Эҳсосоте, ки ҳангоми омӯхтани мавод перомуни иштирокчиёни ҷанг

арзи вуҷуд мекунад, қодир ба он аст, ки фикру андешаҳои хонандагонро маргу зиндагӣ ба таври бунёдӣ тағйир диҳад. Баъди шинос шудан бо шеъри Лоиқ Шералӣ *«Ватан»* фикр мекунем, ки дар ҳар як хонанда эҳсоси ватандӯстӣ ва муҳаббат ба ватан боло рафта, ғанӣ мегардад:

*Ватан беҳбудию беҳрӯзии мост,*
*Ватан хушномию фирӯзии мост.*
*Ватан сар мешавад з-огарди деҳқон,*
*Зи «майдо»-ҳои хирманбодгарҳо.*
*Ватан сар мешавад аз бурдаи нон,*
*Ки мо хурдем аз хони падарҳо.*
*Ватан -дилҷамъию озодии мост,*
*Ватан-хушбахтию ободии мост [114, С. 250].*

Ҳамин тариқ, ҳама гуна воситаҳои дар ихтиёри омӯзгор мавҷудбударо истифода карда, бояд ба хонандагон ҳисси ватандӯстӣ, муҳаббатро ба шаҳри худ, хонаводаи худ талқин намуда, аз онҳо шаҳрвандони шоистаи Тоҷикистонро тарбия кунем, дар ғайри ин сурат маълум нест, ки чи ояндае моро интизор аст.

Дар тарбияи ватандӯстӣ ва шаҳрванди хонандагон ҷашне, ки бахшида ба Рӯзи Ғалаба баргузор мегардад, нақши муассир дорад. Мо ба наздикӣ 79-солагии ин санаро бидуни собиқадорон таҷлил мекунем. Пас аз гузашти замоне ҳеҷ нафари собиқадорони ин ҷанг зинда намемонанд. Насли наврасу ҷавон дар бораи ин ҷанг кам медонанд, ва моро лозим меояд, тамоми кӯшишу ғайратро ба харҷ диҳем, ки наслҳоиояндаи мо он ҷангро фаромӯш накунанд, муҳимтар аз ҳама бояд донанд, ки пирӯзӣ дар ин ҷанг бо баҳои ҷони беш аз 27 миллион шаҳрвандони давлати Шуравӣ ба даст омадааст. Имрӯзҳо бошад, баъзе аз кишварҳои Аврупо ва Амрико мехоҳанд натоиҷи он ҷангро бознигарӣ кунанд ва аз ҳама муҳим, пирӯзии мардуми Шуравиро нодида бигиранд.

Барои хонандагони синфҳои болоӣ викторинаи *«Таърихи Ҷанги Бузурги Ватаниро ту медонӣ?»* тартиб дода мешавад. Ин кор дар мактаббачагон

завқи калонеро бедор намуд. Дар викторина мақсадҳои зерин гузошта шуда буданд.

Дар адабиёти муосири тоҷик шеъри Муъмин Қаноат *«Гули бодом»* (1966), ки қаҳрамонони он гӯё як навъ идомадиҳандаи кори Рахши Рустам ва тимсоли он алайҳи неруҳои аҳриманӣ аст, бо услуби махсуси таълифаш фарқ мекунад. Шеър монологи иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дорандаи ордени Суворов, Сайдаҳмад Каримов мебошад, ки бо ин аспаш аз Ховалинг то Берлин роҳ паймудааст ва ҷангидааст. Дар аввал меҳри саршори қаҳрамон ба аспи худ ифода ёфтааст:

*Суми мармар, думи мухпар,*
*Пари кафтар, дави сарсар.*
*Миён дастаи ханҷар,*
*Чи гардан, гардани духтар:*
*Аҷаб хушрӯю бозингар*
*Гули бодом! [114, С. 250]*

Муъмин Қаноат ин шеърро ба хислату сифатҳои асп мутобиқан ба риштаи назм кашида, вазну оҳанг, сохту таркиби шеърро ба ҳаракат ва гашти асп ба бозингариву резачорпоии он мувофиқ овардааст. Гули бодом бори аввал овози тупро дар Волга мешунавад ва сахт меларзад ва шиҳа мекашад: Шиҳаи Гули бодом на аз тарс, балки чун наъраи паҳлавононе буд, ки вориди корзор мегардад. Гули бодом аз Волга то Вислаю Одер роҳ мепаймояд, се баҳору зимистонро зери зин тай мекунад: Гули бодомро шоир чун Рахши дар майдони ҷанг беҳамто ва чун туфон ҳокими саҳро ва шабохунзанандаи душманҳо қаламдод намудааст. М. Қаноат дар банди даҳуми шеър аз макони баромади аспи Гули бодому соҳибаш ёдовар мешавад, ки савора аз аспу асп аз савора далертаранд. Ба сарҳо хашми яздонӣ, вале ба дилҳо меҳри инсонӣ доранд [140, С. 380].

Лаҳзаи марги Гули бодомро низ шоир бо як эҳсосоти баланд руйи қоғаз овардааст: танки аз беша баромада сӯйи Гули бодом оташ кушод ва ӯро якумрӣ аз по фиканд:

*Ҳамин дам танк аз беша*

*Ба ногоҳ рӯбарӯ омад.*

*Кушод оташ, фитодӣ,*

*Хунат аз ҳар тори мӯ омад,*

*Гули бодом.*

*Чу одам гиря кардӣ, чашм пӯшидиву ларзидӣ,*

*Ҷаҳонро лолагун дидию хандидӣ*

*Маро ду пой бибридӣ, Гули бодом [140, С. 380].*

Маросими видои қаҳрамон чун лаҳзаи видои Танабой бо Гулсарӣ хеле ҳаяҷоновар ва дилрешкунанда аст, ки онро хонанда низ бе оби чашм мутолиа карда наметавонад:

*Кушо чашмони бодомӣ,*

*Бубин дар пеш як дарё,*

*Бубин дар пушт як дунё,*

*Бихез аз ҷо, бихез аз ҷо:*

*Намур эй муждаи гулҳо*

*Гули бодом:*

*Кушояд дар Ҳисорат*

*Ин пагоҳи ғунчаи бодом...*

*Видоъ, эй ҷураи хушном:*

*Раҳи ман боз дар пеш аст,*

*Ту доди роҳро анҷом...*

*Гули бодом, Гули бодом [140, С. 380].*

Достони “Гули бодом” ба хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и ноҳияи Ховалинг қироат гардид, ки бевосита зодгоҳи Сайдаҳмад Карим аст. Ҳисси ифтихори милливу ватанпарастии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути маводи маҳал баланд бардошта шуда, дар самти - тарбияи муҳаббат ба Ватан, эҳтироми хотираи ҳалокшудагон барои мардонагӣ, шуҷоат ва устувории онҳо дар мубориза алайҳи фашизм, нишон додани қаҳрамонии бемислу монанди халқ, ба руҳияи хонандагон таъсири

муҳим гузошт.

Сенарияи ироагашта шомили вежагиҳои синнусолии хонандагон буда, сатҳу мизони омодагии иштироккунандагон дар кулл тамоми чорабиниро ба назар гирифта буд. Шакли чорабинии мусиқӣ интихоб гардид ва тули 25-30 дақиқа идома ёфт.

Одам ва табиат низ яке аз проблемаҳои асосӣ ва тезутунди ҳаёти муосир мебошанд. Муҳаббат ба Ватани бузург аз муҳаббат ба *«ватани хурд»* оғоз меёбад. Шаҳре, ки дар он ҳар яки мо зиндагӣ мекунем – кӯча, хона-ҳуҷра арзишҳои муқаддасанд.

Шаҳри Душанбе бо кӯчаҳои сабз, сафеддорони хушқаду қомат, чинорҳои бузург зебост. Ин ҷо хонандагонро бо шеъри Лоиқ Шералӣ *«Душанбе»* шинос намудан лозим аст:

*Дар ту мебинам камоли тоҷиконро,*
*Рӯзгори безаволи тоҷиконро.*
*Чашми кулли тоҷикон суйи ту бошад,*
*Қиблагоҳи тоҷикон кӯи ту бошад.*
*Эй Душанбе,*
*Тахти давлат,*
*Маҳди ваҳдат.*
*Шаҳри нусрат.*
*Ёдгори азму разми тозаи мо!*
*Шуҳрати мо, номи мо, овозаи мо [140, С. 380]!*

Барои хонандагон ғайр аз суҳбат боз ҷамъомади пагоҳирӯзиро гузаронида, дар он дар бораи зебогиҳои табиат, дар бораи зарурати ҳифзи он нақл кардан лозим аст. Чунончи аз зебоиҳои кӯҳсори кишвари худ дар шеъри *«Замини модарӣ»* Бозор Собир ба ваҷд меояд:

*Замини зина-зинаам,*
*Замини бора – бораам.*
*Замини саҷда-саҷдаам,*
*Замини шеървораам.*

*Замини модарии ман,*

*Ватан, Ватан, Ватан, Ватан [140, С. 380].*

Масъалаи таълим, тарбия, омодасозии насли наврас ба шароитҳои нави ҳаётро инсоният аз давраҳои қадим меомӯзад. Дар рафти таҳқиқоти мероси педагогикаи халқӣ ва нобиғагони миллат мо як нуктаро мушаххас намудем, ки он нобиғагон бештар ба ҷанбаи фикрӣ ва отифии масъала таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Дар ҳамин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки худопарастӣ ва ба маънавият андеша кардани гузаштагони мо онҳоро то андозае аз масоили рӯзмарра дур намудааст. Мутафаккирони бузург мефаҳмиданд, ки дониш аслиҳаи тафаккур, натиҷаи азхудкунии мақсадноки фактҳо, қонунҳо ва дарки илмӣ мебошад, ки дар онҳо қонуниятҳои инкишофи табиат ва ҷомеа инъикос ёфтаанд.

Ба қавли Одамушшуаро Рӯдакӣ, *«Дониш андар дил чароғи равшан аст»*. Инсони идеалии ҳамаи мутафаккирон, пеш аз ҳама, шахси бохирад буд. Фирдавсӣ қайд карда буд, ки *«Ақл роҳнамои инсон аст»*.

Хазинаи педагогии Шарқ бо фикрҳои аҷиб дар бораи аҳамияти дониш дар ҳаёти инсон, дар бораи васеъсозии мунтазами он дар амал пур аст.

Пандҳои мутафаккирони бузург дар бораи он ки *«Донишро системанок пурраву такмил додан лозим аст»* дар замони мо, дар такмилу омодагии муаллимони оянда мавриди истифода бояд қарор гирад.

Омӯзиши мероси бойи ғоявӣ ва педагогии мутафаккирони асримиёнагии Шарқ ба ташаккули тарбия ва таълими насли наврас таъсири калон мерасонад.

Шоирон, нависандагон, педагогҳо, файласуфон ва дигар олимон ғояҳои инсондӯстонаи гузаштагони худро идома доданд. Ғояҳои демократиро дар соҳаи таълиму тарбия ифода намуда, онҳо ба манфиатҳои замони худ хизмат кардаанд.

Ин ҷо зикр кардан ба маврид аст, ки дар замони Шуравӣ низ дастандаркорон ба масоили тарбияи ватандӯстӣ ва байналмилалӣ рӯ овардаанд ва барои амалӣ намудани он тамоми дастгоҳи пурқудрати давлати

абарқудрати шуравӣ ҷалб шуда буд, аммо он тарбия вежагиҳои худро дошт, яъне он бештар ҷанбаи идеологӣ дошт ва дар чаҳорчӯбаи таълимоти марксистӣ - ленинӣ пиёда мешуд. Ин ҷо бояд иқрор шуд, ки он низому дастгоҳ дар кори хеш то андозае муваффақ буданд, аммо душманони сохти шуравӣ тавонистанд, ки дар лобалои он шаклҳои тарбия унсурҳои хешро ҷой дода, онро аз дохил хароб кунанд ва мо ҳамагон медонем, ки дар натиҷа кори тарбия ва умуман, тамоми корҳо дар самтҳои дигар заиф гашта, оқибат ба парокандашавии давлати абарқудрати Шуравӣ анҷомид.

Мо дар тадқиқоти хеш ба натиҷае расидем, ки низоми маорифро лозим аст, ба тарбияи шаҳрвандӣ, ки бахше аз тарбияи ватандӯстӣ маҳсуб меёбад, таваҷҷуҳи лозим зоҳир намояд.

Дар бораи ватандӯстӣ ҳоло шахсони эътиқоди гуногундошта асосан хайрхоҳона мегӯянд: Ватандӯстро тарбия бояд кард, дар бораи шуури ватандӯстӣ фикр бояд кард, чунки масъалаи ватандӯстӣ то ҳол актуалӣ (муҳим) мебошад. Ин маънӣ дар ҳуҷҷати асосгузорандаи давлатӣ *«Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»* инъикоси худро ёфтааст. Дар он супоришоти иҷтимоии давлат аниқ муайян карда шудааст: *«Тарбияи инсони маълумотнок, хушахлоқ, ки дар ҳолати интихобнамоӣ қарор қабул карда метавонаду қобил аст, ки ватанро дӯст дораду ҳифз намояд ва дар назди мардум масъулиятро ҳис кунад»* [169].

Тарбияи инсон мисли худи инсон таърихи куҳан дорад. Вале дар тафовут аз наслҳои гузашта мо мефаҳмем, ки тарбияи ҷавонон дар асоси илмӣ бояд ба роҳ монда шавад, зеро ки шахси ҷавон фардест, ки аз рӯи қонунҳои муайяни дар наздаш гузошташудаи замони худ рушд мёбад.

Ҳайати омӯзгорону пажӯҳишгарон дар машғулиятҳои дарсӣ ва машғулиятҳои фориғаздарсӣ, дар иттиҳодияҳои методии омӯзгорон, ҳалли масъалаҳои тарбиявӣ-маърифатиеро, ки дар назди ҷомеаи мо доир ба рушди тарбияи миллӣ ва шаҳрвандӣ-ватандӯстии мактаббачагон гузашта мешаванд, мавриди омӯзишу баррасӣ қарор медиҳанд. Мо дар пеши худ ҳадафи муайян намудани шаклҳои аз ҳама дида борвари корҳои тарбияи ватандӯстиро

гузошта,  дар асоси он коркарди барномаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоиро дар фаъолияти таърихӣ-кишваршиносӣ гузоштем ва барои ин дар мактабҳои озмоишӣ таҳқиқотҳои ташхисӣ доир кардем.

Пас аз доир кардани марҳилаи навбатии кори озмоишӣ мо дар синфҳои озмоишӣ ва назоратии хеш *«буриш»*-и иловагии мониторингиро ба даст овардем.

Омӯзиши ҷавобҳои таҳқиқоти мониторингӣ дар синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ ба гирифтани маълумот дар бораи тасаввуроту ақидаҳои ҳаётии хонандагон ва дарки ватандӯстию шаҳрвандӣ аз ҷониби онҳо имкон дод. Анкетаронӣ оид ба ошкор намудани ҳаракати рушди ҷаҳонбинӣ ва ватандӯстӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ дар давоми солҳои 2008-2010 дар мактабҳои миёнаи №6, №9, №10, №12 - и шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳозир Бохтар) №1,20 - и ноҳияи Бохтар (ҳозира Кушониён), №12, №2, №3 - и ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон гузаронида шуд ва дар он беш аз 100 нафар хонанда иштирок намуд.

Дар асоси натиҷаҳои таҳлили анкетаронӣ ва суҳбат бо хонандагон хулоса баровардан мумкин аст, ки зери мафҳуми ватандӯстӣ хонандагони синфҳои озмоишӣ, пеш аз ҳама, муҳаббат ба ватани худро мефаҳманд: 42% хонандагон дар марҳилаи тасдиққунанда, 86% дар марҳилаи ташаккулдиҳанда; дар бораи муносибати эҳтиёткорона ба табиати кишвари худ мутаносибан 67% гуфтаанд; дар бораи эҳтироми собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ибтидо 28% фикри худро баён намуданду дар марҳилаи ташаккулдиҳанда 79%; дар муносибати мусбии арзишнок ба таърихи мамлакат 72%; дар бораи омода будан ба ҳимояи истиқлолияти Ватан дар ибтидо 14% ва дар марҳилаи дуюм 39% гуфтаанд, аммо ин нишондиҳандаро қаноатбахш ҳисобидан мумкин нест.




**Расми 16. – Диаграммаи ташаккулёбии рушди фаҳмиши хонандагон**

Муқоисаи натиҷаҳои анкетаронӣ дар байни хонандагони синфҳои болоӣ дар маҷмуъ нишон дод, ки ҳаракати пайдарпай ва мусбии инкишофи ақоиди ватандӯстӣ дар марҳилаҳои гуногуни озмоиш имконпазир аст. Баъд аз чорабиниҳои гузаронидашудаи озмоишӣ дар ҷавобҳои хаттӣ, суҳбатҳои хонандагони синфҳои болоӣ дар дарки моҳияти ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ мунтазам рушди муайян ба вуқӯъ омад. Паҳни саволнома дар синфҳои назоратӣ тағйироти назаррасро дар асосу пояи тарбияи ватандӯстӣ нишон надод. Дар кулл, метавон гуфт, ки дар синфҳои назоратӣ ҳаракати мусбӣ ба назар мерасад.

Проблемаи баҳодиҳии тарбияи ватандӯстиро ба шумор гирифта, мо аз ҷониби хеш баъзе меъёру нишондиҳандаҳои самароварии тарбияи ватандӯстиро дар синфҳои болоӣ дар ҷараёни фаъолияти таърихӣ-кишваршиносӣ ошкор ва асоснок намудем (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. – Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои самаронокии тарбияи ватандӯстӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ тавассути кишваршиносӣ**

| Меъёрҳо | Нишондиҳандаҳо |
|---|---|
| **Сатҳи донишҳои илмӣ ва таърихӣ-кишваршиносӣ** | Бо далелнокии хулосаҳои хонандагон, имкониятҳои хулосабарории хеш дар асоси маводҳои таълимӣ ва иловагӣ муайян гашт; чараёни дарку азхудкунии донишҳои таърихӣ-кишваршиносӣ дар дарсҳои таърих (дар ҷавобҳо, мубоҳисаҳои проблемавӣ) дар машғулиятҳо аз рӯи Барнома, маърузаҳо, рефератҳо, фаъолияти беруназдарсӣ ва беруназмактабии осорхонагӣ, факултативӣ ошкор шуд; ҳаҷм ва сифати донишҳои азхудкардаи хонандагони синфҳои болоӣ қайди худро ёфт; тамоюлҳои мусбӣ дар гирифтани донишҳои нави таърихӣ ва бартарафсозии ихтилофот дар дарки масъалаҳои муҳимтарини таърих ошкор карда шуд. |
| **Сатҳи ақидаву эътиқодоти ватандӯстӣ** | Арзёбии хулосавии ҷаҳонбиниву шахсияти таърихии факту ҳодисаҳо, зуҳурот, назари бошууронаи хонандагон ба муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки соҳаи зеҳнӣ, ахлоқӣ, эҳсосотии шахсиятро инъикос менамояд ва ташаккули эътиқодотро, ки бо донишҳои амиқи илмӣ ва баҳодиҳии шахсии хонанда ба воқеияти атроф асос меёбад, дар бар мегирад. |
| **Сатҳи ҳавасмандии фаъолият** | Бо талабот ва омодагӣ ба татбиқи корҳои ватандӯстӣ (дар маҳфилҳои кишваршиносӣ, ҷустуҷӯи маводҳои ҳуҷҷатӣ, корҳои ҷамъиятӣ дар сенсияҳо, осорхонаҳои мактабӣ, дар ҳифзи табиат ва ёдгориҳои таърихӣ) дар амал муайян гардид. |

*Коркарди муаллиф аз натиҷаи кори таҳқиқӣ дар МТМУ солҳои 2008-2024.*

Тарбияи ватандӯстӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ дар ҷараёни фаъолияти таърихӣ-кишваршиносӣ бо мақсади гузариши пайдарпай аз фаъолияти тавлидкунанда ба ташаккулдиҳанда, эҷодӣ, таҳқиқотӣ, амалӣ гардид (дар ҷадвали 2 инъикос ёфтааст).

**Ҷадвали 2. – Дараҷаи дониши илмии таърихӣ-кишваршиносии хонандагони синфҳои болоӣ (гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ)**

| | Гурӯҳи озмоишӣ (87 нафар) | | | Гурӯҳи назоратӣ (91 нафар) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | То озмоиш | Ташхиси таҷриба | Таҷрибаи ташаккулдиҳанда | I марҳила | II марҳила | III марҳила |
| Сатҳи паст | 41,4% | 24,1% | 13,8% | 44% | 36,2% | 29,7% |
| Сатҳи миёна | 35,6% | 43,7% | 49,4% | 31,9% | 35,2% | 32,9% |
| Сатҳи баланд | 23% | 32,2% | 36,8% | 24,1% | 28,6% | 37,4% |




**Расми 17. – Диаграммаи сатҳи афкори ватандӯстӣ ва эътиқод, гурӯҳи озмоишӣ (87 нафар)**




**Расми 18. – Диаграммаи сатҳи ҳавасмандгардонии синфҳои болоӣ, гурӯҳи назоратӣ (91 нафар)**

Дар машғулиятҳо ва корҳои эҷодии хонандагон мо кӯшиш кардем, ки на танҳо ҳаҷм ва сифати донишҳои аниқи азхудкардаи хонандагони синфҳои болоиро қайд намоем, балки маводи гирифташудаеро таҳлил намуда, самтҳои мусбиро дар ҳосил кардани донишҳои нави илмӣ ошкор созем, камбудиҳоро ошкор намуда, нофаҳмиҳоро ҷиҳати дарки масоили муҳимтарини таърих ба хотири дарки дурусти минбаъдаи онҳо пайгирӣ намоем. Корро тавре ба роҳ монем, ки байни хонанда ва омӯзгор ва мураббӣ тафоҳуму якдигарфаҳмии комил истиқрор гирад. Хонандагон супоришҳои омӯзгоронро бечуну чаро иҷро кунанд, бо омӯзгорон дар масоиле, ки нобаладанд, вориди баҳс нашаванд ва аз ҳама муҳим ҷойи худро диниста, эҳтироми омӯзгоронро ба ҷо биоранд.

Масалан, бо мақсади ҳавасмандгардонии эҷодиёти илмии хонандагон ба толибилмони беҳтарини мактаб имконияти супоридани имтиҳон аз фанни таърих дар намуди реферати илмӣ-таҳқиқотӣ пешкаш гардид. Бо ин мақсад роҳбари илмӣ – муаллими таърих таъин карда шуд, ки ба хонанда маслиҳат медоду дар навиштани кор кумак мерасонд.

Чунин шакли кор байни муаллимон мубоҳисаро ба вуҷуд овард. Онҳо муносибати рӯякии аксари хонандагони синфҳои болоиро ба корҳои эҷодӣ ва пажӯҳишҳои илмӣ, ки он дар интиҳо рӯбардоркуниро аз интернет ва ё аз адабиёти илмӣ-оммавӣ ба бор овард, барҳақ қайд намуданд. Мо муқобили чунин андеша эътироз баён кардем. Аввало, навиштани рефератро на ба ҳамаи хонандагон, балки танҳо ба онҳое, ки дар давоми соли таҳсил ба таърих мароқ зоҳир намуда буданду хуб мехонданд ва қобилияти илмии худро исбот месохтанд, пешниҳод намуда будем. Дуюм, дар тули солҳои дурудароз омодагии ҳам худи хонанда ва ҳам омӯзгор – роҳбари илмии ӯ ба ин кор идома меёфт.

Мактаббачагон аз дастовардҳои хеш дар пайдо кардани нишонаҳо аз осори ҷангӣ шод гашта, ба мо ибрози назар мекарданд, ки чунин гомҳо гомҳои аввалини онҳо дар иҷрои пажӯҳишҳои илмӣ маҳсуб меёбад.

Барои наврасону ҷавонон гоҳан сарфаҳм рафтани масоили таърихӣ, суду

зиёни он ва амсоли инҳо мушкил аст. Аз ин рӯ, мо аз ҷониби хеш барои дарку фаҳми масоили он масъалаи сабабу натиҷаро матраҳ намудем.

Дар чунин дарсҳо муколама бо хонандагон ба вуҷуд меояд, ки дар он дар якҷоягӣ бо аҳли синф ҳаҷми иттилооти таърихиро бо мақсади ҳалли якҷояи масъалаҳо ва гирифтани ҷавобҳои пурратар ба саволҳои гузошташуда васеъ намудем. Дар рафти чунин муошират фаҳмидани рағбати хонандагон осонтар аст.

Давраи баъдинаи интиҳоӣ коркарди тавсияҳо доир ба масъалаи тарбияи ватандӯстӣ дар хонандагон, методикаи навиштан, оро додан ва таҳлил кардани корҳои эҷодии хонандагони синфҳои болоӣ аз ҷониби муаллим буд. Дар ҷараёни таҳқиқи мавзуи мазкур ишора гардид, ки омӯзиши таърих дар мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ бахшҳои мухталифи зиндагии аҳли ҷомеаро пӯшиш медиҳад. Дар омӯзиши таърихи мамлакат зарур аст, ки мактаббачагон бо кумаку мадади омӯзгор далелу ҳаводиси таърихиро аз мавқеи таърихӣ, бо нигоҳ доштани воқеияти илмӣ дар омӯзиши таърих мавриди баррасӣ қарор диҳанд. Аз ин рӯ, дар шогирдони синфҳои болоӣ шакл додани шуури таърихӣ, шинохти шахсиятҳои таърихӣ, дарку фаҳми идеяҳои ахлоқии инсондӯстӣ, эҳтироми ҳуқуқи башар, арзишҳои зебоипарастӣ, экологӣ, шаҳрвандӣ, миллӣ, ватандӯстӣ ва тафоҳуми байни қавму миллатҳо муҳим аст. Тарбияи ватандӯстӣ ва ватанпарастӣ бахши муҳимми кори ниҳодҳои дастандаркори ватанӣ маҳсуб меёбад, охир мо бояд ватанпарасту меҳанпарастони асилро тарбия намуда, ба воя расонем.

Ғояҳои ватандӯстӣ, махсусан дар шакли таҷассуми олӣ инҳоянд: тайёрӣ ба ҳифзи марзу буми хеш, ишқу муҳаббат ба меҳани хеш, хонаи худ, эҳтиром ба меҳнат ва амсоли инҳо. Дар дунёи феълӣ масоили зиёде боқӣ мондаанд ва он масоил боиси он мешаванд, ки ҷавонони моро зимни таъйини масири тарбияи маънавӣ ба гумроҳӣ мебаранд. Аз ин рӯ, ҳадафи аслии хонавода ташхиси масир ва пайдо кардани улгуҳои хеш дар масири тарбияи ватандӯстӣ маҳсуб меёбад.

Давраи муосири рушди маънавии ҷомеа бо инкишоф ёфтани рағбат ба

таърих ва гузаштаи қаҳрамононаи Ватани мо тавсиф мегардад. Ин рағбат қонуниву фаҳмост. Он яке аз зуҳуроти рушди ҳаматарафаи шахсият дар мамлакати мутараққии демократӣ мебошад.

Яке аз шаклҳои фаъол ва эҷодии ҷалбсозии инсон ба таърих аз давраҳои қадим кишваршиносӣ буд. Ҳоло кишваршиносии таърихӣ дастовардҳои зиёдеро дорад, аммо то кунун паҳлуҳои нокушудаву таҳқиқталаби он мавҷуданд.

Кишваршиносии таърихӣ самте мебошад, ки дар оянда рушду нумуъ намуда, ба он донишҳои нав зам мегардад. Он, қабл аз ҳама, самтҳои мухталиферо доро мебошад, ки дар ояндаи наздик шомили гурӯҳҳои гуногуни синнусолӣ гардида, аз ин тариқ бо донишҳои нав ғанӣ ва мукаммал хоҳад гашт.

Мактаби кишваршиносӣ ҳанӯз давраи нумуъро аз сар гузаронида, мустаҳкам мегардад, шаклу усулҳои кории худро такмил медиҳад. Рушду қобилияти кишваршиносии таърихии мактабӣ бо нақши муҳимми он дар ҷараёни таълиму тарбия муайян мегардад.

Пеш аз ҳама, аҳамияти кишваршиносиро дар фаъолияти ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ набояд фаромӯш сохт. Муҳаббат ба Ватан ҳамеша мушаххас аст: муҳаббат ба хона, шаҳр, деҳа, кишвари худ. Барои дӯст доштани кишвари худ донистани таърихи он зарур аст. Ҳама гуна намудҳои ёдгориҳои таърихӣ барои кишваршиносии таърихии мактабӣ чун сарчашма хизмат мерасонанд. Кор бо онҳо бо вижагиҳои мақсадҳои ниҳоии худ ва бо усулҳои хос фарқ мекунад.

Кори муаллими кишваршинос серпаҳлу ва аз рӯи самтҳои назарӣ нисбат ба таҳқиқоти сирф илмӣ мураккабтар аст. Муаллим бояд се ҷанбаи омӯзиши маводро мунтазам дар назар дошта бошад: умумӣ, кишваршиносӣ ва таълимӣ-тарбиявӣ.

Исбот шудааст, ки кишваршиносии таърихӣ яке аз соҳаҳои муҳими маълумоти таърихӣ мебошад.

Ба воситаи осорхонаҳои мактабӣ ва маҳфилҳои кишваршиносӣ ҳисси

баланди ифтихор аз ватану ватандорӣ ба дар хонандагон бедор карда шуда, онҳоро барои иҷрои корҳои хеле муҳим барои халқу давлат омода менамояд.

Вазифаи аслии омӯзгори фанни таърих дар мактаббачагон бедор кардани ҳисси баланди меҳру муҳаббат ба зодгоҳ, Ватан ва марзу буми аҷдодӣ маҳсуб меёбад. Дар он ҷое, ки шавқу рағбат тавлид ёфт, танҳо як кор мемонад - равона кардани ин шавқу рағбат ба маҷрои лозимӣ.

Ин ҷо имкониятҳои калони фаъолияти кишваршиносӣ, ки ба тарбия кардани шахсияти ватандӯсту шаҳрванд на бо идеалҳои мавҳумӣ, балки дар мисолҳои мушаххас шинос кардани бачаҳо бо мероси фарҳангии мамлакат ва *«ватани хурд»* имкон медиҳад, баръало намоён аст. Мақсади корҳои кишваршиносӣ ба бачаҳо омӯзонидани дӯст доштану эхтиром кардани халқи худ, замини худ, кишвари худ, Ватани худ аст. Кишваршиносӣ ба гузашта рӯ меорад, то ин ки мактаббачаҳо решаву пайвандҳои аҷдодии худро дониста, ояндаи сазоворро бунёд карда тавонанд [10-М].

Танҳо ҳамон мамлакате дар вазъи кунунии мутташанниҷи ҷаҳони муосир ояндадор хоҳад буд, ки насли навраси он ҳисси баланди худогоҳиву хешташиносӣ дорад, ватандӯст ва аз аслу насаби хеш огоҳ аст.

Системаи тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии насли наврас ҳоло афзалиятнок ҳисобида мешавад. Муҳим он аст, ки инсони оянда чӣ гуна мешаваду то кадом андоза ӯ ду нақши муҳимии иҷтимоӣ - *«нақши шаҳрванд ва нақши ватандӯст»*-ро аз худ мекунад.

Омӯзиши маводи таърихӣ дар таҳлили муқоисавӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки назар ба омӯзиши эҷодии маърифатӣ, ки дар таҷрибаи педагогии муосир васеъ истифода мегардад, донишҳои мустаҳкамтареро ҳосил кунанд. Озмоиш муайян намуд, ки аввало, омӯзиши таърихи асри ХХ-и Ватан барои хонандагони синфҳои болоӣ дар фаҳмидани маводҳо бинобар ҳаҷми васеъ доштани иттилоот ва мухолифат дар афкори субъективии муаллифони китобҳои дарсӣ оид ба масъалаҳои гуногун, инчунин мафҳуму истилоҳҳои сершумори фалсафӣ, сиёсӣ ва иқтисодии мушкилфаҳм барои хонандагон мушкилотро ба бор меорад.

